**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**THE TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS**

# ПАЁМИ
# МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД
**№ 3 (23)**
**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
# ВЕСТНИК
**№ 3 (23)**
**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC
# BULLETIN
**№ 3 (23)**
**(**science-practicale journal**)**

Душанбе, 2020

**Сармуҳаррир**

Хайрзода Ш.Қ. – сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир:**

Сафаров Б.Г. – муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Қандиёрова Д.О. – муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

Саидмуродов Л.Ҳ. – узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ
Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Қудратов Р.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Раҳимзода Ш.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Бозоров Ш.Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Шарифов З.Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Мирзоахмедов Ф. – доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Насриддинов Ф.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Қодиров Ф.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Маъдиев С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Ҷумабоев Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори ПИТ «Молия»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Давлатов Х.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Туйғунов Н.Ҳ. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Убайдов Ф.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Садриддинов М.И. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №082/МҶ– 97 аз 15.10.2018 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2020
Паёми молия ва иқтисод
Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзадони илм чоп мешаванд.
Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) (РИНЦ) шудааст.

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ВЕСТНИК
**№ 3 (23)**
**(научно-практический журнал)**

Душанбе, 2020

**Главный редактор**

Хайрзода Ш.К. – гл. редактор, кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора:**

Сафаров Б.Г. – зам. гл. редактора, кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. – зам. гл. редактора, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия:**

Саидмуродов Л.Х. – член-кор. АН РТ, доктор экономических наук, профессор, директор Института экономики и демографии АН РТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Кудратов Р.Р. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Рахимзода Ш.М.- доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Базаров Ш.Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарифов З.Ш. - доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирзоахмедов Ф. – доктор технических наук, профессор кафедры математико-информационного моделирования Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Бегматов А.А. – кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Насриддинов Ф.Б. - кандидат экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маъдиев С. – кандидат экономических наук, доцент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джумабоев Х. – кандидат экономических наук, директор НИИ «Финансы» Таджикского государственного финансово-экономического университета

Давлатов Х.М. – кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Туйгунов Н.Х. - кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, зав. кафедрой международной финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдов Ф.С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Садриддинов М.И. - кандидат экономических наук, зав. кафедрой аудита Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.**

*Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №082/ЖР - 97 с 15.10.2018г.*

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2020

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

**THE FINANCE AND ECONOMIC BULLETIN**
(science-practicale journal)
№ 3 (23)

Dushanbe, 2020

**CHIEF EDITOR**

Khayrzoda Sh.K - chief editor, candidate of Economic sciences, associate professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

**DEPUTY CHIEF EDITORS:**

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Кandiyorova D.O. - doctor of Economics, Professor of the Department of Accounting of the Tajik State University of Finance and Economics

**EDITORIAL BOARD:**

Saidmurodov L.H. – Member of the Academy of RT, Doctor of Economics, Professor, Director of the Institute of Economics and Demography Academy of RT

Ergashev R.Kh. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Kudratov R.R. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Rahimzoda Sh.M. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics

Bozorov Sh.Sh. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Management of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirzoakhmedov F. – Doctor of Technical sciences, Professor of the Department of Mathematics and Information Modeling of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. - Doctor of Economics, Professor, director of research institute of “Finance” of the Tajik State University of Finance and Economics

Begmatov A. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Money circulationof the Tajik State University of Finance and Economics

Nasriddinov F.B.. - candidate of Economic sciences, professor of the Department of Economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Kodirov F.A. – deputy chief editor, candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Madiev S.– candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics

Jumaboev Kh. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department ofTax and Taxation of the Tajik State University of Finance and Economics

Davlatov Kh.M. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Tuygunov N.Kh. – candidate of Philology, associate professor, Head of the Department of Foreign Languages of the Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - candidate of Economic sciences, Head of the department of international finance and credit relation of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydov F. - candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Sadriddinov M.I.- candidate of Economic sciences, Head of the department of autiting of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. - candidate of Economic sciences, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics

**The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.**

The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №082/ЖР – 97 from 15.10.2018

The Tajik State University of Finance and Economics, 2020

The Finance and Economic Bulletin

The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.

The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

**УДК: 336.71**

# ДИГАРГУНШАВИИ СОХТОРИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ НОУСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ

***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** - *н.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

*Мақола ба масоили мубрами шаклгирии асосҳои институтсионалии низоми бонкии кишвар, дигаргуншавии сохтори он вобаста ба таъсири буҳронҳои молиявӣ ва ноустувории молиявии иқтисоди миллӣ бахшида шудааст. Муаллиф нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкии кишварро давоми солҳои 2008-2019 омӯхта, мушкилоти вобаста ба бонкҳои низомсоз бавуҷудомадаро дар соҳа тавзеҳ додааст.*

*Ба муаллиф муяссар шудааст, ки давра ба давра болоравии нақши танзимгари миллиро ҳамчун мақоми ягонае, ки маҷмӯи салоҳиятҳоро оид ба танзими институтсионалӣ ва пруденсиалии бозорҳои молиявӣ, низоми бонкӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муштариёни хадамоти бонкӣ ва суғуртавии бахши молиявӣ дорад, маълум намояд ва эҷоди институтҳои асосии ҳимояи ин ҳуқуқҳоро дар ҷумҳурӣ пайгирӣ кунад. Муаллиф оид ба ҳар як мушкили соҳаи бонкдории мамлакат ва дар маҷмӯъ, низоми молиявии ватанӣ хулосаҳои асоснок бароварда, роҳҳо ва самтҳои имконпазири ҳалли онҳоро нишон додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *бонкҳо, низоми бонкӣ, бозорҳои молиявӣ, назорати пруденсиалӣ, суғурта, маърифати молиявӣ, танзимгар, коғазҳои қиматнок, биржа, евробонк, ташкилотҳои қарзӣ, маблағгузории хурд, вомбарг, рушди институтсионалӣ.*

# ТРАНСФОРМАЦИЯ СТРУКТУРЫ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОЙ НЕСТАБИЛЬНОСТИ

***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** - *к.э.н., доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

*Статья посвящена актуальным вопросам формирования институциональных основ банковской системы страны, трансформации ее структуры вследствие воздействий финансовых кризисов и финансовой нестабильности национальной экономики. Автор, исследовав основные показатели банковской системы страны в период 2008-2019 гг., излагает проблемы, возникшие в связи со системообразующимися банками данной отрасли.*

*Автору удалось выявить постепенный рост роли национального регулятора как единого органа с комплексом полномочий по институциональному и пруденциальному регулированию финансовых рынков, банковской системы, защиты потребителей банковских и страховых услуг финансового сектора, а также исследовать создание ключевых институтов по защите данных прав в республике. Автор делает обоснованные выводы по каждой проблеме банковского сектора страны и отечественной финансовой системы в целом, а также показывает возможные пути и направления их решения.*

***Ключевые слова:*** *банки, банковская система, финансовые рынки, пруденциальный надзор, страхование, финансовая грамотность, регулятор, ценные бумаги, биржи, евробонды, кредитные организации, микрофинансирование, облигации, институциональное развитие.*

# TRANSFORMATION OF THE BANKING SYSTEM STRUCTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN UNDER THE CONDITIONS OF FINANCIAL INSTABILITY

***Khayrzoda Shukrullo Kurbonali*** - *candidate of economic sciences, associate professor; rector of The Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: 918-94-94-48.*

*The article is devoted to topical issues of the formation of the institutional foundations of the country's banking system, the transformation of its structure due to the impact of financial crises and financial instability of the national economy. The author, having studied the main indicators of the country's banking system in the period 2008-2019, outlines the problems that have arisen in connection with the systemically important banks in the industry.*

*The author was able to identify the gradual growth of the role of the national regulator as a single body with a set of powers for the institutional and prudential regulation of financial markets, the banking system, consumer protection of banking and insurance services of the financial sector, and to study the creation of key institutions for the protection of these rights in the republic. to exercise these rights in the republic. The author draws well-grounded conclusions on each problem of the country's banking sector and the domestic financial system as a whole, and also shows possible ways and directions for their solution.*

***Key words:*** *banks, banking system, financial markets, prudential supervision, insurance, financial literacy, regulator, securities, stock exchanges, Eurobonds, credit institutions, microfinance, bonds, institutional development.*

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкии мувофиқ ба принсипҳо ва хусусиятҳои амалкарди иқтисоди давраи гузариш ташаккул ёфт. Бо мурури наздиктар шудан ба иқтисоди бозорӣ, асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии фаъолияти он мукаммалтар гардида, инфрасохтори муносиби бонкӣ бунёд шуда, дар он стандартҳои байналхалқии баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва назорати бонкӣ ҷорӣ карда шуданд. Айни замон низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ шакл гирифта, ҳам аз рӯйи сохтор ва ҳам аз рӯйи усулҳо ва механизмҳои пешбурди фаъолияти бонкӣ ба низоми ҷаҳонии молиявӣ ҳамгиро шудааст.

Низоми муосири бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019) бо 80 ташкилоти қарзӣ муаррифӣ мешавад, ки аз ҷумла 17 бонк, 25 ташкилоти қарзии хурд ва 6 ташкилоти маблағгузории хурд, инчунин, 31 фондҳои қарзии хурдро дар бар мегирад. Динамикаи тағйирёбии шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2019 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи тағйирёбии шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2019 (дар аввали сол)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Низоми бонкӣ | 113 | 143 | 138 | 139 | 124 | 105 | 85 | 80 | 80 |
| 2 | Ташкилотҳои қарзӣ | 112 | 142 | 137 | 138 | 123 | 104 | 84 | 79 | 79 |
| 3 | Бонкҳо | 12 | 16 | 16 | 17 | 17 | 18 | 17 | 17 | 17 |
| 4 | Бонкҳои ғайридавлатӣ | 11 | 15 | 15 | 16 | 16 | 17 | 16 | 16 | 16 |
| 5 | Бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ | 11 | 13 | 13 | 13 | 13 | 13 | 10 | 10 | 10 |
| 4 | Филиали бонкҳои хориҷӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 5 | Филиали бонкҳо | 235 | 304 | 327 | 344 | 355 | 353 | 266 | 250 | 244 |
| | Марказҳои хизматрасонии бонкии назди бонкҳо | - | 647 | 816 | 894 | 1012 | 1157 | 1 076 | 1 050 | 1080 |
| | Нуқтаҳои интиқоли пул | - | 768 | 1 077 | 1 292 | - | - | - | - | - |
| | Нуқтаҳои мубодилаи асъор | 823 | 541 | 593 | 637 | - | - | - | - | - |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Ташкилотҳои ғайрибонкии қарзӣ | 8 | 1 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 7 | Ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла: | 92 | 125 | 120 | 120 | 106 | 86 | 67 | 62 | 62 |
| 8 | ТАҚХ<br>Шумораи филиалҳо<br>Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 14<br>-<br>- | 35<br>-<br>16 | 39<br>-<br>163 | 42<br>-<br>238 | 39<br>78<br>223 | 38<br>84<br>263 | 27<br>77<br>251 | 25<br>83<br>286 | 25<br>82<br>289 |
| 9 | Ташкилотҳои қарзии хурд | 37 | 44 | 42 | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 |
| 10 | Фондҳои қарзии хурд | 41 | 46 | 39 | 36 | 36 | 34 | 33 | 31 | 31 |

***Манбаъ:*** *Бюллетени омори бонкӣ 3 (236) 2015. - С. 70-73; Бюллетени омори бонкӣ 12 (221) 2013. - С. 92-97; Бюллетени омори бонкӣ 4 (285) 2019 - С. 77-80.*

Дар давраи мавриди таҳлил (солҳои 2008-2019), чуноне ки дар ҷадвали 1 дида мешавад, дар сохтори институтсионалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешрафтҳои назаррас ба амал омаданд. Теъдоди бонкҳои тиҷоратӣ, сарфи назар аз барҳам додани ду бонк – «Фононбонк» ва «Тоҷпромбонк», дар давраи мавриди назар аз 12 то ба 17 адад афзуд. Ташкилотҳои ғайрибонкии қарзӣ, нуқтаҳои интиқоли пул ва мубодилаи асъор, ки то соли 2014 фаъолият мекарданд, ҳамчун зинаҳои аз нуқтаи назари танзими макропруденсиалии бонкӣ камсамар барҳам дода шуданд.

Дар робита ба филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ бояд қайд кард, ки дар солҳои 2008-2019 дар рушди онҳо ду давра мушоҳида мешавад. Давраи вусъатёбии бошиддати шабакаи филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ, аз соли 2008 то соли 2015, вақте ки шумораи онҳо аз 235 то 355 адад ё 1,5 маротиба зиёд шуд, амалан бонкҳои тиҷоратӣ филиали худро дар ҳар як ноҳияи кишвар кушода буданд. Бунёди филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар маҳалҳо на ҳамеша талаботи воқеиро ба хизматрасонии бонкӣ ба назар мегирифт, ки дар натиҷа, хароҷот барои нигоҳдории онҳо беасос буда, ин омил боиси бадшавии вазъи молиявии як қатор бонкҳои тиҷоратӣ, ба мисли «Тоҷиксодиротбонк» ва «Агроинвестбонк» гардид. Бинобар ин, аз соли 2016 сар карда бо тавсияи танзимгар бонкҳои калони тиҷоратӣ ба барҳамдиҳии филиалҳои худ дар маҳалҳо шурӯъ карданд ва тамоили коҳишёбии шумораи онҳо ба вуҷуд омад. Давоми солҳои 2015-2019 шумораи филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ аз 355 то ба 244 адад, ё ин ки 1,5 маротиба камтар шуд.

Дар чунин шароит шакли самараноктари расонидани хизматҳои бонкӣ дар маҳалҳо таъсиси марказҳои хизматрасонии бонкӣ гардид. Тасодуфӣ нест, ки дар солҳои охир марказҳои хизматрасонии бонкии ҳам бонкҳо ва ҳам ташкилотҳои маблағгузории хурд бошиддат рушд карданд. Агар дар соли 2008 дар ҷумҳурӣ ягон маркази хизматрасонии бонкӣ вуҷуд надошта бошад, пас дар соли 2019 шумораи онҳо ба 1369 адад расид.

Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ тамоили коҳишёбии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба вуҷуд омадааст. Танҳо дар давраи баррасишаванда шумораи онҳо қариб ду маротиба кам шудааст. Бисёре аз ин ташкилотҳои барҳамдодашуда ё ба талаботи микропруденсиалии танзимгар оид ба кифояти сармоя ҷавобгӯ набуданд

ва ё дар баробари таҳдидҳои рақобати байнибонкӣ истодагарӣ карда натавонистанд.

Коҳиши якбораи теъдоди муассисаҳои қарзӣ дар кишвар ба он марбут аст, ки аз нимаи дуюми соли 2015 сар карда, БМТ сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро роҳандозӣ карда истодааст. Дар назар буд, ки ташкилотҳои қарзӣ бояд қавитар гарданд, аз ин рӯ, қарор оид ба зиёд кардани сармояи оинномавии ташкилотҳои маблағгузории хурд қабул карда шуд. Бисёре аз онҳо ба ин талабот мувофиқат накарданд ва як қисмашон баста шуданд, қисмати дигар маҷбур шуданд, ки бо дигар ташкилотҳо муттаҳид шаванд ва ҳамаи ин, дар умум, боиси коҳиши шумораи онҳо гардид. Бо ин сабаб, фаъолияти ҶДММ ТҚХ «Меҳробод» (2016), ҶСП ТҚХ «Мададгори Мастчоҳ» (2016), ҶДММ ТҚХ «Даҳана» қатъ гардид. Тамоили мазкур дар солҳои баъдӣ низ идома ёфт. Дар соли 2017 5 ТАХ, 9 ТҚХ ва 3 ФҚХ баста шуданд ва дар соли 2018 бошад, бо ташаббуси БМТ фаъолияти ҶСП ТАХ «Боварӣ ва шарикӣ», ҶДММ ТҚХ «Самит» қатъ карда шуд.

Дар дигар маврид, танзимгар нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади тақвияти устуворӣ ва рақобатпазирии онҳо, муттаҳидсозии онҳоро лозим донист. Чунончӣ, соли 2016 ҶДММ ТҚХ «Мадина ва шарикон», ҶСП ТҚХ «Рушди занон» ва ҶДММ ТҚХ «Кишоварзон» бо қарори БМТ аз 09.08.2016 сол. муттаҳид карда шуданд.

Тамоили камшавии шумораи ташкилотҳои қарзиро дар солҳои 2015-2019 таҳлил намуда, қайд мекунем, ки тоза кардани низоми бонкӣ аз ташкилотҳои рақобатнопазири қарзӣ тадбири хеле маҷбурӣ дар кишвари мо мебошад, чунки аз сабаби сатҳи пасти маърифати молиявии аҳолӣ усулҳои фосилавии хизматрасонии бонкиро ба роҳ мондан хеле душвор аст. Аз ин сабаб, коҳиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо ногузир ба камшавии фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ ва сатҳи дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ оварда мерасонад.

Дар робита ба ин, БМТ аз як тараф, маҷбур аст, ки талаботро ба ташкилотҳои қарзӣ сахттар кунад, то ки устувории низоми бонкии мамлакатро бо роҳи тоза кардани он аз бонкҳою ташкилотҳои маблағгузории хурди заиф ва рақобатнопазир таъмин намояд. Аз тарафи дигар, БМТ мақсади зиёд кардани шумораи ташкилотҳои қарзии қобилиятнокро ҷиҳати рушди рақобати байнибонкӣ ва таъмини дастрасии ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ пайгирӣ мекунад. Бинобар ин, БМТ сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро роҳандозӣ карда, ба ташкилотҳои қарзии аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор дастгирии ташкилӣ-молиявӣ мерасонад, ба рушди сармоякунонии онҳо мусоидат менамояд, мӯҳлати кори маъмурияти муваққатиро дароз мекунад ва ба раванди таҳлили фаъолияти онҳо коршиносони берунаро ҷалб менамояд, инчунин, нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявии онҳо таҳия ва татбиқ менамояд. Нисбат ба «Фононбонк» ва «Тоҷпромбонк», пеш аз он ки фаъолияти онҳоро қатъ созад, БМТ ҳамин тавр муносибат карда буд. Аз соли 2016 то имрӯз БМТ бад-ин минвол бо ҶСШК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСШК «Агроинвестбонк», ки бонкҳои низомсози кишвар маҳсуб мешуданд, муносибат дорад.

Рушди институтсионалии низоми бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, бояд тазаккур дод, ки коҳиши субъектҳои институтсионалии фаъолияти бонкӣ дар робита ба саноатикунонӣ ва рақамикунонии соҳаи бонкӣ қонунияти умумии рушди хоҷагии ҷаҳонии бонкӣ мебошад. Бинобар ин, имрӯзҳо ихтисоршавии шумораи идораҳои бонкӣ дар тамоми ҷаҳон сурат мегирад. Чунончи, дар давоми 4 сол (2014-2018) дар Россия ҳар панҷум зерсохтори ташкилотҳои қарзӣ баста шуданд. Шумораи умумии идораҳои бонкии дар 8 соли охир дар ИМА басташуда қариб ба 6 ҳазор адад мерасад [8, с. 54].

Дар солҳои 2008-2018 бо андозаи камтарини муқарраршудаи сармояи оинномавӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ - 80 млн. сомонӣ як қатор бонкҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуданд, аз ҷумла: ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон», ҶСП «Аксесбонки Тоҷикистон», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСП «Бонки Осиё», ҶСП «Казкомерсбонки Тоҷикистон», ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Душанбе» ва ғ. Дар натиҷа, сарфи назар аз барҳамхӯрии бонкҳои алоҳидаи тиҷоратии муфлисгардида, дар оғози соли 2019 шумораи умумии онҳо 17 ададро дар муқобили 12 адад дар соли 2008 ташкил дод. Таҷрибаи бунёди бонкҳои тиҷоратӣ дар заминаи ташкилотҳои амонатгузории қарзии хурд (ТАҚХ) ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, дар соли 2016 дар заминаи ҶДММ ТАҚХ «Стандарт ва молия» - ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва соли 2017 бошад, дар заминаи ҶДММ ТАҚХ «Фардо» - ҶСП «Аксесбонки Тоҷикистон» (Қарори БМТ аз 10.10.2017, №1) таъсис дода шуд. Соли 2019 бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии ҶСП «Аксесбонки Тоҷикистон» ва ТАҚХ «Арванд» онҳо бо ҳамдигар муттаҳид гардида, дар ин замина, бонки нав - ҶСП «Арванд», дар заминаи ҶСШК «Соҳибкорбанк» бошад, бонки нав бо усули бонкдории исломӣ - ҶСШК «Тавҳидбонк» созмон дода шуд. Бар замми ин, дар ҳамин давра ду ТАҚХ - ҶСП ТАҚХ «Алиф-сармоя» (2014) ва ҶСП ТАҚХ «Ардо-сармоя» (2018) таъсис ёфта, баъдан ҶСП ТАҚХ «Алиф-сармоя» ба ҶСШК «Алиф Бонк» табдил дода шуд.

Дар сармояи оинномавии аксарияти бонкҳои тиҷоратии навтаъсис сармояи хориҷӣ ҳузур дорад, яъне онҳо бонкҳои бо иштироки сармояи хориҷӣ маҳсуб меёбанд. Ҷараёни сармояи хориҷӣ ба болоравии фарҳанги корпоративии идоракунӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат карда, дастрасии технологияи муосир ва маҳсулоти нави молиявиро ба бозори ватании хизматрасониҳои бонкӣ таъмин намуда, рақобатро инкишоф медиҳад ва умури бонкии муосирро мукаммал мегардонад, ки ин ба болоравии сифат ва коҳиши нархҳо оварда расонида, инчунин, шаффофият ва ҷолибияти сармоягузории Тоҷикистонро афзоиш медиҳад.

Бинобар ин, бунёди бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ё бонкҳои фаръӣ, дар умум, омилест, ки ба фаъолияти самараноки низоми миллии бонкӣ мусоидат мекунад. Бар замми ин, маҷрои сармояи хориҷӣ ба низоми миллии бонкӣ раванди ҳамгироии онро ба низоми молиявии ҷаҳонӣ шиддат бахшида, рақобати байнибонкиро тақвият медиҳад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори хадамоти бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷиҳати ҷалби сармояи иловагӣ ба ин соҳа, андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавиро барои бонкҳои тиҷоратӣ 50 млн.

сомонӣ муқаррар намуданд (қаблан ин нишондиҳанда 80 млн. сомониро ташкил медод) [9]. Ин қарор ба рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва ҷоннокшавии муборизаи рақобатӣ дар байни бонкҳо, инчунин, табдилдиҳии баъзе ташкилотҳои амалкунандаи қарзию амонатгузорӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба такмили асосҳои институтсионалии низоми бонкӣ, амиқтар гардонидани ислоҳоти институтсионалии он таваҷҷуҳи махсус дода шудааст [5, с. 71-73]. Аз ин рӯ, дар давраи мавриди баррасӣ бо ҷаҳду талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ, бо назардошти муқаррароти СМР-2030 ва сабақҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, рушди минбаъдаи асосҳои институтсионалии низоми бонкии кишвар таъмин карда мешуд. Дар навбати аввал, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» дар таҳрири нав аз 28 июни соли 2011, №722 қабул гардид, ки дар он салоҳиятҳои БМТ дар самти танзими макро - ва микропруденсиалии низоми бонкӣ, истифодаи афзорҳои молиявию қарзӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи бонкӣ, хеле васеътар карда шуданд. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» дар таҳрири нав (02.08.2011 с.) қабул гардида, соли 2015 ба он тағйироту иловаҳои муҳим ворид карда шуданд (№1250 аз 23.11.2015 с.). Тибқи он, Агентии суғуртаи пасандозҳо, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият мекунад ва маблағи ҷуброни суғуртавӣ аз рӯйи амонатҳо ба андозаи 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (ё 2000 долл. ИМА) муқаррар карда шудааст. Кафолати давлатии амонатҳои шахсони воқеӣ, бешубҳа, боварии аҳолиро ба низоми бонкӣ ва захираҳои пойгоҳии бонкҳои тиҷоратиро зиёд мекунад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз» аз 26 марти соли 2009, №492 барои бунёди бюрои қарзӣ дар ҷумҳурӣ ва беҳтаршавии кори ташкилотҳои қарзӣ бо қарзгирандагони имконпазир мусоидат намуд. Ҳоло дар кишвар ду бюрои қарзӣ фаъолияти муваффақ доранд: ҶДММ «Бюрои иттилоотию қарзӣ» ва ҶДММ «Бюрои таърихи қарзҳои Сомонӣ».

Дар татбиқи вазифаи асосии ташкилоти қарзӣ қонуни дар таҳрири нав қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008, №364 нақши калон бозид, ки муқаррароти асосии гаравмонии амволи ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро зимни гирифтани қарзи бонкӣ муайян мекунад. Қобили қайд аст, ки қарзи ипотекӣ то соли 2009 аз тарафи бонкҳои кишвар, умуман, дода намешуд. Вай танҳо дар соли 2010 пайдо шуд ва баъдан босуръат рушд кард. Чунончӣ, агар дар соли 2010 ҳаҷми он 11,4 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2015 то ба андозаи 166 млн. сомонӣ, ё аз 14 маротиба зиёд шудааст. Зимнан, ин нишондиҳанда дар солҳои баъдӣ коҳиш ёфта, дар соли 2018 ба 76,1 млн. сомонӣ баробар шуд, ки бо камбудӣ дар баҳогузории амволи гарави ғайриманқул ва манфиатдор набудани бонкҳо ба додани қарзҳои дарозмуҳлат ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо сабаби ноустувории молиявиашон марбут аст.

Дар шароити ноустувории молиявии низоми бонкӣ, дар сохтори институтсионалии он институтҳои нав - стратегияҳо ва нақшаҳои

солимгардонии низоми бонкӣ, инчунин, дигар асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ пайдо шуданд, ки назоратро аз ҷониби танзимгар пурзӯр карда, бо ҳамин институтҳои қаблан вуҷуднадоштаи ҳуқуқӣ сохта шуданд. Соли 2010 Стратегияи рушди бахши бонкии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2015 қабул карда шуд, ки дар он ба ҳолати бахши бонкӣ баҳои ҳаматарафа дода шуда, мушкилоти дар ин бахш мавҷудбуда ошкор гардида, роҳҳои ҳалли онҳо асоснок гардиданд. Татбиқи он ба рушди минбаъдаи асосҳои институтсионалӣ ва солимгардонии бахши бонкии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ, инкишофи механизмҳои ҳифзи истеъмолкунандагони хадамоти молиявӣ ва болоравии маърифати молиявии аҳолӣ мусоидат кард.

Бори нахуст дар таҷрибаи бонкии ватанӣ Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул (аз 14 декабри соли 2016, №174) ва амалӣ гардида, дар он ҳадафҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, нишондиҳандаҳои мақсадноки он муайян карда шудаанд. Дар Стратегияи мазкур вазифаҳои мушаххас оид ба афзоиши манфиатнокӣ нисбат ба истифодаи асъори миллӣ ва ғайридолларикунонии иқтисодиёт, гузаронидани сиёсати қурби мубодилавии асъор гузошта шудаанд, ки бо аҳдофи Стратегия ва сохтори иқтисод, тавсеаи инфрасохтори бозорҳои байнибонкӣ ва молиявӣ, таъмини устувории молиявӣ ва рушди асосҳои институтсионалии низоми бонкӣ, инчунин, рушди механизми ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ ва андозию буҷетӣ мувофиқат мекунанд. Дар рафти татбиқи он нуфузи асъори миллӣ - сомонӣ ҳамчун василаи ягонаи пардохт дар тамоми қарордодҳои дар қаламрави кишвар амалишаванда боло рафта, масири ғайридолларикунонии иқтисодиёт оғоз гардида, рушди монетизатсияи иқтисоди миллӣ таъмин гардид.

Ҳамаи ин ба таҳкими пойгоҳи захиравӣ ва афзоиши ҳаҷми маблағгузориҳои қарзии бонкҳо дар рушди иқтисоди кишвар ва иҷрои вазифаҳояшон мусоидат намуд. Рӯйдоди фараҳбахш дар солҳои охир муқаррар намудани принсипҳои танзими фаъолияти бонкӣ дар Тоҷикистон мутобиқи талаботи байналхалқӣ ва қабули ухдадориҳои аз ҷониби кишвари мо қабулгардида оид ба истифодабарии стандартҳои Базелии назорат ва танзими пруденсиалӣ (мувофиқи созишномаи Базел-1 ва Базел-2) буд. Дар айни замон стандартҳои Базел-1 дар низоми ватании бонкии Тоҷикистон зимни гузариш ба стандартҳои байналхалқӣ аҳамияти калон доранд. Дар Стратегияи зикршуда вазифаи татбиқи талаботи Базел-2 дар амалияи идораи низоми бонкии кишвар гузошта шудааст.

Бо мақсади арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва низоми бонкӣ дар асоси меъёрҳои Базелӣ, соли 2009 БМТ бори нахуст Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ»-ро аз 9-уми октябри соли 2009, №304 қабул кард. Минбаъд, давра ба давра бо назардошти тағйироти бавуҷудомада дар амалияи бонкӣ ба он иловаҳо қабул гардиданд (охиринаш 12 ноябри соли 2019, №143).

Бар замми ин, солҳои 2009-2019 БМТ як даста дастурамалҳо ва муқарраротеро қабул кард, ки ҳадафашон тақвият додани нақши БМТ дар иҷрои назорат ва танзими пруденсиалии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад, аз ҷумла: «Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои онҳо» (аз 30.01.2014с., №13), «Тартиби

истифодабарии чораҳои фаврии ислоҳӣ ва тадбирҳои таъсиррасонӣ аз ҷониби БМТ нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ» (03.05.2016с., №60), Нақшаи ҳисобҳо барои Бонки миллии Тоҷикистон (21.11.2013с., №296), «Қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва маблағгузории хурд» (10.02.2012с., №36) ва ғ.

Таҷрибаи ҷаҳонии хоҷагидории бонкӣ собит месозад, ки ҳолати умумии низоми бонкии кишвар бо вазъи молиявӣ ва устувории ташкилотҳои қарзии низомсоз муайян карда мешавад. Таъсири номатлуби вазъи буҳронии ҶСШК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶШСК «Агроинвестбонк», ки то соли 2016 дар қатори БДА «Амонатбонк» бонкҳои пешбари кишвар маҳсуб меёфтанд, ба устувории низоми бонкӣ дар маҷмӯъ, гувоҳи ин гуфтаҳост. Махсус бояд аҳамияти дастурамали методии «Қоидаҳои муайянкунии ташкилотҳои қарзии низомсоз»-ро, ки аз ҷониби БМТ 30 ноябри соли 2018 тасдиқ шудааст, қайд кардан зарур аст. Чуноне ки дар он зикр шудааст, ташкилотҳои қарзии низомсоз, ки дар таъмини устувории низоми бонкӣ нақши махсусро мебозанд, таваҷҷуҳи махсуси танзимгарро талаб мекунанд.

Дар асоси Қоидаҳо бори нахуст дар таърихи низоми бонкии миллӣ аз рӯйи натиҷаҳои соли 2018 бо қарори БМТ аз 06.02.2019с. феҳристи ташкилотҳои қарзии низомсози имконпазир тасдиқ карда шуд. Ба он, аз ҷумла, инҳо шомил шуданд: БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶШСК "Ориёнбонк", ҶШСК "Бонки Эсхата", ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" (ташкилоти имконпазири қарзӣ), ки дорои нишондиҳандаҳои зерин оид ба меъёри ҷамъбастӣ (бо %) буданд: БДА ҶТ "Амонатбонк" - 30,64, ҶШСК "Ориёнбонк" - 21,75, ҶШСК "Бонки Эсхата" - 13,52 ва ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" (ташкилоти имконпазири қарзӣ) - 7,30 [4, с.9]. Чуноне ки маълум мешавад, ташкилотҳои қарзии номбаршуда, ки ба ин феҳрист шомиланд, дар соли 2019 дар якҷоягӣ аз рӯйи меъёри ҷамъбастӣ 73,21% низоми бонкии Тоҷикистонро ташкил мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки агар танзимгар кори муътадили онҳоро тақозо кунад, пас дар устувории низоми бонкӣ мушкиле ба вуҷуд намеояд.

Трансформатсияи сохтори институтсионалии низоми бонкии Тоҷикистонро дар шароити ноустувории молиявӣ баррасӣ карда, қайд мекунем, ки дар ин давра ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо ёрии ҷорисозии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ диққати махсус дода мешуд. Соли 2016 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт» қабул гардид, ки дар он асосҳои ҳуқуқии рушди низоми мазкур дар шароити муосир дар кишвар муайян карда шуда буданд. Барои густариши минбаъдаи амалиёти ғайринақдӣ дар кишвар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба рушди минбаъдаи ҳисоббаробарнамоиҳои ғайринақдӣ» аз 30.11.2018с. қабул гардид.

Бо мақсади татбиқи усулҳои фосилавии хизматрасонии бонкӣ дар солҳои охир дар низоми бонкии Тоҷикистон дар самти афзоиши теъдоди банкоматҳо ва терминалҳо дар сартосари кишвар махсусан, дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо, дар самти бароридан ва паҳнкунии кортҳои пардохтӣ дар байни аҳолӣ корҳои зиёде ба сомон расиданд. Дар солҳои 2008-2018 шумораи терминалҳо дар корхонаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз 47 то 3014 адад, банкоматҳо аз 124 то 678 адад, шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ аз

46372 то 1791655 нафар ва ҳаҷми пулҳои гирифташудаи нақдӣ аз 393 млн. сомонӣ то 9957 млн. сомонӣ афзудааст [1, с.130]. Зимнан диққати махсус ба густариши истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо барои хариди молу хизматрасонӣ дода мешуд. Агар маблағи умумии пардохти молу хизматҳо бо ёрии кортҳои пардохтии бонкӣ дар соли 2008-ум 39 млн. сомонӣ бошад, пас соли 2018 то ба 510 млн. сомонӣ, ё ин ки 13 маротиба афзудааст.

Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии Системаи миллии пардохтии «КОРТИ МИЛЛӢ», системаҳои байналхалқии пардохтии VISA ва Master card, кобрендинги кортҳои системаҳои пардохтии Union Pay ва НПМ - КОРТИ МИЛЛӢ, кортҳои пардохтии системаҳои маҳаллии ташкилотҳои қарзӣ ба муомилот бароварда мешаванд [13].

Таҳлил нишон медиҳад, ки соли 2018 шумораи умумии кортҳои пардохтии баровардаи ташкилотҳои қарзӣ 21 096 ҳаз. амалиётро ташкил дод, ки 48,7 маротиба нисбат ба соли 2008 (433 ҳаз. амалиёт) зиёдтар аст. Аз ҷумла: 84,14% кортҳои пардохтии Низоми миллии пардохт - КОРТИ МИЛЛӢ, 9,73% кортҳои низомҳои байналхалқии пардохтӣ (Visa ва Mastercard), 5,53% кортҳои пардохтии низомҳои маҳаллии ташкилотҳои қарзӣ ва 0,6% кортҳои пардохтии муштарак (Union Pay - НМП - КОРТИ МИЛЛӢ).

Сарфи назар аз рушди босуръати низомҳои муосири электронии ҳисоббаробарнамоӣ, ҳанӯз ҳам ҳиссаи ҳисоббаробарнамоиҳои нақдӣ дар иқтисодиёти кишвар баланд боқӣ мемонад. Соли 2018 ҳиссаи пулҳои нақди дар муомилотбудаи берун аз низоми бонкӣ, дар гардиши умумии пули кишвар 44%-ро ташкил дод [10, с.8]. Барои муқоиса ҳамин нишондод дар Россия - 10%, ИМА - 7%, Хитой - 9,3%, Беларус, Қазоқистон, Британияи Кабир, ҶАҶ - то 4%, Ҷопон - 17,8%-ро ташкил медиҳад [7, с.53]. Ҳисоббаробарнамоиҳои ғайринақдӣ ба таври васеъ дар Шветсия истифода мешаванд, ки дар он ҷо ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии пардохтҳо 98%-ро ташкил медиҳад [6, с.64].

Солҳои охир дар инкишофи институти бозори коғазҳои қиматнок пешрафтҳои матлуб сурат мегиранд. Моҳи апрели соли 2015 дар ҷумҳурӣ «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» таъсис дода шуда, минбаъд барои бунёди он аллакай тақрибан 35 млн. сомонӣ сармоягузорӣ шудааст. Бори нахуст дар кишвари мо соли 2016 бонки «Эсхата» вомбаргҳои бонкии корпоративӣ баровард. Ҳадафи асосии барориши мазкур ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ буд. Вомбаргҳои арзишашон 100 сомонӣ ба маблағи умумии 20 000 000 сомонӣ бо муҳлати гардиши то 2 сол ва меъёри фоизи 22% солона интишор ёфтанд. Бонки «Эсхата» ба осонӣ листинги коғазҳои қиматноки корпоративии дусоларо дар ҳаҷми 20 млн. сомонӣ дар ҶШСК «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» дарёфт кард. Ширкати «Прайм инвест» 26 декабри соли 2017 хабаре паҳн кард, ки тақрибан 70% вомбаргҳои корпоративии бонки «Эсхата» ба фурӯш рафта, аксарияти дорандагони коғазҳои қиматнок шахсони воқеӣ мебошанд [11, с.65].

Дар ин росто, бояд тазаккур дод, ки солҳои охир БМТ якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои аввалинро барои баромадан ба бозори байналхалқии фондӣ бо мақсади фурӯхтани коғазҳои қиматноки давлатӣ (евробондҳо) карда истодаанд. Иқдоми нахустин дар

ин самт, ки бомуваффақият анҷом ёфт, 7 сентябри 2017 рух дод. Вақте ки БМТ якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мусоидати бонкҳои сармоягузории «Райффайзенбанк» ва «Ситибанк» рӯнамо ва фурӯши коғазҳои қиматноки давлатиро (евробондҳо) дар бозори байналхалқии молиявӣ ба маблағи 500 млн. долл. ИМА ҷиҳати идома додани сохтмони НБО «Роғун» бо 7,2% солона роҳандозӣ карданд. Харидорони саҳмияҳо ширкатҳои калонтарини ИМА (38%), Британияи Кабир (24%), Иттиҳоди Аврупо (35%) ва Осиё (3%) буданд [5, с.23].

Аммо дар марҳилаи ҷории рушди низоми бонкии кишвар дастрасии субъектҳои ватанӣ ба бозорҳои ҷаҳонии сармоя маҳдуд буда, тавозуни ҳамкориҳои мутақобилаи бонкҳои мамлакат бо ҷаҳони берун, тибқи ҳисобҳои мо, дар сатҳи 2,7% ММД қарор дорад. Бар замми ин, солҳои охир коҳишёбии шумораи бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ (аз 13 адад дар соли 2010 то ба 10 адад дар ибтидои соли 2019) мушоҳида мешавад. Гузашта аз ин, то ҳанӯз дар ҷумҳурӣ филиалҳои бонкҳои хориҷӣ рушд накардаанд. Ин гувоҳи он аст, ки ҳамгироии бахши бонкии кишвар бо низоми байналхалқии молиявӣ дар сатҳи паст қарор дошта, равобит бо маҷроҳои ҷаҳонии сармоя суст мебошад, ки дар навбати худ, имкониятҳои рушди соҳибкорӣ, мувофиқсозии сохторӣ ва ба содирот нигаронидашуда, афзоиши самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, ҳалли мушкилоти макроиқтисодӣ ва иҷтимоиро маҳдуд мегардонад.

Аз рӯйи инсоф бояд иқрор шуд, ки солҳои охир БМТ дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи кишвар бо ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва бонкҳои пешбари Аврупо ва Осиё, ки дар институтсионаликунонии бахши бонкӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ кумаки молиявӣ ва техникӣ мерасонанд, ҳамкории судмандро ба роҳ монда истодаанд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкдории исломӣ» аз 26 июли соли 2014 ва иқдоми соли 2019 оғозёфтаи интиқоли «Соҳибкорбонк» ба принсипҳои бонкдории исломӣ барои болоравии сатҳи ҳамгироии бахши бонкии кишвар бо низоми молиявии байналхалқӣ заминаҳои мусоид мегузоранд.

Ба тағйироти сохторӣ дар низоми бонкии кишвар, инчунин, таъсисёбии Сарраёсати назорати суғурта дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистонро мансуб кардан мумкин аст. Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи суғурта соли 2017 ба тобеияти БМТ гузаронида шуд. Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 «Дар бораи ба ихтиёри БМТ додани салоҳиятҳои назорати суғурта» раёсати БМТ 1 майи соли 2017, №30 «Дар бораи таъсиси Сарраёсати назорати суғурта дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон» қарори дахлдор қабул кард. Ин иқдом, ба андешаи мо, бояд ба беҳтаршавии танзими фаъолияти ширкатҳои суғурта дар самти таъмини устувории молиявии онҳо мусоидат кунад, зеро амалкарди онҳо дар бисёр маврид бо ташкилотҳои қарзӣ шабеҳ аст. Аз тарафи дигар, ташкилотҳои қарзӣ ва амонатгузорони онҳо ба ҳавфҳои калони молиявӣ дучор шуда, ба хизматрасонии ширкатҳои суғурта ниёз доранд ва дар ин асос, зарурати инкишоф додани суғуртаи бонкӣ ба вуҷуд меояд, ки дар кишвари мо ба мисли худи суғурта ҳанӯз инкишоф наёфтааст. Аллакай, натиҷаҳои матлуби ҳамгироии умури бонкӣ ва суғурта дар доираи БМТ ба чашм мерасанд. Чунончи, солҳои 2016-2018 шумораи умумии ташкилотҳои

суғурта аз 17 то 22 адад зиёд гардида, ҳамзамон ширкатҳои алоҳидаи рақобатнопазир ва заиф барҳам дода шуданд. Даромади умумии онҳо дар ҳамин давра аз 131,3 млн. сомонӣ то 235,2 млн. сомонӣ афзуда, фоидаи тавозунии онҳо аз 8,9 млн. сомонӣ то 41,9 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Зимнан, аъзоҳаққии (мукофотпулиҳои) суғуртавӣ, ки аз ҷониби онҳо ба азнавсуғуртакунӣ дода шудааст, дар солҳои 2016-2018 аз 10,8 млн. сомонӣ то 61,1 млн. сомонӣ ва ё 5,66 маротиба зиёд шудааст [14, с.464-465].

Дар мақола пешниҳод карда мешавад, ки барои густариши низоми бонкии кишвар зарур аст, ки аз таҷрибаи хориҷӣ, махсусан, аз таҷрибаи бонкдории исломӣ истифода намуд [16, с.181]. Мисоли бонкҳои исломӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки афзалият ва авлавият ба маҳсулотҳои карзӣ дода мешавад. Дар ин гуна маҳсулотҳо маҳаки асосиро фоизи қарзи он ташкил медиҳад, ки он хоси бонкҳои анъанавӣ шуда наметавонад, аммо имкониятҳои васеъро барои қарзгиранда дода метавонад.

Раванди шаклгирии сохтори институтсионалии низоми бонкӣ дар шароити ноустувории молиявӣ, чуноне ки тадқиқот нишон дод, инчунин, эҷоди институтҳои дахлдорро низ фаро мегирад, ки бояд ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро таъмин кунанд. Чунки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бонкҳои марказӣ ҳамчун танзимгарони бозори молиявӣ дар муайянкунӣ ва роҳандозии сиёсати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ нақши калидӣ дошта, аз болои бозорҳои молиявӣ назорат мебаранд ва инчунин, чорабиниҳоро оид ба таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои миллии маърифати молиявӣ ҳамоҳанг месозанд. Дар ин росто, соли 2014 ба Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» тағйирот ворид карда шуданд, ки тибқи онҳо ба зумраи вазифаҳои БМТ таъмини шароити мусоид барои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хадамоти низоми бонкӣ низ медароянд. Қонунҳои амалкунандаи ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», инчунин, як қатор асноди меъёрии ҳуқуқии БМТ муқаррароти асосиро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар бар мегиранд. Соли 2015 дар БМТ шуъбаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хадамоти низоми бонкӣ таъсис дода шуд, ки фаъолияташ ба рушд ва такмили минбаъдаи низоми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хадамоти молиявӣ нигаронида шудааст. Бо ҳамин мақсад, соли 2017 барномаи миёнамуҳлати «Афзалиятҳои стратегӣ ва нақшаи амал оид ба рушди механизми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019» қабул гардида, амалӣ карда шуд.

Унсури муҳимтарини низоми ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мебошад, ки дар навбати худ, ҳамчун омили рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Сатҳи пасти саводнокии молиявӣ яке аз монеаҳои рушди бахши молиявӣ дар маҷмӯъ, гардида, имкониятҳоро маҳдуд сохта, самаранокии танзими бозорҳои молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои муштариёнро коҳиш медиҳад [12, с.42-46; 3, с.29-34]. Аз соли 2014 сар карда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ бо иштироки ташкилотҳои байналхалқӣ, БМТ ва дигар иштирокчиёни бозори молиявӣ роҳандозӣ шуда истодааст. Барномаи давлатии баланд

бардоштани саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 таҳия ва амалӣ карда шуд.

Омӯзиши сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ бо ёрии нишондиҳандаҳое ба мисли шумораи шахсони воқеӣ, ки дар низоми бонкӣ қарз мегиранд, теъдоди субъектҳои тиҷорати хурд, ҳиссаи амонатҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ дар сохтори даромадҳои пулии он, таносуби ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд дар низоми бонкӣ ба маҷмӯи даромади пулии аҳолӣ, шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ, миқдори ҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои аҳолӣ ва ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи даромадҳои пулии аҳолӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи мазкур ҳанӯз хеле паст мебошад. Тасодуфӣ нест, ки дар СМР-2030 вазифаи «таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ» гузошта шудааст [15, с.87].

Ҳамин тавр, дар давраи мавриди таҳлил, сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ дигаргун гардида, институтҳои асосии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бунёд ёфта, нақши БМТ ҳамчун мақоми ягонае, ки маҷмӯи салоҳиятҳоро (мандати умумиро) оид ба танзими институтсионалӣ ва пруденсиалии бозорҳои молиявӣ, низоми бонкӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муштариёни хадамоти бонкӣ ва суғуртавии бахши молиявиро дорад, баръало маълум гардидааст.

**Адабиёт:**


1. Банковский статистический бюллетень, 2013. - 12 (221) - 130 с.
2. Банковский статистический бюллетень, 2019. - 4 (285) – 121с.
3. Бегматов А.А. Маърифати молиявии аҳолӣ / А.А.Бегматов, Ш.С. Нуров //Молия ва ҳисобдорӣ. - 2018. - №11(146). - С.29-34.
4. Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ. - 2019. - январ-март. - С.9.
5. Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ. - 2017.- октябр-декабр. - С.23.
6. Бонкдорӣ.Тараққиёт.Ҷаҳонишавӣ. - 2016. - апрел-июн. - С.64.
7. Бонкдорӣ.Тараққиёт.Ҷаҳонишавӣ. – 2017. - июл-сентябр. - С.53.
8. Булатова Э.И. Необанкинг как инновационная модель развития современных банков / Э.И. Булатова, В.А. Шеин // Казанский экономический вестник.- 2018. - №1 (33). - С.54-62.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 с. [манбаи электронӣ] URL: http://www.prezident.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 17.01.2018с.)
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с. [манбаи электронӣ] URL: http://www.prezident.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 23.10.2019с.)
11. Проблемы обеспечения конкурентоспособности финансовых институтов Республики Таджикистан в условиях глобализации экономики // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 7 декабря 2018 года). - Душанбе: ТГФЭУ, 2018. - С. 65-71.
12. Сайисмонов Р. Повышение уровня финансовой грамотности - залог здорового развития экономики / Р. Сайисмонов // Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ. – 2018. - октябр-декабр. - С.42-46.
13. Шарҳи бозори кортҳои пардохтӣ [манбаи электронӣ] URL: https://nbt.tj/tj/payment_system/card_market.php (санаи мурочиат: 21.06.2018 с.)
14. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе, 2019. - С. 464-465.
15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - 120с.
16. Хайров Ш. К. Некоторые вопросы формирования исламского банкинга в Республике Таджикистан/ Ш. К.Хайров//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №. 2/8. – С. 179-184.

УДК: 336.371.

# ҚАРЗДИҲИИ ХУРД ДАР ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШД

***Шариф Раҳимзода*** *- д.и.и., профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ 44. Тел.: +992 901066652, e-mail: shama100@inbox.ru*

***Хоҷаев Бахтиёр Бобораҷабович*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992 908503503, e-mail: khojaev_1988@bk.ru.*

*Мақолаи мазкур ба тадқиқи заминаҳо ва марҳилаҳои рушди қарздиҳии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла дар қаламрави деҳот бахшида шудааст. Қайд карда шудааст, ки қарздиҳии хурд омили муҳимтарини рушди деҳот буда, дар ҳалли мушкилоти шуғл, рушди соҳибкорӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ нақши калидӣ ва муайянкунанда дорад. Ҳамзамон, бо такя ба маълумоти омории расмӣ сабабу натиҷа ва қонуниятҳои динамикии фаъолияти молиявию қарзӣ дар бозори қарздиҳии хурд баррасӣ гардидааст. Дар натиҷаи тадқиқот самтҳои асосии рушди низоми қарздиҳии хурд бо таваҷҷуҳ ба самтҳои афзалиятноки рушди деҳот асоснок карда шуда, таъкид гардидааст, ки бояд таваҷҷуҳи хос ба рушди соҳибкорӣ, саноати коркард тавассути ташкили коргоҳҳои хурд, хадамоти тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ, рушди ҳунарҳои миллӣ ва ғайра зоҳир карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои молиявию қарзӣ, қарздиҳии хурд, қаламрави деҳот, рушди деҳот, фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ, коркард, таъмини шуғл, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, рушди соҳибкории хурд.*

## МИКРОКРЕДИТОВАНИЕ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

***Шариф Рахимзода*** *- д.э.н., профессор, директор Института экономики и демографии национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 44. Тел.: +992 901066652. E-mail: shama100@inbox.ru*

***Ходжаев Бахтиёр Бобораджабович*** *– ассистент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: +992 908503503. E-mail: khojaev_1988@bk.ru*

*Статья посвящена исследованию предпосылок и этапов развития микрокредитования в Республике Таджикистан, в частности в сельской местности. В статье отмечается, что микрокредитование является важнейшим фактором развития сельской местности, так как играет важную и определяющую роль в решении проблем занятости, развитии предпринимательства и сокращения уровня бедности. На основе анализа официальной статистики анализированы причины и следствия, а также динамические закономерности финансово-кредитной деятельности на рынке микрокредитования. По результатам исследования определены основные направления развития системы микрокредитования с опорой на перспективные направления развития сельской местности. Подчёркивается, что основное внимание должно быть направлено на развитие предпринимательства, перерабатывающей промышленности посредством создания малых цехов, коммерческих и социальных услуг, содействия занятости, сокращения бедности и развития малого предпринимательства.*

***Ключевые слова:*** *финансово-кредитные отношения, микрокредитование, сельская местность, развитие села, сельскохозяйственная и несельскохозяйственная деятельность, содействие занятости, сокращение бедности, развитие малого предпринимательства.*

## MICROCREDIT IN RURAL AREAS REPUBLIC OF TAJIKISTAN: MODERN CONDITION AND DEVELOPMENT PROSPECTS

***Sharif Rakhimzoda*** *- Doctor of Economics, Professor Director of the Institute of Economics and Demegraphy of the National Academy of Sciences of Tajikistan Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini, 44. Tel: +992 901066652. e-mail: shama100@inbox.ru*

***Khojaev Bakhtiyor Boborajabovich** - Assistant of the Department of Banking at the Tajik State Financial and Economic University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel .: +992 908503503.e-mail: khojaev_1988@bk.ru*

*The article is devoted to the study of the prerequisites and stages of development of microcrediting in the Republic of Tajikistan, in particular in rural areas. The article notes that microcrediting is the most important factor in the development of rural areas, as it plays an important and decisive role in solving employment problems, developing entrepreneurship and reducing poverty. Based on the analysis of official statistics, the author analyzes the causes and consequences, as well as the dynamic patterns of financial and credit activities in the microcredit market. Based on the results of the study, the main directions of development of the microcredit system based on promising directions for the development of rural areas have been identified. It is emphasized that the main attention should be directed to the development of entrepreneurship, the processing industry through the creation of small workshops, commercial and social services, the promotion of employment, poverty reduction and the development of small business.*

***Key words:** financial and credit relations, microcrediting, rural areas, rural development, agricultural and non-agricultural activities, employment promotion, poverty reduction, small business development.*

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва густариш ёфтани муносибатҳои бозорӣ шакл ва усулҳои нави таъминоти молиявии фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ба миён омад. Дар баробари ислоҳоти анҷомшуда низоми муносибатҳои молиявию қарзӣ тағйир ёфта, дар низоми бонкии навташаккулёфта усулҳои муосир ва санҷидашудаи қарзӣ пайдо шуданд, ки дар шароити маҳдудияти захираҳо миёни онҳо қарздиҳии хурд мавқеи калидиро ишғол менамояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қарздиҳии хурд яке аз омилҳои бунёдии рафъи камбизоатӣ, коҳиши сатҳи факр, ташкили ҷойҳои нави корӣ, фаъолгардонии раванди ба соҳибкорӣ машғул шудан ва таҳкими тафаккури соҳибкорӣ ва фарҳанги молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Қобили қайд аст, ки дар марҳилаи нахустини истиқлолияти давлатӣ нооромиҳои сиёсӣ ва рукуди иқтисодиёт вазъи иқтисодию иҷтимоиро мушкил сохта, табақаҳои осебпазири аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот ба мушкилоти доманадор гирифтор шуданд. Дар баробари ин, талоши гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва ислоҳоти аграрӣ сохторҳои бузурги хоҷагидории деҳотро хурд сохта, низоми мавҷудаи истеҳсолӣ ва унсурҳои инфрасохтори деҳотро аз байн бурд. Ҳамаи ин боиси афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ, сатҳи камбизоатӣ ва ташаккули ҳолати буҳронӣ дар деҳот гардид.

Дар ин замина, новобаста аз вазъи номусоиди сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ раванди маблағгузории рушди деҳот оғоз гардида, дар баробари кумакҳои созмону ташкилотҳои байналхалқӣ низоми миллии молиявию қарзӣ тадриҷан ташаккул меёфт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таърихи ташаккули қарздиҳии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996 оғоз ёфта, марҳилаи нахустини шаклгирии ҳамин муносибатҳо мутаносибан солҳои 1996-2004-ро дар бар мегирад. Сараввал дар фазои бозори қарздиҳии хурд ташкилотҳои қарзии хориҷӣ ва намояндагиҳои онҳо мавқеи марказӣ доштанд. Ба онҳо Care International, Mercy Corps, ACTED, Бунёди Оғохон, Бунёди Сорос, Агро-Аксияи Олмон, Counterpart Consortium, Барномаи рушди СММ ва ғайра шомил буданд. Қобили қайд аст, ки ширкатҳои номбаршуда мустақиман ва тавассути ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ фаъолият мекарданд [6].

Қобили қайд аст, ки таваҷҷуҳи хоси ташкилотҳои мазкур ва дигар иштирокчиёни бозори қарздиҳии хурд, пеш аз ҳама, ба рушди деҳот равона карда шуда буд. Барои мисол, Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии «Ситораи Наҷот», Бюрои «Занон ва

инкишоф», Ташкилоти ғайридавлатии «Занон ва инкишоф», Бунёди ҷамъиятии «Оила» бо чунин созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ карда, дар пешниҳоди қарзҳои хурд ба сокинони деҳот мавқеи намоён доштанд [6].

Таҳлилҳои анҷомдодаи мо нишон дод, ки дар марҳилаи нахустини инкишофи низоми қарздиҳии хурд на танҳо дар мавзеи деҳот, балки дар тамоми қаламрави кишвар хароҷоти амалиётӣ аз ҳисоби маблағҳои донорҳо рӯйпӯш карда мешуданд. Дар ин марҳила, созмонҳои байналмилалӣ на танҳо ба сокинони деҳот маблағ ҷудо мекарданд, балки дар тамоми давраи татбиқи барнома кумакҳои иловагии техникӣ ва машваратӣ низ пешниҳод менамуданд. Гарчанде ки дар оғоз ин муносибатҳо ба нишонаҳои хоси муносибатҳои қарзӣ, аз он ҷумла қарздиҳии хурд мувофиқати пурра надоштанд, вале онҳо тавонистанд дар рушди низоми қарздиҳии хурди кишвар, махсусан дар сатҳи деҳот заминаҳои муҳим ва созандаро танзим кунанд.

Деҳот дар рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Мувофиқи омори расмӣ айни замон дар деҳот 6729,8 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд, ки ин зиёда аз 73,3 % аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Бо ҳамин мақсад, соли 2018 ва сипас солҳои 2019-2021 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шуданд, ки ҳадафи аслии он таъмини рушди босуботи деҳот дар пайвастагӣ ба рушди тамоми соҳаҳои ба он алоқаманд мебошад. Қобили таъкид аст, ки дар таъмини рушди деҳот, аз ҷумла тавассути дастгирии инкишофи ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ қарздиҳии хурд мавқеи калидӣ дорад.

Мавриди таъкид аст, ки натиҷаи асосии фаъолияти субъектҳои нахустини муносибатҳои қарзӣ дар бозори қарздиҳии хурд, ин тавсеаи сарчашмаҳо ва таъмини дастрасии васеи сокинони деҳот ба воситаҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, қисми аҳолие, ки сарчашмаи даромад надоштанд ва наметавонистанд худашон ва ё аъзои оилаашонро бо шуғл таъмин кунанд, бо истифода аз захираҳои қарзии хурд аз ҳолати бухрон раҳо ёфтанд. Барои мисол, бо гирифтани қарзҳои хурд дар деҳот тиҷорати хурд, фаъолиятҳои гуногуни истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва фаъолиятҳои гуногун инкишоф ёфтанд.

Бо инкишоф ёфтани муносибатҳои қарзӣ дар самти қарздиҳии хурд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои молиявии хурд» соли 2004 қабул шуд, ки то ба имрӯз санади асосии институтсионалии рушди қарздиҳии хурд ба ҳисоб меравад. Бо қабул гардидани қонун ва тақвияти таваҷҷуҳ ба нақш ва мақоми қарздиҳии хурд дар рушди иқтисодиёт, соҳаи мазкур ба бахши умдаи иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

Бо фароҳам овардани заминаҳои институтсионалӣ низоми қарздиҳии хурд дар кишвар тараққӣ карда, аллакай, дар марҳилаҳои нахустини ташаккули фазои муосири рушди он таъмин карда шуд. Дар баробари ин, бо дастгирии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар шаш бонки кишвар ҷузъҳои алоҳидаи қарздиҳии хурд роҳандозӣ карда шуданд. Марҳилаи дуюми рушди ташкилотҳои қарзии хурд ва муносибатҳои ба он алоқаманд баъд аз қабули қонун ва густариши таҷрибаи қарздиҳии хурд ба доираи васеи истеъмолкунандагон соли 2004 оғоз гардида, то соли 2009 идома ёфт.

Марҳилаи дигари рушди низоми молиявию қарзии кишвар ба оғози бухрони молиявии ҷаҳонӣ (солҳои 2008-2009) рост меояд. Дар ин давра, ки фарогири солҳои 2015-2020 низ ҳаст, шумораи ташкилотҳои қарзӣ, аз

ҷумла ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба андозаи назаррас коҳиш ёфтанд. Қобили қайд аст, ки низоми миллии бонкӣ, махсусан низоми қарздиҳии хурд дар ин тавра ба тағйироти куллӣ ва буҳрони бонкии доманадор фаро гирифта шуда, сохтори низоми бонкии кишвар ба таври назаррас дигаргун гашт (Ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1.**

**Шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо адад)**

| Номгӯи бонкҳо | 2011 | 2013 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Тағйирот нисбат ба соли 2011 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 15 | 16 | 17 | 18 | 17 | 17 | 17 | 18 | +3 |
| Ташкилотҳои қарзӣ-амонатии қарзии хурд | 34 | 39 | 39 | 38 | 27 | 25 | 25 | 20 | -14 |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 43 | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | 6 | -37 |
| Фондҳои қарзии хурд | 45 | 39 | 36 | 34 | 33 | 31 | 31 | 29 | -16 |
| Ҳамагӣ | 137 | 136 | 123 | 103 | 84 | 79 | 79 | 73 | -64 |

***Манбаъ:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ 2011-2020.*

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1. нишон медиҳад, ки пояи ноустувори аксар ташкилотҳои қарзӣ аз рӯзи таъсисёбии онҳо маълум буд, лекин бо сабаби муътадилии равандҳои иқтисодӣ ноустувории онҳоро мушоҳида кардан душвор буд. Баъд аз шадид шудани давраи дуюми буҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар давоми ду сол яку якбора шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ аз 103 адади соли 2016 ба 73 адад дар соли 2020 баробар гардид, ки дар умум, 71%-и шумораи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва бонкҳои тиҷоратиро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин, вазъи як қатор бонкҳои низомсози кишвар, ки ҳиссаи бештари бозори байнибонкӣ дар дасти онҳо буд (ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвесбонк») бад гардида, қобилияти пардохтпазирии онҳо пурра қатъ шуд. Ин, албатта, ба вазъи умумии бозори байнибонкӣ ва сатҳи талабот ба маҳсулоти бонкӣ таъсири манфӣ расонид. Вазъи ноустувори аксар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ аз камшавии миқдори шумораи онҳо дар низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ин омил боиси тағйироти ҷиддии сохторӣ дар низоми бонкӣ гардид.

Дар низоми бонкии кишвар бонкҳои тиҷоратӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини иқтисодиёти давлат ба ҳисоб рафта, бо назардошти аз низоми бонкӣ берун шудани 4 бонки тиҷоратӣ ва ҷойи онҳоро гирифтани ҶСК «Спитаменбонк», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСК «Бонки Арванд» сохтори низом каме тағйир ёфт. Соли 2011 шумораи бонкҳо 15 ададро ташкил медод. Ҳоло бошад, шумораи онҳо ба 18 адад дар соли 2020 расида, нисбат ба соли 2011 3 адад афзоиш ёфтааст. Шумораи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд бошад, дар соли 2011 34 ададро ташкил медод. Ҳоло бошад, аз онҳо ҳамагӣ 14 адад боқӣ мондааст, ки нисбат ба соли 2011 20 адад ё 58,8% кам мебошад. Шумораи ташкилотҳои қарзии хурд аз 43 адади соли 2011 ба 6 адад дар соли 2020 ё 86% кам гардидааст. Кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби ташкилотҳои қарзии хурд нигаронкунанда мебошад ва ин тамоюл аз нодуруст будани ҷараёниояндабинӣ ва коста будани ҳаҷми захираҳо ва

қобилияти пардохтпазирии онҳо шаҳодат медиҳад. Фондҳои қарзии хурд бошад, аз 45 адади соли 2011 ба 29 адад дар соли 2020, ё 35, 5% кам гардидааст.

Умуман, дар низоми бонкии кишвар шумораи ташкилотҳои қарзӣ бе назардошти филиал ва воҳидҳои сохтории онҳо дар соли 2011 139 ададро ташкил медод, ки ин шумора дар соли 2020 ба 73 адад расида, дар муқоиса ба соли 2011 66 адад, ё 47, 5% кам гардидааст. Коҳишёбии тамоюли мазкур, аз як тараф, дар самти фаъолияти низоми бонкӣ нигаронкунанда мебошад, аз тарафи дигар, ба сатҳи эътимоди мизоҷон нисбат ба низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вазъи бавуҷудомада дар бозори қарзии кишвар номуайяниҳои зиёдеро ба миён оварда, боварии аҳолии кишварро ба низоми бонкӣ коҳиш дод. Ғайр аз ин, шумораи зиёди муштариён, ки пасандозҳои худро дар бонкҳои кишвар нигоҳ медоштанд, то ба имрӯз наметавонанд онҳоро бозпас гиранд. Ҳоло ду бонк муфлис эълон шуда, ду бонки низомсози дигар дар ҳолати буҳрони шадид қарор доранд. Ҳамаи ин ба он асос мегардад, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, махсусан дар мавзеи деҳот паст гардида, фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзии онҳо заиф гардад.

Агар 15 соли охирро таҳлил намоем, пас аён мегардад, ки аз соли 2008 инҷониб шумораи умумии гирандагони қарзҳои хурд дар Тоҷикистон сол то сол меафзояд. Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, занон ҳамеша сеяки ҳамаи қарзгирандагонро ташкил медиҳанд. Ин рақам ба эҳтимоли зиёд маҷмӯи қарзгирандагони бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, зеро мувофиқи маълумоти Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (АМФОТ), соли 2015 танҳо 26,7% қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд занон буданд [1]. Ғайр аз ин, занон нисбат ба мардон камтар қарз мегиранд. Дар соли 2013 занон 37% тамоми қарзгирандагони маблағгузории хурдро тавассути АМФОТ ташкил медоданд, аммо қарзҳои онҳо танҳо 29% аз ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медод.

Дар ин шароит боз нақш ва мақоми ташкилотҳои қарзии хурд ва маҳсулоти гуногуни онҳо зиёдтар гардида, тавсеаи фаъолияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии аҳолии деҳот ба қарзҳои хурд вобаста мебошад. Вобаста ба ин, инкишофи механизми қарздиҳии хурд дар деҳот имконият медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар самту бахшҳои гуногун густариш ёфта, масоили таъмини шуғл ва ғанӣ гардонидани бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ҳалли худро пайдо кунад. Ҳамзамон, бо таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои муайяннамудаи ҳукумат рушди соҳибкории ғайрикишоварзӣ низ дар сатҳи деҳот таъмин карда шавад. Ғайр аз ин, коҳиш ёфтани шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ як қатор тағйиротҳоро дар ҳаҷми қарзҳои хурди ба соҳаҳо додашаванда ба миён овард, ки дар ҷадвали 2 онро мушоҳида кардан мумкин аст.

Таҳлили арқоми ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми қарзҳои хурд дар қисме аз соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили зиёдшавиро касб намудааст, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ нисбат ба соли 2012 ба маблағи 196,7 млн. сомонӣ, дар соҳаи сохтмон 29,3 млн. сомонӣ, саноат 22,9 млн. сомонӣ ва соҳаи истеъмолӣ бошад, ба маблағи 871 млн. сомонӣ афзудааст. Вале, агар ба тадқиқоти иқтисодӣ дар асоси ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ назар кунем, нишондиҳандаҳо манфианд.

**Ҷадвали 2.**

**Ҳиссаи қарзҳои хурд дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ (ҳаз. сомонӣ)**

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2018/ 2012 (+,-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| 1 | Ҳамаи қарзҳои хурд | 3138 | 4707 | 6189 | 5366 | 3626 | 3817 | 4812 | 1674 |
| 1.1. | Кишоварзӣ | 766,6 | 100,1 | 139,5 | 124,7 | 772,7 | 828,7 | 963,4 | 196,7 |
| 1.2. | Саноат | 362,1 | 495,7 | 695,7 | 528,8 | 378,3 | 342,0 | 385,0 | 229,5 |
| 1.3. | Сохтмон | 172,5 | 264,0 | 393,2 | 305,4 | 144,4 | 122,6 | 201,9 | 293,4 |
| 1.4. | Нақлиёт | 346,2 | 527,1 | 755,5 | 447,0 | 243,2 | 114,7 | 280,1 | - 66,1 |
| 1.5. | Хӯроки умумӣ | 369,6 | 368,2 | 435,0 | 375,6 | 249,9 | 173,7 | 221,7 | - 14,7 |
| 1.6. | Хизматрасонӣ | 219,0 | 439,9 | 569,0 | 561,4 | 367,6 | 386,4 | 576,3 | 357,3 |
| 1.7. | Савдои хориҷӣ | 665,4 | 867,2 | 985,6 | 831,1 | 558,1 | 658,7 | 773,5 | 108,1 |
| 1.8. | Миёнаравии молиявӣ | 815 | 2788 | 417 | 107,7 | 781 | 2775 | 260 | - 555 |
| 1.9. | Истеъмолот | 617,2 | 1249,1 | 1762,4 | 1541,0 | 1128,6 | 1351,0 | 1722,1 | 1104,8 |
| 1.10. | Дигар самтҳо | 262,6 | 273,4 | 268,4 | 213,7 | 226,4 | 95,8 | 139,4 | -123,1 |

***Манбаъ:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ 2012-2018.*

Агар мо ба моҳият, мазмун ва заминаҳои иқтисодиву иҷтимоии ташаккул ва инкишофи қарздиҳии хурд дар сатҳи деҳот таваҷҷуҳ зоҳир намоем, пас аён мегардад, ки ин, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои камбизоатӣ, таъмини шуғл ва тавсеаи сарчашмаҳои даромади аҳолии деҳот робитаи мустақим дорад. Тавре ки дар боло қайд шуд, бо татбиқи ислоҳот ва хурдсозии хоҷагиҳо, аз байн рафтани хоҷагиҳои бузург ва корхонаҳои кишоварзӣ, байнихоҷагӣ ва бахши хадамот дар мавзеи деҳот шумораи зиёди аҳолӣ бе ҷойи кор ва даромад монданд. Зимнан, “қарздиҳии хурд ба инкшофи соҳибкории хурд, таъмини шуғл ва рушди иқтисодиёт дар маҷмӯъ таъсири мусбӣ мерасонад” [3].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки қарздиҳии хурд дар шароити муосир омили муҳимтарини таъмини шуғл ва тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар марҳилаи нахустини рушди механизми қарздиҳии хурд ташкилотҳои байналмилалӣ ба мавзеъҳои деҳот аҳамияти хос зоҳир намуда, айни замон дар маҷмӯи маҳсулоти қарзии ташкилотҳои қарзӣ, қарздиҳӣ ба бахши кишоварзӣ ва густариши меҳнати инфиродӣ дар деҳот таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Яъне, дар ҳалли ин масъалаҳо “такмили низоми қарздиҳии хурд” нақши муҳим дорад [5].

Дар корҳои олимони ватанӣ қайд мегардад, ки диққати асосиро барои густариш додани низоми бонкии кишвар ба масъалаҳои ташаккулёбии бонкдории исломӣ равона намудан зарур аст [7, с.182].

Дар марҳилаи муосири рушд бо таваҷҷуҳ ба нақш ва аҳамияти бузурги қарздиҳии хурд дар рушди деҳоти Тоҷикистон самтҳои зеринро ҳамчун афзалиятҳои хос метавон номбар намуд:

- қарздиҳии хурд бо мақсади рушди фаъолиятҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, чорводорӣ ва растанипарварӣ. Дар ин росто, парвариши чорвои гӯштӣ нақши муҳим дошта, тавассути пешниҳоди қарзҳои хурд бояд соҳаи мазкур рушд дода шавад. Ҳамчунин, парвариши сабзавот ва меваҷот низ бо такя ба пешниҳоди қарзҳои хурд метавонад ба бахши сердаромади фаъолияти аҳолии деҳот табдил ёбад;

- Ҳадафи асосии қарздиҳии хурд, чӣ тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ин тавсеаи дастрасии аҳолии деҳот ба хадамоти молиявӣ мебошад. Агар давлат ва ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар ин самт чораҳои муассир андешанд, пас деҳот ҳамчун омили таъмини рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад, зеро иқтидори бузурги деҳот то ба имрӯз дар таъмини рушди иқтисодӣ ба таври васеъ истифода бурда намешавад. Тавсеаи қарздиҳии хурд дар деҳот - омили калидии рушди қаламрави деҳот, минтақа ва дар маҷмӯъ, иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

- Ташкили фаъолияти соҳибкории хурд, ки ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ алоқоманд мебошанд. Дар ин самт, метавон таъсиси марказҳои гуногуни тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро ном бурд, ки дар ин миён фаъолиятҳое ба монанди ташкили устохонаҳои таъмири техникаи маишӣ, ҳаммому сартарошхона, марказҳои омӯзишӣ ва машваратӣ, корхонаҳои хурди коркард ва бандубасти ашёи хом, маҳсулоти гуногуни соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал, моҳипарварӣ ва ғайра метавонанд шомил карда шаванд.

- Қарздиҳии хурд дар рушди ҳунарҳои мардумӣ низ нақши калидӣ дошта, бо таваҷҷуҳ ба афзалияти рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нақши муассир бозад. Зимнан, рушди қарздиҳии хурд имкон медиҳад, ки таъминоти моддию техникӣ ва инфрасохтории рушди намудҳои алоҳидаи ҳунарҳои мардумӣ инкишоф дода шуда, раванди саноатикунонии онҳо густариш ёбад;

- Яке аз вазифаҳои муҳими қарздиҳии хурд ин коҳиши сатҳи камбизоатӣ мебошад. Аз ин рӯ, рушди қарздиҳии хурд имконият медиҳад, ки дар деҳот тавассути ташаккули тафаккури соҳибкорӣ ва тақвияти фарҳанги молиявӣ сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шуда, яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат - коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар амал татбиқ карда шавад. Ҳамзамон, мавҷудияти сарчашмаҳои таъмини молиявӣ, аз он ҷумла тавассути рушди низоми қарздиҳии хурд омили муассири баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва коҳиши сатҳи фақр ба ҳисоб меравад;

- Рушди низоми қарздиҳӣ дар деҳот ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва мусоидат ба шуғл равона карда шудаанд. Тавассути қарздиҳии хурд рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва шуғли мустақили шаҳрвандон таъмин карда мешаванд, ки зимнан аз аҳамияти бузурги қарздиҳии хурд гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин самт, ба андешаи мо, истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистони ҳамсоя мувофиқи мақсад мебошад. Дар кишвари ҳамсоя тавассути татбиқи барномаи умумимиллии "Ҳар оила - соҳибкор" аз буҷаи давлат маблағи калон ҷудо карда шуда, дар асоси принсипи суроғавӣ ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд. Яъне, мақомотҳои маҳаллӣ ба ҳар як хоҷагии хонавода ташриф оварда, аз шуғли имконпазир ва майлу рағбати соҳибкории онҳо пурсон шуда, сипас барои амалисозии он қарзҳои хурди имтиёзнокро пешниҳод менамуданд;

- Дар шароити татбиқи афзалиятҳои рушди миллӣ, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифати ғизоӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар рушди низоми қарздиҳии хурд ба тавсеаи корхонаҳои хурди кишоварзӣ мусоидат мекунад. Дар ин самт, ба андешаи мо, таъсиси коргоҳҳои хурди истеҳсолӣ аз рӯйи намудҳои зерини фаъолият мувофиқи мақсад мебошад: коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бандубасти маҳсулоти растанипарварӣ, боғдорӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ, хушконидани мева ва сабзавот, коркарди меваю

сабзавот (истеҳсоли шарбат, мураббо ва ғайра), тайёр кардани ҳасибҳои хонагӣ ва коркарди шир, истеҳсоли нимфабрикаҳои гӯштӣ, истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ва ғайра;

- Рушди қарздиҳии хурд ба ташаккули хадамоти хусусияти иҷтимоидошта низ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин самт ташкили марказҳои омӯзишӣ, машваратӣ, рушди кӯдакон, солимгардонӣ ва тарзи ҳаёти солим, дастрасӣ ба об ва хадамоти манзилию коммуналӣ афзалияти стратегӣ доранд.

Ҳамин тавр, рушди низоми қарздиҳии хурд дар деҳот имконият медиҳад, ки татбиқи ҳадафи стратегии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таъмин карда шуда, дарояндаи наздик на танҳо рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот имконпазир гардад, балки модели нави рушди деҳот фароҳам оварда шуда, қаламрави деҳоти Тоҷикистони муосир ба сатҳи сифатан нав баровагда шавад.


**Адабиёт:**

1. Ассоциация микрофинансовых организаций Таджикистана (АМФОТ). 2015. Финансово-экономический обзор Республики Таджикистан за второй квартал 2015 г. - Душанбе. - С.27
2. Бюллетени омори бонкӣ 2019 (293). - Душанбе, 2019. - 121 с.
3. Гусарова С. Микрофинансирование как инновационный инструмент поддержки сельских предпринимателей стран БРИКС / С. Гусарова, И. Гусаров, Т. Калгина // МСХ.- 2014. - №6. - С.11-16.
4. Дахов И.Г. Участие кредитной кооперации в кредитно-финансовом обслуживании сельских территорий / И.Г. Дахов //Экономика образования. - 2015. - № 3 (88). - С.77-88.
5. Кодиров Ф.А. Вопросы индустриализации и развития малого и среднего бизнеса в сельской местности Республики Таджикистан / Ф.А.Кодиров, К.К. Шодиев //Вестник Ошского государственного университета. - 2018. - № 3. - С.83-87.
6. Страновой отчет по социальному воздействию в Республике Таджикистан. // Ассоциация микрофинансовых организаций Таджикистана (АМФОТ). - Душанбе, 2016. - 33с.
7. Хайров Ш. К. Некоторые вопросы формирования исламского банкинга в Республике Таджикистан / Ш. К. Хайров //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – №. 2/8. – С. 179-184.



**УДК: 338.1**


# ТАДЖИКИСТАН И АФГАНИСТАН: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО И НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА


***Сафолзода Мухаммади Курбон*** *- кандидат исторических наук, доцент Филиала МГУ имени М. В. Ломоносова в городе Душанбе. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Бухоро, 35/1. Телефон: 935054015.*



*В статье рассмотрены основные этапы становления и развития торгово-экономического и научно-технического сотрудничества. Отмечается, что двухстороннее сотрудничество между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан строится на равноправном и взаимовыгодном формате и направлено на решение важнейших социально-экономических проблем. Особое внимание уделено роли Таджикистана в развитии этих отношений, в частности подчеркиваются важнейшие инициативы Президента Республики Таджикистан по открытию межгосударственных пропускных пунктов, связующих мостов и зон приграничной торговли.*

*Кроме того, обоснованы основные перспективные направления развития двухсторонних отношений как в торгово-экономической, так и в научно технической сферах. Доказано, что для развития разнонаправленного сотрудничества есть все возможности, потенциал и перспективы.*

***Ключевые слова:*** *сотрудничество, торговля, инвестиции, приграничная торговля, наука, техника, образование, электроэнергетика, инвестиции, промышленная кооперация, региональная интеграция.*

### ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН: ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

***Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон*** - *номзади илмҳои таърих, дотсенти Филиали ДДМ ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бухоро 35/1. Тел.: 935054015.*

*Дар мақола марҳилаҳои асосии ташакул ва инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ишора мешавад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар шакли баробарҳуқуқӣ ва судманд ба роҳ монда шуда, барои ҳалли проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона гардидааст. Диққати махсус ба нақши Тоҷикистон дар инкишофи ин муносибатҳо, аз ҷумла ташаббусҳои муҳими Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кушодани гузаргоҳҳои байнидавлатӣ, ки пулҳо ва минтақаҳои тиҷоратии сарҳадиро ба ҳам мепайвандад, дода шудааст.*

*Гузашта аз ин, самтҳои асосии дурнамои инкишофи муносибатҳои дуҷониба ҳам дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳам дар соҳаи илмӣ-техникӣ асоснок карда шудаанд. Собит шудааст, ки барои инкишофи ҳамкориҳои гуногунҷабҳа тамоми имкониятҳо, захираҳо ва дурнамои онҳо муҳайё мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳамкориҳо, созишномаи байниҳукуматӣ, тиҷорат, сармояҳо, тиҷорати наздисарҳадӣ, илм, техника, маориф, кооператсияи саноатӣ, интегратсияи минтақавӣ.*

### TAJIKISTAN AND AFGHANISTAN: STATE AND PROSPECTS OF COMMERCIAL AND ECONOMICAL, SCIENTIFIC AND TECHNICAL COOPERATION

***Safolzoda Muhammadi Kurbon*** - *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Branch of Lomonosov Moscow State University in Dushanbe. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bukhoro str, 35/1. Tel.: 935054015.*

*The article analyses the main stages of the formation and development of trade, economic, scientific and technical cooperation. It has been stressed that bilateral cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Afghanistan is based on an equal and mutually beneficial format and has aimed at solving the most important socio-economic problems. Particular attention is paid to the role of Tajikistan in the development of these relations, in particular, the most important initiatives of the President of the Republic of Tajikistan on the opening of interstate checkpoints, connecting bridges and areas of border trade are emphasized.*

*In addition, the main promising directions for the development of bilateral relations have been substantiated both in trade and economic and scientific and technical spheres. It has been proven that there are all opportunities, potential and prospects for the development of multidirectional cooperation.*

***Key words****: cooperation, intergovernmental agreement, trade, investment, cross-border trade, science, technology, education, electric power industry, industrial cooperation, regional integration.*

Республика Таджикистан и Исламская Республика Афганистан имеют многовековые торгово-экономические и социально-культурные отношения. Граница между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан составляет более 1030 км, т.е. это самая протяженная граница современного Таджикистана [10]. Как соседние государства, которые имеют близкие корни и связаны, в том числе узами братства, добрососедства и родственными нитями, располагают

достаточным потенциалом для взаимовыгодного сотрудничества по основным направлениям торгово-экономического и научно-технического развития. В советские годы тысячи граждан Афганистана проходили обучение в наших вузах, а также многочисленные граждане нашей страны проходили военную и гражданскую службу в соседней стране. В советские годы Таджикистан был одним из основных тогдашних советских республик, который активно участвовал в решении проблем многострадального Афганистана, так как общий язык и культура позволяла нашим гражданам работать в различных предприятиях и организациях Афганистана, в частности в учреждениях образования, науки и культуры.

Следует отметить, что история взаимоотношений и торгово-экономического сотрудничества между Таджикистаном и Афганистаном условно можно разделить на три этапа: досоветская, советская и современный этап, который берет свое начало после обретения государственной независимости нашей страны. В нашем исследовании особый интерес представляет современный этап формирования межгосударственных отношений, которые официально начались после установления дипломатических отношений 15 июля 1992г. На сегодняшний день открыты посольства стран в обоих столицах, и в разные годы были проведены встречи на различных уровнях.

Торгово-экономическое и научно-техническое сотрудничество между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан основываются на межправительственных соглашениях. С 2007 года создана таджикско-афганская Межправительственная комиссия по экономическому, торговому, социальному и техническому сотрудничеству.

До сегодняшнего дня между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан состоялось семь заседаний Совместной комиссии по торгово-экономическому сотрудничеству и два заседания политических консультаций, вложивших позитивный вклад в укрепление и расширение взаимоотношений сторон по наиболее важным сферам.

Несмотря на сложность ситуации, отсутствие мира и стабильности в соседнем Афганистане торгово-экономические сотрудничество между Таджикистаном и Афганистаном имеют неоднозначную динамику. На сегодняшний день структура торгово-экономических и социально-культурных связей представлена небольшим количеством компонентов. Причиной этому, прежде всего, служит сложная политическая и социально-экономическая ситуация в Афганистане. В связи с этим, Таджикистан придает особе значение развитию приграничной торговли и скорейшего улучшения политической ситуации в Афганистане, так как афганский фактор играет немало важную роль и в развитии Республики Таджикистан.

Сегодня торгово-экономическое сотрудничество между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан охватывает различные направления. Сначала рассмотрим сотрудничество стран по инвестиционному компоненту. Согласно официальной статистике в 2018г. объем прямых инвестиций из Афганистана в нашу экономику на начало года составило 12185,0 тыс. долларов США, а прочие инвестиции - 920,0 тыс. долларов США [10]. Сведения о внешнеторговом обороте между Республикой Таджикистан и Афганистаном представлены в таблице 1.

**Таблица 1.**

**Внешнеторговый оборот Республики Таджикистан с Исламской Республикой Афганистан (млн. долларов)**

| Показатели | Годы | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| ***Всего*** | 5138,1 | 4988,8 | 5274,7 | 4326,2 | 3929,9 | 3972,9 | 4224,3 |
| *в том числе:* | | | | | | | |
| Афганистан | 232,0 | 118,6 | 109,6 | 110,3 | 75,0 | 100,2 | 72,4 |
| Экспорт | 192,2 | 49,5 | 57,6 | 56,0 | 74,7 | 99,6 | 72,1 |
| Импорт | 39,8 | 69,1 | 52,0 | 54,3 | 0,3 | 0,6 | 0,3 |

***Источник:*** *Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Душанбе, 2019.*

Анализ данных вышеприведенной таблицы показывает, что динамика внешнеторгового оборота между Республикой Таджикистан с Исламской Республикой Афганистан имеет неоднозначную картину. Если, в 2012г. объем внешнеторгового оборота составил 232,0 млн. долларов США, то в 2018г. оно сократилось более чем в три раза, хотя в 2017г. по сравнению с 2016г. прослеживается положительная динамика прироста. Что касается импорта из Исламской Республики Афганистан, то, начиная с 2015г., происходит резкое ощутимое снижение импорта. Это, на наш взгляд, связано с реализацией политики импорт замещения и увеличение объема промышленного производства в Республике Таджикистан. Эти показатели свидетельствуют о том, что из-за субъективных и объективных причин внешнеторговый оборот между двумя странами по сравнению с аналогичным периодом прошлого года снизился.

Структура и состав экспортных операций в Исламскую Республику Афганистан представляют различные продукты технического и потребительского назначения. В структуре экспорта их Республики Таджикистан в Исламскую Республику Иран основное место занимает электроэнергия. Динамика и структура экспорта показана в таблице 2.

**Таблица 2.**

**Экспорт основных видов продукции производственно-технического назначения, сырья и товаров народного потребления из Республики Таджикистан в Исламскую Республику Афганистан (тыс. долларов)**

| Показатели | Годы | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
| Проволока алюминиевая | 3 | 13 | 97 | 330 | 10 | - | 12 |
| Ковры и текстильные напольные покрытия | 7 | 16 | 1 | 7 | 4 | 11 | 0 |
| Электроэнергия | 20296 | 32977 | 43692 | 44013 | 50627 | 52483 | 37919 |
| Картофель | 3 | 11 | - | 3 | 9 | 13 | 8 |
| Лук репчатый | 11 | 632 | 266 | 677 | 1685 | 89 | - |
| Виноград | 8 | - | 20 | 46 | 4 | 73 | 2 |
| Плоды сушеные | - | - | 6 | - | 91 | 22 | 1 |
| Арахис | 53 | 52 | 59 | 90 | 127 | 290 | 206 |

***Источник:*** *Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Душанбе, 2019.*

Анализ данных таблицы 2 показывает, что в состав экспортной продукции входят проволока алюминиевая (пик экспорта приходится на 2015г.), ковры и напольные текстильные покрытия в незначительном объеме, а также овощи и фрукты, в частности картофель, лук репчатый, виноград, сушеные плоды и арахис. В целом в последние годы экспорт имеет отрицательную тенденцию, но есть еще масса возможностей для

экспорта продукции строительной промышленности, а также пищевой промышленности, которые производятся в Республике Таджикистан.

Несмотря на отрицательную динамику, экспорт некоторых видов товаров осуществляется. Например, проволока алюминиевая, электроэнергия, картофель и арахис экспортируется в соседний Афганистан. Но, импорт, в последние два года, который приводит официальная статистика, отсутствует. Это, как было выше отмечено, связано с развитием внутреннего промышленного производства, особенно на основе роста производства, которые направлены на замещение импорта. Кроме того, следует отметить, что автомобили, которые импортировались из Афганистана, в основном были старого производства, т.е. до 2005г. После внесенных изменений в Таможенный Кодекс Республики Таджикистан их импорт был приостановлен. Сведение об импорте основных видов продукции производственно-технического назначения, сырья и товаров народного потребления в Республику Таджикистан из Исламской Республики Афганистан приведено в таблице 3.

**Таблица 3.**

**Импорт основных видов продукции производственно-технического назначения, сырья и товаров народного потребления в Республику Таджикистан из Исламской Республики Афганистан (тыс. долларов)**

| Показатели | Годы | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| Нефтепродукты | 20 | 5 | 4 | 14 | 23 | - |
| Портландцемент | 16129 | 18492 | 6366 | 386 | - | - |
| Азотные удобрения | 4274 | 8087 | 6551 | 1183 | - | - |
| Двигатели и генераторы | 20 | 2 | 27 | 3 | - | - |
| Трактора | 109 | 130 | 526 | 190 | 44 | - |
| Автомобили легковые | 1296 | 1019 | 621 | 460 | - | - |
| Автомобили грузовые | 159 | 398 | 495 | 58 | 25 | - |
| Сахар | 7046 | 25488 | 16252 | 27040 | - | - |

***Источник:*** *Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Душанбе, 2019.*

Данные вышеприведённой таблицы показывают, что в 2017 г. импорт из Исламской Республики Афганистан полностью прекращается. Например, после строительства ряда крупнейших цементных заводов портландцемент больше не импортируется, так как Таджикистан не только полностью покрывает потребность внутреннего рынка, но на сегодняшний день является одним из основных экспортеров цемента в регионе. Импорт продукции производственно-технического назначения связан с изменением таможенных режимов и требований к импортируемым техникой, оборудованием и автомобилей.

По сравнению экспортом и импортом товаров, ситуация с услугами более благоприятна. Согласно официальной статистике, экспорт услуг из Таджикистана в Афганистан почти в 10 раз выше, чем импорт услуг из соседней страны. Это свидетельствует о потенциальном росте экспорта международных услуг в Исламскую Республику Афганистан (табл. 4.).

**Таблица 4.**

**Экспорт и импорт международных услуг в/из Исламской Республики Афганистан**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Экспорт | 545,4 | 546,6 | 415,1 | 446,2 | 805,7 | 1821,1 | 963,0 |
| Импорт | 717,3 | 490,0 | 0,4 | 16,4 | 58,8 | 64,4 | 101,2 |

***Источник:*** *Статистический ежегодник Республики Таджикистан//Душанбе, 2019.*

Следует отметить, что приграничная торговля является одним из приоритетов в торгово-экономических отношениях Республики Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан. Как ранее отмечалось, по инициативе Президента Республики Таджикистан было построено несколько мостов, вначале в самые труднодоступные и труднопроходимые горные массивы двух стран, которые приходятся в районе Горно-Бадахшанской автономной области Республики Таджикистан и провинции Бадахшан Исламской Республики Афганистан. По мнению Г. Гафуровой «строительство новых торговых путей и мостов станет более доступным для транзита грузов, расширения приграничной торговли, создания совместных предприятий, в результате чего Афганистан сможет превратиться в транспортный узел между Центральной и Южной Азией» [1].

Это в районе "Тем" и "Рузвай" ГБАО Таджикистана. Именно на этих участках и в районе пограничного пункта "Ишкашим" по предложению Главы государства Таджикистана и по согласованию сторон открываются первые пункты пограничной торговли, в первую очередь, способствующее обеспечению жителей афганских уездов продуктами первой необходимости, оказания первой медицинской помощи. Данные пункты приграничной торговли заложили основу развития и расширения торгово-экономических отношений между приграничными районами двух стран, а также культурных связей.

В этой связи, с целью создания благоприятных условий и всестороннего использования имеющихся возможностей в деле обеспечения товарами народного потребления (и продуктами первой необходимости) жителей южных районов Республики Таджикистан и северных провинций Афганистана в этих пунктах осуществляется консультация руководства сторон на постоянной основе.

2 октября 2002 года за №397 принят соответствующий документ «О мерах по улучшению организации приграничной торговли в Республике Таджикистан» и было принято Положение Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан «Порядок осуществления приграничной торговли в Республике Таджикистан» относительно организации и открытия приграничной торговли, отражающее в себе разносторонние механизмы функционирования пунктов приграничной торговли.

В настоящее время на совместной границе двух стран функционирует 4 пункта приграничной торговли. Пункт приграничной торговли, расположенный в районе «Ишкашим» ГБАО Республики Таджикистан, напротив одноименного уезда Исламской Республики Афганистан «Султони Ишкашим», имеет 150 посадочных мест для торговцев. Хотя этот пункт функционирует только по воскресеньям, но число прибывших из разных районов увеличивается до 500 и более человек. Сюда прибывают на воскресные торговли купцы и продавцы, в том числе из Республики Кыргызстан. Нужно отметить, что в данное время этот пункт приграничной торговли превратился в крупный торговый центр. День торговли здесь определен в субботу, и число участников доходит до 3000 человек.

Следующий пункт приграничной торговли в местечке «Тем» города Хорог областного центра, который расположен напротив уезда Шугнан провинции Бадахшан Афганистана. Так как по периметру вдоль реки Пяндж этот афганский уезд находится в центре между многочисленными

уездами и селениями провинции Бадахшан, то на воскресный торговый день всегда ожидается большой наплыв людей. Сейчас пункт приграничной торговли «Тем» располагает 170 посадочными местами. В зимнее время, в воскресенье количество прибывающих на этот торговый пункт превышает более 800, иногда доходит и до 1000 человек.

Пункт приграничной торговли «Рузвай» расположен в Дарвазском районе. Данный пункт имеет 150 посадочных мест для торговцев. Благоприятное расположение этого пункта способствует тому, что большое количество населения приграничных районов двух стран по воскресеньям осуществляют покупку и продажу необходимых товаров. В этом пункте проводятся определенные работы по улучшению и совершенствованию деятельности предпринимателей в сфере торговли, в частности местных промыслов. Количество участников рынка по воскресениям временами доходит до 700 человек, где торговый и денежный оборот увеличился в 5 раз.

Пункт приграничной торговли «Хумроги» расположен в Ванчском районе Республики Таджикистан. Строительство данного пункта было завершено в начале 2014 года и на основании решения Правительства Республики Таджикистан от 3 июля 2014 года за №438 “Об организации пункта приграничной торговли “Хумраги” в Ванчском районе Горно-Бадахшанской Автономной области” начало функционировать [7].

На афганской территории находится два крупных селения Джомардж-е Боло и Джомардж-е Поён. Данный пункт приграничной торговли располагает 120 посадочными местами.

Согласно поручению Правительства Республики Таджикистан относительно выполнения рекомендаций Республиканского Форума "Двусторонняя региональная приграничная торговля между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан: состояние, проблемы и возможности экономического развития" при Министерстве экономического развития и торговли Республики Таджикистан была создана и функционирует Межведомственная постоянно-действующая комиссия по вопросам развития приграничной торговли.

Согласно Рабочего плана вышеназванной Комиссии, рабочая группа совместно с представителями Ассоциации “Националь Интер” проводили определенную работу относительно создания новых пунктов приграничной торговли на совместной приграничной реке Пяндж между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан, в том числе в Кумсангирском районе Хатлонской области, дополнительно в местечке “Лангар” Ишкашимского района ГБАО, а также в Мургабском районе ГБАО. Кроме того, выяснены проблемы и нынешнее состояние действующих пунктов приграничной торговли между двумя странами.

На этой основе с целью создания дополнительных пунктов приграничной торговли, формирования благоприятных условий и облегчения в будущих пунктах приграничной торговли для граждан Республики Таджикистан и Исламской Республики Афганистан были выбраны участки земли, обладающие инфраструктурными преимуществами, то есть, возможности проведения линии электропередачи, водопровода, связи и др.

Следует быть отмеченным и тот факт, что результат пятилетней деятельности функционирующих пунктов приграничной торговли свидетельствуют о постепенном совершенствовании этих рынков, об

обеспечении предпринимателей рабочими местами, населения двух сторон товарами народного потребления.

По инициативе Правительства Республики Таджикистан и при содействии международных организаций улучшены условия труда и благоустроены рабочие здания пограничных служб и таможни.

Что касается перспективных пунктов приграничной торговли, то Правительство Республики Таджикистан принимало решение и в местечке Лангар Ишкашимского района ГБАО Республики Таджикистан с целью организации пункта приграничной торговли решением председателя района от 19 июня 2009 года за №176 “О выделении участка земли для строительства приграничной торговли в селе Лангар Ишкашимского района” [5] выделен участок земли.

Этот пункт расположен в юго-западной части уже строившегося моста на реке Пяндж между двумя странами на расстоянии 80 метров. До ближайшего таджикского селения, кишлака Лангар, расстояние составляет 1 км, а до районного центра Ишкашим - 111 км.

Подобного рода пункты приграничной торговли в перспективе будут построены и сданы в эксплуатацию в прибрежном селении Фархорского района Хатлонской области напротив афганского уезда Ойхонум. (Соответствующий документ об этом был подписан в 2019 году: “Соглашение между Министерством транспорта Республики Таджикистан и Фондом Ага Хана в Таджикистане о сотрудничестве по строительству моста через реку Пяндж на участке Кокул с автомобильными подходами к мосту (Фархарский район Хатлонской области Республики Таджикистан) и Ойхонум (Тахорская область Исламской Республики Афганистан) с финансированием Европейской Комиссией посредством Банка Развития Германии и Региональной интеграционной программы Пакистан, Афганистан, Таджикистан от 29 марта 2019 года) [5].

Таким образом, один из важных направлений эффективного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан является приграничная торговля, созданная на основе взаимных интересов сторон, способствующая расширению и укреплению дружбы, добрососедства и торгово-экономических отношений двух дружественных государств. Реальная картина отношений свидетельствует о том, что в перспективе в этом направлении ведется большая работа со стороны соответствующих инстанций Республики Таджикистан по приведению вышеназванных, а также строившихся пунктов приграничной торговли в соответствии с требованиями международных норм.

Хотя за последние несколько лет взаимовыгодные торгово-экономические отношения между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Афганистан имеют тенденцию к улучшению, но реальные факты существующего потенциала свидетельствуют о том, что оно все ещё используется недостаточно. Главная причина данной проблемы заключается в отсутствии безопасности в соседней стране. Вопросы обеспечения безопасности в данной отрасли относится и к северным провинциям Афганистана, где нестабильность, связанная с присутствием не утихомиренных остатков движения талибов, временами появляющаяся в уездах Имам Сахиб провинции Тахор, а также приграничных территориях Куфооб, Шикай, Нусай, Моймай провинции Бадахшан и некоторых уездов провинции Кундуз, непосредственно граничащие с южными районами

Республики Таджикистан, способствуют появлению чувства неуверенности и тревоги у предпринимателей.

Таҳқиқоти минбаъдаи мо оид ба муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявӣ, дар муқаррароти Ҷ.Р. Коммонс асос меёбад. Ташаккулёбӣ ва рушди муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявӣ, махсусан барои мамлакатҳои тараққикунанда зарур мебошад, зеро амалисозии ҳама гуна барномаи рушди иқтисодӣ на танҳо аз ҳолати бозори молиявӣ ва сармояи молиявӣ, балки аз муҳити институтсионалии он низ вобастагии калон дорад.

Рушди бозори сармояи молиявӣ, сатҳи ташаккулёбӣ ва рушди сохти институтсионалӣ на танҳо аз сохти молиявӣ ва бозори хизматрасонии молиявӣ вобастагӣ дорад, балки аз рушди сохти институтсионалии иқтисодиёти миллии кишвар вобаста аст. Бинобар ин, ҷараёни рушди бозори сармояи молиявиро ҳамчун алоқамандии зич бо ҷараёни афзоиши иқтисодӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият баррасӣ кардан зарур аст. Зеро сармояи молиявӣ ҳамчун муносибати бо ҳамдигар васлкунии сармоя ва мутаносибан манфиатҳои соҳаҳои гуногун ва бахшҳои иқтисодии соҳаҳои хоҷагидориро, дар назар дорад.

Ҳангоми норасоии чунин шартҳои иқтисодӣ, ба монанди ғункунии воситаҳои пулии субъектҳои хоҷагидор, муҳит ё шароити мусоид барои самаранок ҷойгиркунии онҳо, тақвият бахшидани боваринокӣ байни шарикҳо ва муносибатҳои мустаҳками дарозмуддат ва ғайра ташаккул ва рушд ёбад. Бинобар ин, ташкил додани муҳити институтсионалие, ки

барои рушди ин бахши бозори молиявӣ мусоидаткунанда мебошад, шарти асосии рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми гузариш аз хизматрасонии одии гирдгардиши хоҷагидорӣ ба таъминоти пулӣ ё молиявии рушди субъектҳои хоҷагидор, ташкилотҳои молиявӣ ба қувваи бузург мубаддал мегарданд, ки дар натиҷа, ба субъектҳои бахши соҳибкорӣ қобилияти харидориро бо ташкили пешниҳоди нави молӣ фароҳам меорад [6, с.455].

Ин пешниҳодҳои фундаменталӣ асоси сиёсати давлат дар бахши низоми молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд. Бинобар гузариши кишвар ба марҳилаҳои нави рушд, ки ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зарурии ислоҳоти низоми молиявӣ-қарзӣ ба вуҷуд омадааст: "Вазъияти пулӣ-қарзии кишвар, махсусан таъсир ба қурби асъори миллӣ, ноустувории сармояи бонкӣ, норасоии сатҳи маблағгузории иқтисодиёти миллӣ ва ҷалби сармоя, моро водор менамояд, ки чораҳои таъхирнопазир дар ин самтҳо андешем. Аз ин лиҳоз, Бонки миллиро зарур аст, ки дар қисми гузаронидани ислоҳоти зарурии пулию қарзӣ, нигоҳ доштани муътадилнокии қурби асъори миллӣ, сатҳи нарх, фаъолияти бонкҳо, назорат аз болои риоя намудани қонунгузории бонкӣ ва мукаммалгардонии он, паст намудани сатҳи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои корпоративии идоракунӣ чораҳои қатъӣ андешанд" [3].

Ҳамин тариқ, давлат бо чунин усул таъсири фаъолонаи худро ба муҳити институтсионалӣ бо роҳи мукаммалгардонии ҷараёни мақсадноки низоми молиявию қарзӣ, ҳамчун муҳити ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ оғоз намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки қувва ва тавоноии сармояи молиявӣ дар ҳаракати доимии он маҳфуз мебошад, махсусан дар ҷараёни ҳаракат вай худ аз худ афзоиш меёбад ва такрористеҳсоли доимии он ба вуҷуд меояд. Ҳаракати он дар бозори молиявӣ ба вуҷуд омада, бинобар он, муҳити мавҷудияти сармояи молиявиро бозори молиявӣ ташкил медиҳад.

Танҳо, сохтори институтсионалии бозори молиявӣ ба пешрафти кори агентҳои он (бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақа) вобаста ба ғункунии воситаҳои пулии ҷамъият ва интиқоли минбаъдаи он ба ихтиёри субъектҳои хоҷагидор мусоидат намуда, шарту шароит ва муҳити ҳаракати сармояи молиявиро муайян менамояд. Ҳамин тариқ, зерсохтори муносибатҳои молиявӣ сохтори муҳими институтсионалии бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо кори механизми байнисоҳавӣ ва байниминтақавии аз нав тақсимкунии сармояи пулиро муносиб ба талаботҳои ҷараён ва давраҳои такрористеҳсолии ҷамъиятӣ таъмин менамоянд.

Зерсохтор ҷузъи зарурии ҳар як намуди бозор, аз ҷумла бозори сармояи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Зерсохтори бозори сармояи молиявӣ аз маҷмӯи институтҳо, хадамотҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое, ки бозорро хизмат мерасонанд, иборат буда, вазифаҳои муайянро оид ба таъмини бехатарӣ ва тартиботи самараноки фаъолияти онҳо иҷро мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари ба шохаҳо ҷудо гардидани ҷараёни иқтисоди бозорӣ муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, ҳамчун шартҳои муносибатҳои мутақобилаи озоди байни ҳама гуна иштирокчиёни бозори молиявӣ ва бозори сармоя ташаккул ёфт, ки ҷараёни воқеии ташаккулёбии зерсохтори муносибатҳои молиявиро ба вуҷуд овард. Айни

замон, дар ҷумҳурӣ зерсохтори бозори молиявӣ ташкил ва рушд ёфта истодааст, ки ба таъсис додани муҳити ташкилию технологӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат кард. Онҳо, ҳамчунин, ба ташкили низоми ҳамкории мутақобила бо субъектҳои бозори сармоя ва иқтисодиёти ҳақиқӣ мусоидат намуданд. Пеш аз ҳама, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда шуд, ки онҳо асосҳои институтсионалии фаъолияти бозори молиявӣ ва бозори сармоявиро муайян намуданд.

Созишномаҳои институтсионалӣ, ки бевосита ҳамкорӣ ва муносибати агентҳои бозор, институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро, ки афзоиши сатҳи бехатарии иқтисодиро таъмин намуда, хароҷоти трансаксиониро дар мувофиқа ва дастгирии манфиатҳо паст менамояд, сатҳи самараноки муҳити институтсионалии бозори сармоявиро тавсиф медиҳад. Сатҳи самаранокии фаъолияти агентҳои бозори сармояи молиявӣ аз сатҳи таъминоти ахборотии фаъолияти бозор, аз сатҳи бохабарии иштирокчиёни бозор, аз вазъияти бозор, инчунин, аз мутобиқати онҳо вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин, Ҷ.М. Хоҷсон бисёр дақиқ муҳити институтсионалиро бо "механизми ақидаи пинҳоншуда" муқоиса менамояд [5, с.434].

Ҳамин тариқ, вазифа ва моҳияти зерсохтори бозори сармояи молиявӣ аз дастгирӣ ва такрористеҳсолии низоми самараноки иштирокчиёни муносибатҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ иборат мебошад, ки бо мувофиқакунии ҳамбастагии бозори молиявӣ ба вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он мусоидат мекунад. Фаъолияти самараноки бозори сармояи молиявӣ шарту шароити заруриро барои қонеъ гардонидани талаботҳои субъектҳои хоҷагидор барои сармоягузорӣ ва самаранокиро нисбат ба хароҷоти трансаксионии камтарин, ба шакли муайян медарорад. Сатҳи таъмини ин ҷараёнҳо дар вазифаҳои ба зиммаи зерсохтор вогузошта инъикос меёбад:

- Ташкил ва такмилдиҳии ҳамкории субъектҳои хоҷагидор, ки бевосита дар вазифаҳои қарордодӣ дарҷ мешаванд;
- танзими ҳаракати захираҳои пулӣ, ҷараёни даромадҳо ба мақсади таъмини сармоягузории ҷараёнҳои такрористеҳсоли молҳо мебошад.

Муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявӣ дар риоя намудани қоидаҳои бозӣ аз тарафи ҳамаи иштироккунандагони бозор асос меёбад. Меъёр ва қоидаҳо бояд бо имкониятҳои воқеии тарафҳо, шартҳои тағйирёбанда ва афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ комилан мувофиқ бошанд. Дар муҳити институтсионалӣ таъсири давлат ба сатҳи трансаксия оид ба муомилоти ҳуқуқи моликият, равиш ё самте, ки давлат муайян мекунад ва шиддатнокии дахолати давлат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар шароити муосир вазифаҳои давлат ҳамчун иштирокчии асосии иҷрокунандаи вазифаҳои бозори сармояи молиявӣ бештар афзоиш меёбад:

- таъмини устувории муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявӣ;
- иштироки стратегӣ дар ҷараёни сармоягузорӣ;
- сари вақт ворид намудани ислоҳот дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ;
- таъмини натиҷагирӣ аз уҳдадориҳои иҷтимоӣ.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз ҳама бисёртар ба тағйироти институтсионалӣ ва лоиҳаҳои институтсионалӣ, ки ба мукаммал гардонидани ҳудуди ташкилию ҳуқуқӣ, сохторикунонӣ ва ба тартибдарории ҳамкориҳои агентҳои воқеии иқтисодӣ ва бахши молия равона карда шудааст, тавсия меёбад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти бомуваффақи сармояи молиявӣ аз фаъолияти корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ вобастагӣ дорад.

Дар ин ҷадвал, дар бораи шумораи корхонаҳо ва корхонаҳои хурде, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар асоси ҳисоботи онҳо дар бораи фаъолияташон ва шумораи шахсони машғули соҳибкории инфиродӣ гирифташуда, маълумот оварда шудааст.

Соли 2018 шумораи умумии корхонаҳои муштарак ба миқдори 649 адад афзудааст, ки ин нисбат ба соли 2012 зиёдшавии корхонаҳо 491 адад, яъне (4, 9) маротиба зиёдтар мебошад.

**Ҷадвали №1.**

**Динамикаи шумораи корхонаҳои муштараки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда**

| Солҳо | Дар ҷумҳурӣ | Аз он ҷумла дар | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | вилояти Суғд | вилояти Хатлон | шаҳри Душанбе | ва дигар минтақаҳо |
| **2010** | 149 | 22 | 3 | 112 | 12 |
| **2011** | 157 | 20 | 3 | 128 | 5 |
| **2012** | 158 | 20 | 3 | 129 | 6 |
| **2013** | 172 | 19 | 3 | 143 | 7 |
| **2014** | 190 | 21 | 2 | 159 | 8 |
| **2015** | 221 | 21 | 1 | 190 | 9 |
| **2016** | 266 | 21 | 23 | 216 | 6 |
| **2017** | 373 | 21 | 27 | 319 | 6 |
| **2018** | 649 | 34 | 29 | 507 | 79 |

Сарчашма:*: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018 сол - С.228.*

Дар ҷумҳурӣ соли 2018 шумораи корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ 649 ададро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 2,5 маротиба зиёд мебошад.

Зиёдшавии шумораи корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби зиёдшавии онҳо дар шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон ба вуҷуд омадааст. Дар вилояти Хатлон, дар соли 2018 шумораи онҳо якбора то 29 адад зиёд шудааст, ҳол он ки дар соли 2015 1 ададро ташкил медод. Ба чунин суръат афзоиш ёфтани муҳити институтсионалӣ барои ба фаъолият шурӯъ намудани ду минтақаи озоди иқтисодӣ (дар ноҳияҳои Данғара ва Панҷ) мусоидат намуд [ҷадвали 1].

Тавре ки аз нишондиҳандаи ҷадвали 1 бармеояд, 80%-и корхонаҳои муштарак дар шаҳри Душанбе фаъолият менамоянд. Ин аз вазифа ва аҳамияти омилҳои зерсохторӣ-институтсионалӣ дар таъмини рушди бозори сармояи молиявӣ ва ҷалб намудани сармояи хориҷӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Ба шарофати самаранокии муҳити институтсионалӣ ва иқтисодии шаҳри Душанбе бисёртар ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст [ҷадвали 1].

Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ ҳиссаи иштироки сармояи хориҷӣ дар таъсис додани сармояи асосии корхонаҳои муштарак бо асъори миллӣ майл ба рушди устувор дорад.




**Расми №1. Динамикаи сармоягузории хориҷӣ дар сармояи асосии корхонаи муштарак (ҳаз. сомонӣ)** [2, с. 548].

Нишондиҳандаҳо дар расми №1 нишон медиҳанд, ки сармояи асосии корхонаҳои муштарак аз 477,3 млн. сомонӣ то 2254023,9 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Чунин тамоили афзоиш, ҳамчунин, васеъшавии сармояи асосӣ аз муътадилии муҳити институтсионӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ шаҳодат медиҳад, ки кафолати он, пеш аз ҳама, аз тарафи давлат ҳамчун пешбарандаи сохтори институтсионалии бозори сармояи молиявӣ дида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ гунае, ки баъзе олимони ватанӣ қайд менамоянд, барои беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, зарур аст, ки иқлими сармоягузорӣ мукаммал карда шавад ва танҳо дар ин ҳолат сармоягузории хориҷӣ афзоиш меёбад [5, с.179].

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир рушди номуътадил ҳам дар иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳам дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад. Махсусан, ин дар ноустувории ҷузъиёти молиявии бухрони иқтисодии муосир, ки хусусияти бунёди муҳити институтсионалии молиявии муосирро муайян менамояд, ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, айни замон асос ва фаъолияти муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявиро бисёртар самаранокии сиёсати давлат ва танзими давлат, муайян мекунад. Зеро агентҳои бозори сармояи молиявӣ, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ асоси низоми "хунгузаронӣ" дар гирдгардиши ММД ба ҳисоб мераванд.

Муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявиро ҳамчун маҷмӯи таъсиррасоне, ки дар бахши воқеии иқтисодӣ ва бахши молиявӣ зоҳир мешавад, баррасӣ намудан мумкин аст. Ба таркиби муҳити институтсионалӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- марказҳои ҳисобӣ-хазинавӣ ва идоракунии минтақавии Бонки миллии ҷумҳурӣ, ки танзим ва назоратро аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ амалӣ менамоянд;
- меъёр, қоида ва дастурамал, ки қоидаи фаъолияти бозори сармояи молиявиро муайян менамояд;

- қоидаҳои дохилӣ ва низоми агентҳо, пеш аз ҳама, бонкҳоро, ки самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории сиёсати дохилӣ дар сегментҳои гуногун, инчунин, сатҳи хавфи амалиётҳои гузаронидашавандаро муайян менамоянд.

Дар айни замон, ташкилотҳои қарзӣ объектҳои асосии таркибӣ-таъсисдиҳандаи бозори сармояи молиявӣ ба ҳисоб меравaнд. Онҳо мувофиқи қоидаҳои бозори расмии муқарраршуда амал менамоянд, ки аз болои риоя намудани онҳо Бонки миллӣ назорат мекунад. Бонки миллӣ сохтори институтҳои муҳити институтсионалии бозори сармояи молиявиро муайян менамояд, ки дар вазифаҳои он зоҳир мешавад:

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории бахши соҳаи бонкӣ;
- таҳия намудани саволҳои методикӣ бо коркарди низомномаву тартиб барои институтҳои гуногуни бозори сармояи молиявӣ;
- назорат аз болои риоя намудани чорчӯбаи институтсионалии бозори институтсионалӣ.

Дар ҷараёни мувофиқакунонии фаъолияти агентҳои бозори сармояи молиявӣ вобасташавии меъёр ва қоидаҳои расмӣ бо қоидаҳои дохилии бонкӣ, расму оини идора кардани фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ таҳия карда мешаванд, ба амал меояд, ки онҳо хусусияти асосгузорӣ ва фаъолиятпазирии агентҳои қарзӣ ва бозори дигар, инчунин, вазифаҳои онҳоро дар рушди иқтисодиёт муайян месозанд. Тавре ки иқтисодчии австрягӣ Й. Шумпетер қайд намуда буд, бонкҳои тиҷоратӣ (ҳамчун миёнарав) қувваи институтсионалии тағйирдиҳанда дар сохтори молиявии иқтисодӣ ба шумор меравaнд [7, с.25].

Дар соли 2019 шумораи сохтори ташкилотҳои қарзии зертобеъ дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2018 ба миқдори 160 адад кам шуд. Аз ҷумла, шумораи зертобеъҳои бонкӣ ба 164 адад ва 4 адад фаъолияти худро дар нуқтаҳои хизматрасонии кассавӣ қатъ намуданд. Майли пастшавӣ ё камшавии шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори зертобеи онҳо дар минтақаҳои кишвар аз паст фаромадани сатҳи зерсохтори бозори сармоя ва самаранокии муҳити институтсионалии он шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали №2.**

**Сохтори ташкилотҳои қарзии зертобеъ дар ҷумҳурӣ**

| Сохтори зертобеъ | Соли 2018 | Соли 2019 | Фарқият (+,-) |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1668** | **1828** | **-160** |
| аз ҷумла | | | |
| Филиалҳо | 332 | 328 | -4 |
| Маркази хизматрасонии бонкҳо | 1336 | 1500 | -164 |
| Нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ | 4 | 0 | -4 |

*Сарчашма: Ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон: Манбаи истифодашуда nbt.tj 2019 сол.*

Сабаби чунин пастравӣ, пеш аз ҳама, дар кам шудани дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Дар соли 2019 активҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ 21 975,8 млн. сомониро ташкил медод, ки нисбат ба соли 2018 ба 774,8 млн. сомонӣ, ё ин ки 3,7% зиёд шудаанд. Ин асосан, аз ҳисоби кам шудани бозоргирии активҳо ва портфели қарзии ташкилоти

қарзӣ мебошад. Дар соли 2017 бақияи умумии портфели қарзии ташкилотҳои қарзӣ 8 507,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба маблағи 1 315,8 млн. сомонӣ ба 13,4% кам мебошад [2].

**Ҷадвали №3.**

**Сифати портфели қарзии ташкилотҳои қарздиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Классификатсияи қарз | Соли 2018 | Соли 2019 | Фарқият (+,-) |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **8 652,5** | **9 703,2** | **-1050,7** |
| аз он ҷумла | | | |
| Хизматрасонишаванда | 6 021,5 | 7 144,2 | 1122,7 |
| Хизматрасониданашаванда | 2 631,0 | 2 559,0 | -72 |
| вазни қиёсии қарзҳои хизматрасони-нашаванда дар портфели қарзӣ | 30,4% | 26,4% | -4,1 б.ф. |
| вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис) | 2,9% | 2,3% | -0,6 б.ф. |

*Ҳисоб шуд аз рӯи: Бюллетени омори бонкӣ. - 2019. (манбаи электронӣ) nbt.tj*

Ин аз ҳисоби кам шудани маблағи бақияи қарз аз тарафи субъектҳои хоҷагии қишлоқ ва соҳибкорони хурду миёна ба амал омад. Дар соли таҳлилшаванда бақияи портфели қарзии ташкилотҳои қарзӣ (бе назардошти фонди рӯйпӯшкунандаи талафоти эҳтимолӣ) 6707,4 млн. сомониро ташкил дод, аммо ҳаҷми қарзҳои хизматрасонинашаванда ба 3 046,6 млн. сомонӣ баробар шуд.

Ҳаҷми қарзҳои хизматрасонинашаванда дар соли 2017 26,4% портфели қарзиро ташкил медод, нисбат ба соли 2016 ба 4,1 банди фоиз кам гардид, ки ба ифодаи мутлақ ба 72 млн. сомонӣ кам гардидааст. Уҳдадориҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ 15 207,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба маблағи 481,3 млн. сомонӣ, ё 3,1% кам шуд. Ин асосан аз ҳисоби тағйирёбии депозитҳои фаврӣ ва ғункунанда ва дигар уҳдадориҳо ба амал омад. Сармояи умумии тавозунӣ дар соли 2017-ум 5 724,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ба маблағи 226,5 млн. сомонӣ ё ба 4,1% афзоиш ёфт, ки он аз ҳисоби болоравии пардохти сармояи оинномавӣ мебошад.

Таносуби активҳои бонкӣ ба ММД 27,3%-ро ташкил дод. Дар умум, афзоиши дороиҳои ташкилоти қарзӣ қариб, ки бо суръати афзоиши иқтисодиёти кишвар якхела рафта истодааст. Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ танҳо субъектҳои хоҷагидоронро хизмат мерасонанд, аммо барои рушд намудан, ҳавасманд намесозанд ва то ҳол ба суръати ҳаракатдиҳандаи афзоиши иқтисодӣ нашудаанд. Аз ин лиҳоз, бе бунёди сохтори институтсионалии самаранок ва таъсис додани бозори кории сармояи молиявӣ имкониятҳои рушди муҳити институтсионалии он маҳдуд мебошад.

Аз як тараф, бозори сармояи молиявӣ механизми амалии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, аз тарафи дигар, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва сатҳи рушди низоми бонкӣ шарти рушди он ва бозори қарзӣ мебошад.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017). Душанбе, 26 апрел.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан, 2018 - С.548.

3. Долан Э. Дж. Деньги, банковское дело и денежно-кредитная политика. / Э.Дж. Долан, К. Д. Кэмпбелл, Р. Дж. Кэмпбелл // Пер. с англ. - СПб. 1994. - 496 с.
4. Кандиерова Д. О. Инвестиционные процессы в Республике Таджикистан: региональный аспект / Д. О.Кандиерова, Б. Г. Сафаров //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – №. 2/1. – С. 176-185.
5. Ходжсон Дж. Экономическая теория и институты: Манифест современной институциональной экономической теории. / Дж. Ходжсон. - М.: Дело, 2003. - 464 с.
6. Шумпетер Й. Теория экономического развития: Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнкруты / Й .Шумпетер// Пер с нем. В .С. Автонома и др.; Общ.ред. А. Г. Милейковского. – М.: Прогресс, 1982.- 455 с.
7. Commons J. institutional Economics // American Economic Review – 1931.-Vol 21-P.648-657

---

**УДК. 330.(1.32).(575.3)**

## МУАММОҲОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ САВДОИ НАЗДИСАРҲАДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ашуров Муҳаммадӣ Нусратович*** - *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 985-42-30-30. E-mail: m_a_84-84@mail.ru.*

***Бобоев Ҷамрод Қурбонович*** - *н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 918-66-89-71. E-mail: tagalov@yandex.ru.*

*Дар мақола масъалаи хусусиятҳои хоси ташаккулёбии инфрасохтори бозорӣ ба таври васеъ дида баромада шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки инфрасохтори бозорӣ равандҳои мубодилавии байни субъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, механизми ташаккулёбӣ ва рушди бозор ҳамчун институти муҳим баромад мекунад, ки дар набудани он фаъолият ғайриимкон аст. Аз ҷониби муаллифон, нишондиҳандаҳои таъминнокии ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо объектҳои инфрасохтори бозорӣ дар соли 2019 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Барои баррасии проблемаҳои инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадӣ муаллифон пешниҳод менамоянд, ки бояд амалҳои стратегиро дар рушди соҳаҳои гардиши мол, тиҷорати наздисарҳадӣ, инчунин, рушди фаъолияти субъектҳои инфрасохтори бозор (тиҷоратӣ-миёнаравӣ, молиявӣ-қарзӣ, ҳуқуқӣ, робитаҳои иқтисодии беруна ва иттилоотии наздисарҳадӣ ва ғайра) истифода намуд.*

***Калидвожахо**: иқтисодиёт, рушд, инфрасохтор, бозор, инфрасохтори бозор, тиҷорат, робита, минтақа, ноҳияҳои наздисарҳадӣ, ҳуқуқ.*

## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРИГРАНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Ашуров Мухаммади Нусратович*** – *к.э.н., доцент, заведующий кафедрой менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 985-42-30-30. E-mail: m_a_84-84@mail.ru.*

***Бобоев Джамрод Курбонович*** – *к.ю.н., доцент, заведующий кафедрой экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 918-66-89-71. E-mail: tagalov@yandex.ru.*

*В статье подробно рассматриваются особенности формирования рыночной инфраструктуры. Авторы отмечают, что рыночная инфраструктура обеспечивает обменные процессы между хозяйствующими субъектами, а механизм формирования и развития рынка является важным институтом, без которого невозможно*

*функционировать. Авторами проанализированы показатели обеспеченности приграничных территорий Республики Таджикистан объектами рыночной инфраструктуры в 2019 году. Для решения проблем рыночной инфраструктуры в приграничных районах авторы предлагают предпринять стратегические действия в развитии торговли, трансграничной торговли, а также в развитии рыночной инфраструктуры (торгово-посредническая, финансово-кредитная, юридическая).*
***Ключевые слова**: экономика, развитие, инфраструктура, рынок, рыночная инфраструктура, сделка, связь, регион, приграничный район, право.*

## PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF BORDER TRADE INFRASTRUCTURE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Ashurov Mukhammadi Nusratovich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Management, Tajik State Financial and Economic University, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Phone: (+992) 985-42-30-30. E-mail: m_a_84-84@mail.ru.*
***Boboev Jamrod Kurbonovich** - Candidate of Law, Associate Professor Head of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Phone: (+992) 918-66-89-71. E-mail: tagalov@yandex.ru.*

*The article discusses in detail the features of the formation of market infrastructure. The authors note that the market infrastructure provides exchange processes between business entities, and the mechanism for the formation and development of the market is an important institution, without which it is impossible to function. The authors analyzed the indicators of the provision of the border territories of the Republic of Tajikistan with market infrastructure facilities in 2019. To solve the problems of market infrastructure in border areas, the authors propose to take strategic actions in the development of trade, cross-border trade, as well as in the development of market infrastructure (trade and intermediary, financial and credit, legal and legal, legal and legal).*
***Key words**: economy, development, infrastructure, market, market infrastructure, transaction, communications, region, border area, law.*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ, чӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳида ва чӣ дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ки дар як манзараи ҷуғрофӣ ҷойгиранд, масъалаҳои таъмини инфрасохтории татбиқсозии самараноки иқтидори тиҷорати минтақавӣ ва рушди тиҷорати байниминтақавӣ дар заминаи беҳтарсозии инфрасохтори бозорӣ, пеш аз ҳама, ноҳияҳои наздисарҳадӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Инфрасохтори бозорӣ равандҳои мубодилавии байни субъектҳои хоҷагидорро таъмин намуда, механизми ташаккулёбӣ ва рушди бозор ҳамчун институти муҳим баромад мекунад, ки дар набудани он фаъолият ғайриимкон аст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити устуворгардонии муносибатҳои ҷаҳонишавӣ сарҳади давлатӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд, зеро ки вазифаҳои гуногуни он барои рушди тиҷорати наздисарҳадӣ мусоидат мекунанд. Сарҳади давлатӣ метавонад равандҳои тиҷоратиро ба таври назаррас тезонад ва ё барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ садди асосӣ гардад [1, с.10].

Бояд гуфт, ки ҳамкории наздисарҳадӣ метавонад дар самтҳои гуногун инкишоф ёбад ва ба ривоҷ ва мустаҳкам гардидани робитаҳои фарҳангӣ, гуманитарӣ, хоҷагидорӣ, ташкили фазои таҳаммулгароӣ, инкишофи самараноки иқтисодӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ дар қаламрави наздисарҳадӣ замина гузорад.

Соҳаҳои муосири ҳамкории байнисарҳадӣ ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад: савдо, сармоягузорӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, лизинг ва ғайра. Аммо аз ҳама муҳими он савдои байнисарҳадӣ мебошад.

Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои савдои байнисарҳадӣ тибқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегардад. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ”, “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ”. Ба ғайр аз ин, барои онҳо, инчунин, як қатор қонунҳои характери умумииқтисодӣ, ба мисли Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра истифода мегардад.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон” савдои наздисарҳадӣ - савдои (хориҷии) молу хизматрасоние мебошад, ки танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи маҳал ба молу хизматрасониҳои дар ҳудуди дахлдори наздисарҳадӣ истеҳсолшуда ва барои истеъмол аз тарафи шахсони воқеии дорои маҳалли доимии зист ва шахсони ҳуқуқии дорои маҳалли ҷойгиршавӣ дар ин қаламрав пешбинӣ гардидааст.

Инфрасохтори бозор дар рушди минтақа ва таҷдиди сохтории минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир нақши муҳим дорад. Ташаккул ва рушди инфрасохтори минтақаҳои наздисарҳадӣ барои таҷдиди сохторӣ ва рушди бисёрҷанбаи минтақаҳои мамлакат ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Дар ин асос, бояд мутобиқати рушди мазкур бо рушди иқтисодиёти минтақа риоя карда шавад ва суръати таҷдиди инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадӣ ба суръати тағйироти прогрессивӣ дар минтақа мутобиқ бошад.

Тавре ки Р.К. Раҷабов қайд мекунад: “Ба инфрасохтор ҳам маҷмӯи соҳаҳо ва ҳам шаклҳои алоҳидаи фаъолиятро дохил намудан мумкин аст”[5, с.17].

Л.Г.Ахтариева бошад, дар корҳои илмии хеш чунин қайд мекунад: “Инфрасохтори бозор ҷузъи муҳими иҷтимоию иқтисодии системаи минтақа ба ҳисоб меравад, ки муносибат ва алоқаҳои муштаракро байни субъектҳо дар раванди гардиши захираҳои иқтисодӣ муайян менамояд. Аз сатҳи рушди инфрасохтори бозор суръати рушди иқтисодии минтақаҳо бештар вобаста аст” [2, с.180].

Ба ақидаи мо, инфрасохтори минтақавии бозор маҷмӯи соҳа ва шаклҳои фаъолияти хоҷагидорие мебошад, ки рушд ва фаъолияти самараноки тамоми системаи бозорҳоро дар минтақа, бо фарогирии иқтидори иқтисодии минтақа, инчунин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии бо фаъолияти субъектҳои бозор алоқамандро инъикос менамояд.

Дар системаи муосири иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити зиёд шудани тағйироти стратегӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ инфрасохтори бозор дар сатҳи рушди мунтазам ва дар мутобиқшавӣ ба ҳолати воқеӣ қарор дорад.

Тайи солҳои истиқлолияти давлатӣ дар қисми зиёди минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба равандҳои амалишавандаи иқтисодӣ таъсиррасонии бевосита бо роҳи ташаккули инфрасохтори самаранок ва базаи институтсионалӣ ба амал меояд, балки дастгирии бевоситаи шаклҳои муайяни фаъолият низ ба назар мерасад. Дар ин робита, қайд намудан зарур аст, ки дар мамлакатҳои рушднамудаи саноатӣ ҷараёни гузариш аз дастгирии бевоситаи давлатӣ ба усули бевоситаи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар ташкили инфрасохтор ба мушоҳида мерасад. Тамоюли мазкур аксаран фаъолнокии сармоягузорӣ ва ҳавасмандии минтақаҳоро барои ташкили бизнес баланд мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат ин мусоидат намудан ба рушди савдои наздисарҳадӣ мебошад (моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат").

Дар ин робита ба фаъолнокии иқтисодии минтақаҳои наздисарҳадии мамлакат инфрасохтори бозор, мавҷудияти заминҳо, системаи рушдёфтаи нақлиётӣ, системаи алоқа, хоҷагидории анборӣ ва ғайра таъсири калон мерасонанд [6, с.145].

Бо тарзи дигар, инфрасохтори рушдёфта (роҳҳо, алоқа, вокзалҳо, фурудгоҳ ва ғайра) заминаи асосии таъмини рушди тамоми шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ муносибате вуҷуд дорад, ки самтҳои хосро барои таъмини рушди минтақаҳо, аз ҷумла мавҷудияти ашёи хом, таъминоти сӯзишворию энергетикӣ, таъминоти омилҳои истеҳсолот, мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсионӣ ва эҳтиёҷоти харидорон, инчунин мавқеи ҷуғрофию иқтисодиро дар бар мегирад.

Дар самти рушди минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили инфрасохтори муосири ба талабот ҷавобгӯ аҳамияти муҳим дорад, ки барои рушди устувор ва ташаккули хоҷагидории бисёрҷанбаи минтақаҳои наздисарҳадӣ заминаи асосӣ мегузорад.

Савдои наздисарҳадӣ дар асоси шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати хориҷии ҳамсарҳад амалӣ гардонида шуда, пешниҳоди низоми махсуси мусоиди фаъолияти савдои хориҷиро дар мавриди савдои (хориҷии) молу хизматрасонӣ пешбинӣ менамояд [4, 80].

Сарҳади Тоҷикистон 3651 километрро ташкил намуда, қисми зиёди он аз баландкӯҳҳо мегузарад. Аз шимол бо Қирғизистон, аз ҷануб бо Афғонистон ва аз ғарб бо Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст. Дар поён минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд (Расми 1).

Бо мақсади ташаккули шароити зарурии инфрасохтори бозор ва тавсеаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар асоси ҳамкориҳои судманди дуҷониба дар минтақаҳои наздисарҳадӣ, инчунин, рушди минбаъда ва таҳкими робитаҳои дӯстӣ дар байни давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомнома оид ба тартиби амалӣ намудани тиҷорати наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид, ки тамоми ҷонибҳои танзимшавандаи фаъолияти нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадии кишварро дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди инфрасохтори бозор ва тиҷорати наздисарҳадӣ саҳми арзанда доранд. Аммо раванди ташкили шароит дар бозорҳои навташкил, масалан Лангар, Панҷи Поён, Ғунҷибоӣ хеле суст ҷараён дорад. Ҳанӯз дар маслиҳатҳои аввалин байни роҳбарияти ВМКБ ва музофоти Бадахшони Афғонистон мувофиқа карда шуд, ки дар ҷониби Афғонистон бозорҳо ва дар ҷониби Тоҷикистон савдои молу маҳсулот дар соҳили ҳар ду ҷониб ба роҳ монда шавад. Дар маҷмӯъ, рушди инфрасохтор ва тиҷорати наздисарҳадӣ ва баланд бардоштани сатҳи он аз ҳамаи иштирокдорон диққати ҷиддӣ ва ширкати фаъолонаро талаб менамояд. Мақсаднок мебуд, агар аз ҳисоби намояндагони мақомотҳои давлатии ҳавасманд ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба ташкили инфрасохтори бозор ва рушди тиҷорати наздисарҳадии минтақавӣ маркази ҳамоҳангсозӣ ташкил карда шавад [3, с.33].




**Расми 1. Ноҳияву шаҳрҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола 14 шаҳру ноҳияи наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз 14 шаҳр ва ноҳияи ҷумҳурӣ, ки кушодани нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ пешбинӣ ва қарори дахлдор қабул шудааст, танҳо дар 4 ноҳия (Ишкошим, Дарвоз, Хоруғ ва Исфара) нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ ташкил карда шудаанд. Сабабҳои асосии проблемаҳои мавҷуда дар минтақаҳои наздисарҳадии ҷумҳурӣ аз инҳо иборат аст:

- мавҷуд набудан ва нокифоягии воситаҳои молиявӣ барои ташаккули инфрасохтори бозор ва ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ дар нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;

- набудани тартиби содакардашудаи воридшавӣ ва баромади шаҳрвандони хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби содакардашудаи назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳӣ, инчунин, тартиби содакардашудаи ҳаракати мол ва воситаҳои нақлиётӣ барои истиқоматкунандагони минтақаҳои наздисарҳадӣ бо мақсади ба роҳ мондани тиҷорати наздисарҳадӣ;

- маҳдуд намудани номгӯ ва миқдори молҳои барои тиҷорати наздисарҳадӣ муақарраргардида.

Тезонидани ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ дар дигар ноҳияҳо метавонад шиддатро дар сарҳад бо Ҷумҳурии ҳамсояи Афғонистон аз байн бурда, барои рушди инфрасохтори бозор шароити мусоид фароҳам орад. Дар ин замина, омӯзиши амиқи ҳолати онҳо зарур аст ва бояд ба ташкил ва беҳсозии фаъолияти онҳо мусоидат карда шавад.

Масъалаи ташкили бозорҳои нав ва мукаммалсозии бозорҳои мавҷуда бо роҳи ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ низ хеле муҳим аст [7, с. 218].

Таҳлили нишондиҳандаҳои таъмини минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки объектҳои инфрасохтори бозории мавҷуда барои рушди инноватсионии минтақаҳои мамлакат нокифоя аст (ҷадвали 1). Ба ғайр аз ин, иқтидори мавҷуда ва объектҳои инфрасохтори бозорӣ пурра истифода намешаванд. Қафомонӣ дар сатҳи рушди инфрасохторӣ ба он оварда мерасонад, ки соҳаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва молиявии ин ноҳияҳо дар шароити номуносиб ва ғайрисамаранок рушд намоянд.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои таъминнокии навоҳии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо объектҳои инфрасохтори бозорӣ дар соли 2019**

| | Ноҳияҳои наздисарҳадӣ | I | II | III | IV | V | VI |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Лахш | *61 300* | *2* | *2* | *2* | *9* | *11* |
| 2. | Конибодом | *178 100* | *3* | *6* | *1* | *46* | *64* |
| 3. | Панҷакент | *230 400* | *5* | *5* | *6* | *48* | *78* |
| 4. | Мастчоҳ | *101 532* | *2* | *7* | *1* | *29* | *34* |
| 5. | Спитамен | *118 409* | *3* | *5* | *2* | *27* | *42* |
| 6. | Турсунзода | *249 774* | *4* | *7* | *19* | *19* | *38* |
| 7. | Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | *137 900* | *2* | *5* | *18* | *15* | *16* |
| 8. | Фархор | *151 800* | *1* | *4* | *20* | *14* | *12* |
| 9. | Дӯстӣ | *102 200* | *1* | *4* | *4* | *15* | *10* |
| 10. | Шамсиддин Шоҳин | *50 200* | *1* | *3* | *4* | *7* | *8* |
| 11. | Ишкошим | *32 200* | *2* | *2* | *1* | *2* | *6* |
| 12. | Дарвоз | *23 300* | *2* | *4* | *1* | *2* | *4* |
| 13. | Хоруғ | *30 300* | *5* | *5* | *6* | *5* | *18* |
| 14. | Мурғоб | *15 300* | *1* | *1* | *1* | *1* | *9* |

Эзоҳ: I - шумораи аҳолӣ; II - теъдоди меҳмонхона ва тарабхонаҳо; III - теъдоди филиалҳои бонкҳо; IV - теъдоди ташкилотҳои молиявию қарзӣ; V - теъдоди марказҳои хизматрасонии бонкҳо; VI - шумораи корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ

*Манбаъ: Дар асоси ҳисоботи Агентии омори назди Президенти ҶТ 2019 ва сомонаи расмии шаҳру навоҳиҳо аз ҷониби муаллифон таҳия карда шудааст.*

Таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҳолати кунунии минтақаҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамоянд, дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мавҷудияти муаммоҳои зиёди ҳалношуда ва омилҳои объективии таъминкунандаи рушди баробари ҳудудҳо нобаробарӣ ва тафриқаро муайян намуд.

Барои баррасии проблемаҳои инфрасохтори бозории минтақаҳои наздисарҳадӣ бояд амалҳои стратегиро дар рушди соҳаҳои гардиши мол, тиҷорати наздисарҳадӣ, инчунин, рушди фаъолияти субъектҳои инфрасохтори бозор (тиҷоратӣ-миёнаравӣ, молиявӣ-қарзӣ, ҳуқуқӣ, робитаҳои иқтисодии беруна ва иттилоотии наздисарҳадӣ ва ғайра) истифода намуд.


**Адабиёт:**

1. Абалкин Л.И. Экономическая теория на пути к новой парадигме /Л.И.Абалкин//Вопросы экономики. - 1993. - № 1. - С.4-14.
2. Ахтариева Л. Г. Системная модернизация региональной рыночной инфраструктуры /Л.Г.Ахтариева // Проблемы современной экономики. - 2008. - №3 (27). - С.222.
3. Абдукодиров Х.А. Некоторые проблемы производственной инфраструктуры в трансформационной экономике Республики Таджикистан /Х.А.Абдукодиров, М.М.Абдуллаев, М.Н. Обидова //Материалы III - международной научной конференции молодёжи. - Переяслав-Хмельницкий. - Киев, 2012. - С. 30 - 36.
4. Бобоев Ҷ.Қ. Таҳлили муқоисавии қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон /Ҷ.К.Бобоев // Қонунгузорӣ. - 2015. - №4 (20). - С. 78-91.
5. Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): дисс. докт. экон.наук- 08. 00. 04. - Душанбе, 2000. - С.17-18.
6. Солехзода А.А. Основные направления развития рыночной инфраструктуры приграничных районов Республики Таджикистан /А.А.Солехзода, М.Н.Ашуров // Экономика и управление: проблемы, решения. - 2017. - Т. 1. -№1.- С.144-149.
7. Хамидов А.Х. Влияние внешней трудовой миграции и финансово-экономического кризиса на неформальную занятость в сфере услуг /А.Х.Хомидов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.- 2019. - №5-1.- С.217-224.


---


**УДК: 338.012**


# ТАҲАВВУЛОТИ КОНСЕПСИЯҲОИ АСОСИИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ


***Алиев Олимҷон Маҳмудович*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 743025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 35. Тел.: (+992) 917020302. E-mail: olim.23@mail.ru*



*Дар мақола таҳаввулоти консепсияҳои бехатарии озуқаворӣ муҳокима карда мешаванд. Дар асоси таҳлили консептуалии бехатарии озуқаворӣ панҷ марҳилаи асосии андешарониҳо дар бораи бехатарии озуқаворӣ аз давраи асри XVIII то замони имрӯза муайян карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот, барои ҳалли мушкилоти бехатарии озуқавории кишвар зарурати таҳияи доктринаи миллӣ оид ба бехатарии озуқаворӣ асоснок карда шудааст. Хусусиятҳои ташаккули бехатарии озуқаворӣ дар шароити табиӣ, иқтисодӣ ва демографӣ таҳияи консепсияи таъмини бехатарии озуқавории кишварро воқеан зарур мегардонанд. Дар мақола, инчунин, ғояе пешниҳод карда мешавад, ки он имкон медиҳад дар оянда чараёни таъмини бехатарии озуқавориро дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ васеъ намояд.*



***Калидвожаҳо:*** *бехатарии озуқаворӣ, бехатарии иқтисодӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ, демография, дастрасӣ, устуворӣ, тараққиёти иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, намудҳои фаъолияти иқтисодӣ.*

## *ЭВОЛЮЦИЯ ОСНОВНЫХ КОНЦЕПЦИЙ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ*

***Алиев Олимджон Махмудович*** – *к.э.н., доцент кафедры налога и налогообложения Таджикского национального университета (ТНУ). Адрес: 733025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 35.Тел.:* (+992) *917020302. E-mail:* olim.23@mail.ru.

*В статье рассматривается эволюция концепций в области продовольственной безопасности. Опираясь на концептуальный анализ продовольственной безопасности, определяется пять основных этапов в мышлении о продовольственной безопасности со времени XVIII века до нынешнего времени. В статье обосновано, что в настоящее время для решения проблем продовольственной безопасности страны необходимо разрабатывать национальную доктрину об продовольственной безопасности. Особенности формирования продовольственной безопасности природно-экономическим и демографическим условиям делают объективно необходимой разработку концепции обеспечения продовольственной безопасности страны. В статье также предложена идея, которая в перспективе даст большие возможности в процессе обеспечения продовольственной безопасности в отдельных отраслях национальной экономики.*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, экономическая безопасность, сельскохозяйственное производство, продовольственная самообеспеченность, демография, доступность, устойчивость, экономическое развитие, национальная экономика, виды экономической деятельности.*

## *FOOD SECURITY CONCEPTUAL BASES EVOLUTION*

***Aliev Olimjon Mahmudovich*** *- candidate of economic sciences, associate professor department of tax and taxation the Tajik state national university (TNU). Address: 734055, the Republic of Tajikistan, 35 Aini street. Phone: (+992) 917020302. E-mail:* Olim.23@mail.ru.

*The article discusses the evolution of the concept in the field of food security. Based on a conceptual analysis of food security, five main stages in thinking about food security from the 18th century to the present are determined. The study substantiates that at present, to solve the country's food security problems, it is necessary to develop a national doctrine on food security. Features of the formation of food security in natural-economic and demographic conditions make it objectively necessary to develop concepts for ensuring the country's food security. The article also proposes an idea that provides great opportunities in the process of ensuring security in certain sectors of the national economy.*

***Key words:*** *food security, economic security, agricultural production, food self-sufficiency, demography, affordability, sustainability, economic development, national economy, types of economic activities.*

Яке аз самтҳои муҳимтарин ва ҳамзамон, афзалиятноки рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад, ки ҷузъи асосии бехатарии миллии кишвар ба ҳисоб меравад. Бехатарии озуқаворӣ яке аз воситаҳои асосии инъикоскунандаи соҳибихтиёрии давлат буда, натиҷаи сиёсати мутавозини хориҷӣ ва дохилии он маҳсуб меёбад. Дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва маҳдудияти маблағгузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ таҳқиқи консепсияҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ аҳамияти муҳимро касб менамояд.

Қобили зикр аст, ки бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба ҳисоб рафта, дар пасманзари афзоиши аҳолии кураи замин таъмини сатҳи зарурии он аҳамияти рӯзмарра пайдо мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки таъмини бехатарии озуқаворӣ ва расидан ба сатҳи худкифо аз давлатҳои алоҳида тақозо менамояд, ки дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ консепсияҳои хосро таҳия ва татбиқ намуда, дар баробари коҳиш додани таъсири омилҳои гуногун, ҳамчунин ба таҳияи механизмҳои муосири ҳамкорӣ аҳамияти хос зоҳир намоянд.

Саймон Максвелл ва Марисол Смит дар тадқиқоти худ оид ба консепсияҳои бехатарии озуқаворӣ чунин ибрози андеша намудаанд: “таҳлили сарчашмаҳои гуногуни илмӣ нишон медиҳад, ки бехатарии озуқаворӣ дар масири ташаккул ва инкишофи худ ба сифати объекти тадқиқоти хос интихоб шудааст. Дар асарҳои дар давраҳои алоҳида нашршуда зиёда аз 180 таърифи бехатарии озуқаворӣ мавҷуд буданд” [12, с. 4]. Гуфтаҳои Саймон Максвелл аз он шаҳодат медиҳад, ки дар илм консепсияҳои гуногуни бехатарии озуқаворӣ мавҷуд буда, ба андешаи мо, онҳо якдигарро пурра мегардонанд.

Яке аз муҳаққиқоне, ки дар ташаккул ва инкишофи назарияи бехатарии озуқаворӣ нақши калон бозидааст, Т. Малтус маҳсуб меёбад. Малтус дар назарияи худ таъкид месозад, ки бехатарии озуқаворӣ ба ҳаракати аҳолӣ ва талаботи он вобаста мебошад.

Асоси ҳастии инсоният истеъмоли озуқаворӣ мебошад. Проблемаи таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ дар тӯли таърихи инсоният мушоҳида мешуд, аммо он танҳо дар охири асри XVIII пас аз он ки муҳаққиқон М. Кондорсет ва Т.Малтус ғояи муқоисаи динамикии шумораи аҳолӣ ва воситаи ҳастии инсониятро пешниҳод карданд, асоси илмӣ мегирад. Барои баҳодиҳии таъмини озуқаворӣ Т. Малтус истифодаи таносуби байни истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолиро пешниҳод кардааст [6, с. 39], ки онро заминаи аввалин барои таъмини бехатарии озуқаворӣ пиндоштан мумкин аст.

Аз далелҳои овардаи Т. Малтус ба мисли: «мо набояд фаромӯш кунем, ки қаблан афзоиши миқдори озуқаворӣ нисбат ба эҳтиёҷоти аҳолӣ ба озуқаворӣ бештар буд» [6, с. 190]. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ шарти муҳими ҳастии инсоният ба ҳисоб меравад ва ин муқаррарот на ҳамеша шароити боэътидоли инсониятро барои мавҷудияташ фароҳам меорад. Ба ибораи дигар, фаъолияти инсон ҳамчун офаридаи зинда на ҳамеша имконияти ба даст овардани озуқаворӣ дар табиатро дорад ва афзоиши одии шумораи одамон ҳастии онҳоро халалдор мекунад. Ҳарчанд дар тадқиқоти Т. Малтус мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» пурра моҳияти имрӯзаи худро пайдо накарда бошад ҳам, дар мафҳуми «таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ» қадамҳои аввалин ҳисобидан мумкин аст.

Тадқиқот ва таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки муҳаққиқони зиёд ба рушди консепсияи «бехатарии озуқаворӣ» саҳми худро гузоштаанд, ба монанди А.В. Питерская, ки рушди консепсияи бехатарии озуқавориро ба як чанд марҳилаҳо ҷудо кардааст [8, с. 4]. Мо низ, кӯшиш намудем, ки вобаста ба рушд ва таҳаввулоти консепсияҳои бехатарии озуқаворӣ дар муддати муайяни вақт онро ба марҳилаҳо ҷудо намоем.

*Марҳилаи аввалини* рушди ғоявии бехатарии озуқаворӣ ба асрҳои XVIII рост меояд, ки Т. Малтус дар асари худ бо номи «Таҷриба дар бораи қонуни мардуми аҳолӣ» проблемаи таъмини озуқавориро баррасӣ кардааст. Дар он ҳамчун сарчашмаи таъмини бехатарии озуқаворӣ аз ҳисоби иқтисодиёти миллӣ, имкониятҳои истеҳсолии кишвар ва қобилияти давлат оид ба таъмини шаҳрвандонаш бо озуқавории аввалиндараҷа новобаста аз омилҳои дохилӣ ва беруна тавсиф мешавад. Сатҳи заминавии таъминоти эҳтиёҷоти инсон бо маҳсулоти озуқавориро миқдори озуқаи истеҳсолшуда, хусусиятҳои сифатии онҳо, устувор будани давлат (қобилияти давлат дар таъмини аҳолии афзоянда бо озуқаворӣ ва

муқовимат ба ҳар гуна таҳдидҳо, бемориҳо, эпидемия, пандемия), инчунин, рушди иқтисодии кишвар ташкил медиҳад.

*Марҳилаи дуюм,* мафҳуми бехатарии озуқаворӣ маҳз дар ҳамин давра соли 1974 дар Конфронси умумиҷаҳонии Рим оид ба проблемаҳои озуқаворӣ, ки аз ҷониби ТОК ташкил карда шуда буд, ба амал оварда мешавад. Дар ин давра, мубориза бо гуруснагӣ яке аз проблемаҳои умумиҷаҳонии башарият эълон карда мешавад ва мафҳуми «бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ» пешниҳод гардида, маҳакҳои бехатарии озуқаворӣ коркард карда шудаанд, ки ба нишондиҳандаҳои физиологӣ ва иқтисодӣ ҷудо гардиданд ва ба андешаи П.Н. Ломакина низ чунин мебошад [5, с. 11]. Дар ин марҳила системаи ҷаҳонии озуқаворӣ ташаккул меёбад ва барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти аҳолии сайёра бо маҳсулоти озуқаворӣ таҳия мешавад, ки таҳти он таъмини ҳаракати маҳсулоти озуқаворӣ миёни кишварҳо ва минтақаҳо дар доираи тақсимоти байналмилалии меҳнат дар назар дошта шудааст.

*Дар марҳилаи сеюм* тағйирот дар равиши бехатарии озуқаворӣ ба солҳои 1990-ум рост меояд, яъне замоне, ки он ба проблемаи глобалӣ табдил меёбад. Вай ҳамчун унсури ҷаҳонишавии ҳамбастагии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ баррасӣ мегардад. Объекти таҳлил на худтаъминкунии миллӣ (истеҳсоли миқдори зарурии озуқаворӣ), балки ҳамчун имконияти истифодаи бозори ҷаҳонӣ барои дастрас кардани озуқаворӣ қарор мегирад. Ба мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дастрасии он барои гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон илова карда мешавад ва дар як қатор қарорҳои қабулшудаи сатҳи ҷаҳонӣ инъикоси худро меёбад [5, с. 12].

Тибқи Эъломияи Рим, ки соли 1996 дар бораи бехатарии озуқавории ҷаҳонӣ қабул мешавад ва дар ин Эъломия, махсусан, камбизоатӣ сабаби асосии нарасидани озуқаворӣ эътироф мешавад. Дар доираи СММ Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ба шакли муайян дароварда мешавад ва қисми муҳимтарини он бехатарии озуқаворӣ маҳсуб меёбад. Барои дучанд коҳиш додани гуруснагии аҳолӣ то соли 2015 вазифаҳои истикборона гузошта мешаванд. Давлатҳое, ки Эъломия ва нақшаи амалиро оид ба бехатарии озуқаворӣ ба имзо расонидаанд, бартараф кардани гуруснагӣ, ташкили низоми савдои одилонаи озуқаворӣ, таъмини дастрасии баробар ба озуқаворӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолиро ба зимма гирифтанд. Дар он бехатарии озуқаворӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини бехатарии иқтисодии ҳар як кишвар эътироф карда мешавад.

*Марҳилаи чорум* ба солҳои 2001-2010 рост меояд, зеро дар ин давра бӯҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ, ки дар соли 2004-ум ба миён омад, метавонад шартан оғози марҳилаи навбатӣ дар ташаккули афкор оид ба масъалаи бехатарии озуқаворӣ ҳисобида шавад. Бӯҳрони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ на танҳо ба бад шудани вазъи озуқаворӣ дар ҷаҳон таъсир расонид (болоравии нархи маҳсулоти хӯрока, камғизоии хусусан табақаҳои осебпазири аҳолӣ), балки ба паст кардани самаранокии субъектҳои бахши агросаноатӣ, суст шудани рақобат ва инҳисорот дар бозори озуқаворӣ сабаби харобшавӣ ва аз байн рафтани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии хурду миёна гардид.

*Марҳилаи панҷум* ба солҳои 2010-2020 рост меояд, ки он новобаста аз офатҳои дар кураи замин ба вуқӯъомада, чӣ табиӣ ва ё чӣ техникӣ бошад, дар самти ҳадафҳои муайяни рушд бо мӯҳлатҳои маҳдуди «тағйири

парадигма» дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқ ба миён омад. Дар ин давра, пас аз анҷом ёфтани барномаи «Дучанд коҳиш додани гуруснагии аҳолӣ то соли 2015» аз ҷониби ТОК (FAO) барномаи «Гуруснагии сифрӣ» ҷорӣ карда шуд, ки ҳадафи он решакан кардани гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ то соли 2025 мебошад.

Вобаста ба марҳилаҳо ҷудо намудани таҳаввулоти консепсияҳои бехатарии озуқаворӣ қайд намудан зарур аст, ки рушди марҳилаи калидии тағйирот дар ташаккул ва инкишофи консепсияҳои бехатарии озуқаворӣ оғоз аз лаҳзаи фарорасии рӯйдодҳои муайян дар саросари ҷаҳон, ташаккули марҳилаи сеюм ва чорумро метавон таҳаввулотӣ номид. Зеро тадқиқот оид ба бехатарии озуқаворӣ, асосан дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида мешаванд ва аз онҳо сарчашма мегирад.

Дар навбати худ Саймон Максвелл ва Марисол Смит қайд мекунанд, ки бехатарии озуқаворӣ шарти зарурӣ барои кофӣ будани ғизо набуда, ғамхорӣ (нигоҳубин) ва саломатӣ шароити дигари он мебошад [12, с. 4];

П.В. Михайлушкин оид ба шароит ва маҳакҳои асосии бехатарии озуқаворӣ ибрози андеша намуда, зикр менамояд, ки равишҳои баррасишуда нисбат ба моҳияти бехатарии озуқаворӣ аз нигоҳи таърих ба мо имконият медиҳад, ки мафҳум ва моҳияти зеринро чун як категорияи муҳими иқтисодӣ аз нуқтаи назари гуногун возеҳтар ифода кунем. Аз нигоҳи муаллиф, зарур аст, ки нуқтаи назари умумии бехатарии озуқавориро ҳамчун дастрасии озуқа аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҷисмонӣ чун асос қабул намоем. Ба тариқи дигар, гуфтан мумкин аст, ки: «чунин ҳолати бозори озуқаворӣ мебошад, ки дар он нарх ташкилкунандаи муносибат миёни арза ва тақозои маҳсулоти озуқаворӣ баромад мекунад ва талаботи ҳамаи гурӯҳҳои даромади пардохтпазири аҳолиро бо озуқаворӣ таъмин мекунад» [7, с. 968]. Дар ин масир Л.С. Ревенко қайд мекунад, ки маҳакҳои бехатарии озуқаворӣ ба физиологӣ ва иқтисодӣ ҷудо мешаванд [9, с. 144].

Ба ақидаи муҳаққиқони алоҳида, аз ҷумла Э.Н. Крылатых «нақши бехатарии озуқаворӣ дар омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ, идоракунӣ, биологӣ, иттилоотӣ, институтсионалӣ ва дигар соҳаҳои илм торафт афзуда истодааст. Ин маънои онро дорад, ки мушкилоти бехатарии озуқаворӣ на танҳо мубрам, балки мураккаб, бисёрсатҳа ва бисёрҷанба мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод кардани як мафҳуми илмии ягонаи «бехатарии озуқаворӣ» хеле мушкил аст» [4, с. 3]. Мафҳуми мазкур дорои хусусияти динамикӣ буда, дар як муддати муайян вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт, ҷойгиршавии географӣ, фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва як қатор омилҳои дигар тағйир ёфтааст.

Ба ақидаи мо, бехатарии озуқаворӣ мафҳуми васеъ буда, ҳадди ақал ду маъно дорад. Якум, бо раванди иқтисодии таъмини озуқаворӣ алоқаманд аст. Дуюм, аҳамияти бехатарии озуқаворӣ барои таъмини амнияти миллӣ аз зуҳуроти дохилӣ ва берунии он мебошад.

Муҳақиқи дигари рус М.Л. Вартанова дар он назар аст, ки эътимоднокии амнияти озуқавории давлат бо як қатор нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: сатҳи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии кишвар, дараҷаи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ, мавҷудияти захираҳои аз як сол ба соли дигар гузаранда, сатҳи истеъмоли маҳсулоти озуқавории ниҳоят муҳим ва сатҳи дастрасии он барои қисми камбизоаттарини аҳолӣ, инчунин андозаи ин гурӯҳ [2, с. 10].

Эъломияи Саммити умумиҷаҳонии бехатарии озуқаворӣ (Рим, 16-18 ноябри соли 2009), ки мақсади асосиаш қабули чораҳои фаврӣ оид ба коҳиш додани афзоиши шумораи одамони аз гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ (норасоии ғизо) азияткашанда мебошад ва шумораашон зиёда аз як миллиард аст ва бехатарии озуқавориашон таъмин, нест хотима бахшад, маҳсуб меёбад. Дар ин Эъломия оид ба консепсияи бехатарии озуқаворӣ чунин қайд шудааст: бехатарии озуқаворӣ ҳамон вақт пурра таъмин аст, ки агар ҳамаи одамон имконияти ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миқдори кофӣ, бехатар ва озуқаворнии серғизо бахри қонеъ кардани эҳтиёҷоти худ бо хӯрокҳои парҳезӣ ва афзалиятнок барои пеш бурдани ҳаёти солим ва фаъол дастрасӣ дошта бошанд. Дар ҳамин Эъломия чор рукн ё худ сутуни асосии бехатарии озуқаворӣ: мавҷудият, дастрасӣ, истеъмол ва устуворӣ оварда шудааст [11, с. 3].

Дар самти бехатарии озуқаворӣ тадқиқотчии дигар С.В. Киселев бисёр хуб ва ба маврид қайд мекунад, ки айни замон равиши мафҳуми амнияти озуқаворнии Россия ва хориҷа аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар дар кишварҳои пешрафтаи Ғарб проблемаи бехатарии озуқавориро ҳамчун таъмини ҳамаи аҳолӣ бо озуқаворӣ бо миқдори зарурӣ ва сифатан ҷавобгӯ ба меъёрҳои қабулшуда фаҳманд, он гоҳ дар Россия проблемаи амнияти озуқавориро дар навбати аввал ҳамчун худтаъминкунии озуқаворӣ ва воридотивазкунанда мефаҳманд [3, с. 8].

Ба андешаи мо низ, консепсияи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи С.В. Киселев рост меояд, ки равиши мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ»-ро ҳамчун худтаъминкунии озуқаворӣ ва воридотивазкунанда фаҳмидан лозим аст. Дар ин самт аз ҷониби мо оид ба худтаъминкунии озуқаворӣ қайд гардида буд, ки дар шароити муосир рушди сиёсати минтақавии маҳсулоти кишоварзӣ бояд, махсусан, ба таъмини шароити худтаъминкунии устувори минтақа бо озуқаворӣ ва танзими сатҳи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ равона шуда бошад [1, с. 8], ки асос ба гуфтаҳои боло мебошад.

Дар баъзе корҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла дар корҳои илмии М.И. Садриддинов қайд мегардад, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ фаҳмиши муносибатҳои иқтисодӣ ва механизми амалишавии истифодаи захираҳои умумӣ ва объектҳои инфрасохторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун карда шуданд [10, с. 36]. Ба андешаи мо, механизми амалишавии консепсияи бехатарии озуқаворӣ низ дигаргун карда шудааст.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки таҳаввулоти мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» пас аз ташкил шудани Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии (FAO) СММ дар солҳои 1945 сарчашма мегирад, ҳарчанд Томас Малтус дар асри XVIII оид ба ин проблема ибрози андеша намуда бошад ҳам, ӯ танҳо проблемаи таъминоти озуқаворнии аҳолиро мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Тадқиқоти консептуалии бехатарии озуқаворӣ нишон медиҳад, ки бехатарии озуқаворӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллии ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, сатҳи баланди он таҷассумкунандаи мустақилияти озуқаворӣ ва сипар бар зидди таҳдидҳои буруниву дохилӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, моҳияти консепсияи бехатарии озуқаворӣ як категорияи махсусе мебошад, ки суботи иқтисодиёти миллиро ҳамчун низоми либерализм инъикос мекунад, ки қобилияти яклухт нигоҳ доштани

он тавассути вокунишҳои ҳамоҳангшуда ба нигоҳ доштани тавозуни динамикӣ дар зернизомҳое, ки аз ҷиҳати сохторӣ-функсионалӣ бо бахши озуқаворӣ ба дастрасии иқтисодӣ ва иҷтимоии озуқаворӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошанд ва аз рӯи чор маҳаки асосӣ: мавҷудият, дастрасӣ, истеъмол ва устуворӣ чен карда мешаванд.

Мафҳуми дигари таъмин будани бехатарии озуқаворӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир бо таҳдидҳои пандемия (баста шудани сарҳадҳо, кам шудани даромади аҳолӣ, бекории муҳоҷирон) ва дигар таҳдидҳое, ки бо буҳрони озуқаворӣ алоқаманд аст, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди низоми захираи давлатии маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Аксар кишварҳо, аз ҷумла, давлатҳои аъзои ИДМ доктринаи бехатарии озуқавории миллии худро доранд, ки дар тадқиқоти илмии худ доир ба масоили бехатарии озуқаворӣ ҳамчун асоси консептуалии мафҳуми мазкур меоваранд.

Аз ин лиҳоз, мавҷуд набудани консепсияи ягонаи миллӣ ё «Доктринаи бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» имкон намедиҳад, ки бо таври зарурӣ сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаи таъмини бехатарии озуқавории кишвар, ки ба таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, рушди комплексҳои агросаноатии ватанӣ ва вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳои дохилӣ ва беруна ба суботи бозори озуқаворӣ нигаронида шудааст, амалӣ карда шавад.

Ҳамзамон, масъалаи бехатарии озуқаворӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ ва созмонҳову ташкилотҳои хоси байналмиллалӣ боқӣ мемонад.

**Адабиёт:**


1. Алиев О.М. Пути устойчивого самообеспечения региона продовольствием (на примере районов Центрального Таджикистана): автореферат. кандидата экономических наук / О.М. Алиев. - Таджикский национальный университет. - Душанбе, 2012. – 22с.
2. Вартанова М.Л. Продовольственная безопасность страны и пути выхода из мирового продовольственного кризисна: монография/ М.Л. Вартанова. – Москва, 2016. – 220 с.
3. Киселев С.В. Основные проблемы мировой продовольственной безопасности. Мировой продовольственный кризис и продовольственная безопасность России / С.В. Киселев. // Сборник по материалам «круглого стола» в рамках пятой международной научной конференции «Инновационное развитие экономики России: институциональная среда» ; под ред. проф. С.В. Киселева. - М.: РГ-Пресс, 2013.- С.7-10.
4. Крылатых Э.Н. Концепции и методологические основы изучения продовольственной безопасности / Э.Н. Крылатых//Никоновские чтения, 2014. - №19. – С.3-5.
5. Ломакин П.Н. Обеспечение продовольственной безопасности России (внутренние и международные аспекты): автореферат дис. кандидата экономических наук / П.Н. Ломакин. - Московский государственный институт международных отношений (университет). - Москва, 2017 – 22с.
6. Мальтус Т.Р. Опыт о законе народонаселения / Т.Р. Мальтус. - СПб, 1868 / Перевод П. А. Бибикова М.: Директмедиа Паблишинг, 2008 – 465с.
7. Михайлушкин П.В. Условия и основные критерии обеспечения продовольственной безопастности / П.В. Михайлушкин// Научный журнал КубГАУ, 2013. - №92. – С.967-977.
8. Питерская А.В. Понятие и концепция продовольственной безопасности, роль государства в ее регулировании / А.В. Питерская, Н.А. Тлишева, Л.Ю. Питерская [электронный ресурс]. - URL: http://izron.ru/authors/ekonomika-i-menedzhment/piterskaya-l-yu/
9. Ревенко Л.С. Внешнеэкономические аспекты продовольственной безопасности России / Л.С. Ревенко // Вестник МГИМО –Университета, 2011. - №4. – С. 142-147.

10. Садриддинов М.И. Проблемы использования общих ресурсов и объектов инфраструктуры в экономике стран Центральной Азии / М.И. Садриддинов, П.Дж. Орзуев // Финансово-экономический вестник.- Душанбе, 2018. - №3 (15). – С. 35-40.
11. Эъломияи Саммити умумиҷаҳонии бехатарии озуқаворӣ (Рим, 16-18 ноябри соли 2009) // [манбаи электронӣ]. - низоми дастрасӣ: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/summitdecl.shtml.
12. Maxwell, S. & Smith, M. 1992. Household food security; a conceptual review. In S. Maxwell & T.R. Frankenberger, eds. Household Food Security: Concepts, Indicators, Measurements: A Technical Review. New York and Rome: UNICEF and IFAD. p.72.

УДК: 330.15

# МОДЕРНИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА ДАР АСОСИ ИСТИФОБАРИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ТАБИӢ-ЗАХИРАВӢ

***Садриддинов Манучеҳр Исломиддинович*** *– н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 918565620. E-mail: sadrman_s@mail.ru.*

***Амонзода Анушервон*** *- докторанти PhD Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 900980888. E-mail: anush4ever@mail.ru.*

*Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, он ҳамчун инъикоскунандаи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои алоҳида дида баромада шудааст. Дар баробари ин, диққати асосӣ ба мафҳуми иқтисодии “модернизатсия” равона шуда, он аз ҷиҳати мавҷудияти захираҳои табиӣ, ки дар минтақа мавҷуданд, омӯхта шуда, дар интиҳо бо тарз ва усулҳои дигар истифода намудани захираҳои дар ихтиёрбударо нишон медиҳад. Инчунин, ғояи асосии дар мақола пешниҳоднамуда дар он зоҳир мегардад, ки айни замон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ намудани модернизатсия аз ҳисоби омилҳои молиявии назариявӣ душвортар аст. Аз ин рӯ, дар мақола диққати асосӣ ба иқтидори табиӣ-захиравӣ равона карда мешавад ва модернизатсия дар ин ҳолат метавонад барои рушди иқтисодии минтақаҳои кишвар мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *модернизатсия, иқтидори табиӣ-захиравӣ, захираҳои табиӣ, иқтисодиёти минтақа, арзёбии иқтисодӣ, самаранокии иқтисодӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ, захирағунҷоиш.*

## *МОДЕРНИЗАЦИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ НА ОСНОВЕ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРИРОДНО-РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА*

***Садриддинов Манучехр Исломиддинович*** *– к.э.н., доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 918565620. E-mail: sadrman_s@mail.ru.*

***Амонзода Анушервон*** *– докторант PhD Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 900980888. E-mail: anush4ever@mail.ru.*

*В статье рассматриваются теоретико-методологические аспекты модернизации региональной экономики на основе эффективного использования природно-ресурсного потенциала, и указывается социально-экономический рост того или иного региона. Наряду с этим, основной акцент делается на экономической сущности «модернизации», рассматривающая через призму наличие природных ресурсов, которые имеются в расположении определённого региона и в результате другими способами указывает использование имеющихся ресурсов региона. Также отмечается, что основная идея в*

*статье заключается в том, что в настоящее время в регионах Республики Таджикистан реализация модернизации за счёт финансовых факторов затруднена и, в связи с этим, в статье основное внимание направлено на природно-ресурсный потенциал и только в этом случае модернизация может поспособствовать росту экономики регионов страны.*

***Ключевые слова:*** *модернизация, природно-ресурсный потенциал, природные ресурсы, региональная экономика, экономическая оценка, экономическая эффективность, социально-экономический рост, ресурсоёмкость.*

## *MODERNIZATION OF THE REGIONAL ECONOMY BASED ON EFFECTIVE USE OF NATURAL RESOURCE POTENTIAL*

***Sadriddinov Manuchehr Islomiddinovich*** *– candidate of economic sciences, associate professor of department of finance The Tajik state university of finance and economics (TSUFE). Address: 734067, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: (+992) 918-56-56-20. E-mail: sadrman_s@mail.ru.*

***Amonzoda Anushervon*** *– Doctor PhD The Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, The Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Tel.: 900980888. E-mail: anush4ever@mail.ru.*

*The article discusses the theoretical and methodological aspects of the modernization of the regional economy based on the effective use of natural resource potential, and it shows the socio-economic growth of a region. Along with this, the main focus is on the economic essence of modernization and it is seen through the prism of the availability of natural resources that are locations of a certain region and result in other ways shows the use of available resources in the region. It is also noted that the main idea in the article is that currently in the regions of the Republic of Tajikistan, the implementation of modernization due to financial factors is difficult and in this regard, the article focuses on the natural resource potential and in this case, modernization can contribute to the growth of the economy of the country's regions.*

***Keywords:*** *modernization, natural resource potential, natural resources, regional economy, economic assessment, economic efficiency, socio-economic growth, resource intensity.*

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва дигаргуниҳои сохтории иқтисоди миллӣ вазъи иқтисодии минтақаҳои дохили давлат вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ метавонад тағйир ёбад. Тамоми давлатҳои дунё, алалхусус Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тағйирот ва дигаргуниҳои иқтисодӣ ба вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо таъсири мусбӣ расонанд. Дар ин ҳолат метавон гуфт, ки ҳолати кунунӣ беҳтар мегардад ва ин ҳолатро дар бештари мавридҳо “модернизатсияи иқтисодӣ” ном мебаранд, ки дар иқтисодиёт хусусиятҳои хосро дар худ инъикос менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми модернизатсияи иқтисодӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, фикру андешаҳои гуногун оид ба муайяннамоии таркиб, мазмун, моҳият ва ҳудудҳои он мавҷуданд. Барои муайян намудани ҷанбаҳои назариявии мафҳуми модернизатсияи иқтисодӣ зарур аст, ки мавқеи бисёр муносибатҳои иқтисодие, ки дар бозорҳо амалӣ мешаванд, ошкор гарданд. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мавқеи амалишавии бозорҳо мушаххас карда шудааст ва вобаста аз амалишавии муносибатҳои иқтисодӣ метавон оид ба модернизатсияи иқтисодӣ хулосабардорӣ намуд. Бо ибораи дигар, вобаста аз он ки амалишавии муносибатҳои иқтисодӣ дар бозорҳои молиявӣ ё ин ки дар бозорҳои иқтисодӣ сурат мегиранд, мафҳуми модернизатсияи иқтисодӣ самт ва ҳудуди худро метавонад иваз намояд. Дар шароити иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои иқтисодӣ ва доираи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар бозорҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, модернизатсияи иқтисодӣ ва ҷанбаҳои назариявии он низ бояд маҳз дар ин самт дида баромада шаванд.

Модернизатсия калимаи “modernisation” ва калимаи “moderne” гирифта шуда, маънояш “навтарин” ё ин ки “муосир” буда, ҷараёни гуногунпаҳлуе ба ҳисоб меравад, ки дар тамоми намуди фаъолияти иқтисодӣ истифода гардида, дорои хусусияти сохторӣ-диференсиалӣ ба ҳисоб меравад.

Б.В Прыкин қайд менамояд, ки “трансформатсия” ҳамчун тағйирот шакливазкунии принсипҳо ва услуҳоро дар ҷараёни тараққиёти ҳолати иқтисодӣ нишон медиҳад [7, с.234].

Дар назарияи иқтисодиёти минтақавӣ модернизатсия дар марҳилаи гузариш аз як самти тараққиёт ба дигар самт, яъне гузариш аз тарзи рушди аграрӣ ба тарзи саноатӣ фаҳмида мешуд ва дар бештари мавридҳо он ҳамчун ҷараёни тағйирёбии ҳодисаҳои ғайриқтисодӣ, махсусан, ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро инъикос менамуд. Ба андешаи баъзе олимон модернизатсия ҷараёни бисёрпаҳлу буда, дар он ҷамъият дар ҳудуди муайян бо тағйиротҳои гуногуни иқтисодӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ шуда, дар натиҷа, ҳамчун замина барои ташаккули ниҳодҳои нав хизмат менамояд [9, с. 22].

Қайд намудан зарур аст, ки дар таърифи муаллифони номбурда, диққати асосиро ба хусусиятҳои ҳудудии тағйиротҳои баамаломада бояд равона кард, чунки дар бештари мавридҳо модернизатсия хусусиятҳои минтақавиро доро мебошад.

Ба андешаи мо, шарҳи муосири модернизатсия ва моҳияти он дар натиҷаи ошкорсозӣ аз лиҳози системавии ҳодисаҳои иқтисодии ба амал омада баррасӣ карда мешавад. Дар бештари корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ қисматҳои ҷузъии назариявии он кушода шудаанд, ки омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалии онро душвор месозанд. Бинобар ин, фаҳмиши консептуалии модернизатсия дар натиҷаи ба амал омадани меъёрҳои таҳаввулоти ҳаёти иқтисодӣ ва гузариш аз як сатҳ ва тарзи зиндагонӣ ба дигар намуд фаҳмида мешавад. Чунки мақсади ниҳоии модернизатсия аз лиҳози иқтисодӣ ва ошкорсозии хусусиятҳои минтақавии он, ин баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи Е.В Козыркова, бинобар сабаби он ки рушди иқтисодӣ дар бештари мавридҳо аз сатҳи тараққиёти ниҳодҳо вобастагии калон дорад ва дар ин ҳолат зарурати аз байн бурдани стратегияҳои институтсионалии модернизатсия ба миён меояд, ки дар ин гуна ҳолатҳо модернизатсия ба технологияҳои воридшаванда такя менамояд [5, с. 36]. Ба ин ҳолат бештари давлатҳои дунё рӯ ба рӯ шудаанд, чунки ҳангоми рақобати шадид миёни давлатҳои дунё дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бисёре аз давлатҳо танҳо имконияти харидорӣ намудани технологияи истифодашавандаро доро мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин гурӯҳи давлатҳо шомил мебошад, зеро ҳангоми истеҳсоли бисёре аз маҳсулотҳо технологияҳои коркарди он ворид мегарданд. Ин гуна ҳолатҳоро олимони ватанӣ, махсусан С.Ҷ. Комилов ва Қ.М. Файзуллоев пешниҳод менамоянд, ки имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне иқтидори захиравӣ-табиӣ аз ҳисоби инноватсияҳо модернизатсия кунонида шаванд [6, с. 58]. Инчунин, А.А. Бегматов қайд менамояд, ки модернизатсия аз ҳисоби инвеститсияҳо амалӣ карда шавад [2, с. 22].

Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва методологии модернизатсия ду қисмати асосии онро бояд аз ҳамдигар ҷудо намуд: назариявӣ ва амалӣ. Қисмати якум асосҳои ташаккули мафҳуми

модернизатсия, масъалаҳои консептуалии он, интихоби усули тадқиқот, мафҳумҳои бо он монандро дар бар гирифта, қисмати дуюм бошад, инъикоскунандаи марҳилаҳо, омӯзиши вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақа ва хусусиятҳои модернизатсияро вобаста аз истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ дар назар дорад.

Олими маъруфи амрикоӣ С. Блэк модернизатсияро ҳамчун ҷараёне маънидод намудааст, ки дар рафти он субъект (институт)-ҳои фаъолияти иқтисодӣ худро ба тағйирёбии функсионалии донишҳои инсонӣ, ки онҳо метавонанд муҳит ва инқилоби илмиро танзим намоянд [3, с. 27]. Чунин ҳолат дар охири асри 19 ва нимаи аввали асри 20 дар бештари давлатҳои Аврупо, махсусан Аврупои Ғарбӣ мушоҳида мешуд, ки таъсири онро метавон дар бештари муносибатҳои иқтисодии одамон мушоҳида намуд. Дар ин давра давлатҳои Аврупои Ғарбӣ сиёсати иқтисодии худро на ин ки ба истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, балки ба коркарди технологияҳои муосири истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ равона сохтанд, ки дар натиҷа фаҳмиши назариявии модернизатсия ба вуқӯъ пайваст.

Ба андешаи мо, диққати асосиро ба ҷанбаҳои минтақавии модернизатсия бояд равона сохт. Дар ин ҷо ақидаи Т.М. Глушанокро ба назар бояд гирифт. Ӯ қайд менамояд, ки мафҳуми “модернизатсияи минтақавӣ” вомехӯрад ва он ҳамчун механизми бо ҳам алоқаманд ва пайвастгари истифодаи самараноки намудҳои захираҳои иқтисодӣ, ҷамъоварӣ, такрористеҳсолоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва иқтидори инноватсионии минтақа фаҳмида мешавад [4, с. 98]. Имкониятҳо ва шароитҳои модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар бештари мавридҳо аз иқтидори захиравӣ-табиӣ вобастагии зич дошта, он ҳамчун имкониятҳои истифоданагардида, дарихтиёрбуда ва дарояндаи наздик истифодагардида дида мешавад. Модернизатсияи минтақавӣ вобаста аз имкониятҳои мавҷудаи захираҳои табиӣ-захиравӣ танҳо дар он асос амалӣ карда мешавад, ки он аз лиҳози иқтисодӣ тавонад мавриди омӯзиш ва дар истеҳсолот ҷорӣ карда шавад. Дар бештари мавридҳо ҳолатҳое вомехӯранд, ки захираҳои мавҷуда дар ин ё он минтақа зиёданд, вале бинобар сабаби баланд будани арзиши аслии он ва таъсири дигар омилҳои ғайринархӣ наметавонанд истифода гарданд. Дар дигар мавридҳо аз ҳисоби таъсири сиёсати иқтисодӣ ва дараҷаи рақобатпазирии мол ва хизматрасониҳои истеҳсолгардида, ки дар натиҷаи модернизатсияи иқтисодӣ тавлид гардидаанд, метавонанд захираҳои мавҷуда истифода нагарданд.

Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва методологии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа имконият медиҳад, ки назарияҳои гуногуни модернизатсия, ки хусусияти минтақавиро доро мебошанд, аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд (расми 1).

Чуноне ки аз расми 1 бармеояд, дар умум, 5 самти омӯзиши назариявии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа ҷудо карда шудааст, ки дар ҳамаи онҳо хусусиятҳои минтақавии модернизатсия, аз як тараф, аз тарафи дигар, модернизатсия дар асоси истифодаи самараноки захираҳои табиӣ-иқтисодӣ мавҷуданд.




**Расми 1. Назарияҳои гуногуни модернизатсияи иқтисодиёти минтақа**
*Таҳияи муаллифон.*

Дар баробари назарияҳои дар расм овардашуда, инчунин, аз ҷониби олимон-иқтисодчиён назарияҳои гуногуни модернизатсия мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки дар онҳо вобаста аз таъсири ин ё он омил, махсусан инноватсияҳо, сармоягузорӣ, натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, муносибатҳои нави молиявӣ (дар назар дошта мешаванд технологияҳои молиявӣ, ба монанди биткоин, блокчейн, краудфаундинг, краудинвестинг ва ғ.) модернизатсия бо суръатҳои дигар ва таъсири бештар амалӣ карда мешавад. Бинобар сабаби он ки айни замон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ намудани модернизатсия аз ҳисоби омилҳои номбаргардидаи назариявӣ душвортар аст, бинобар ин, дар тадқиқоти мо диққати асосӣ ба иқтидори табиӣ-захиравӣ равона карда мешавад. Чуноне ки маълум аст, ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мавҷудияти захираҳои табиӣ таъминанд ва барои модернизатсияи минтақавӣ зарур аст, ки онҳо самаранок истифода карда шаванд.

Дар корҳои илмии М.И. Садриддинов қайд карда мешавад, ки мавқеи асосиро дар омӯзиши иқтидори табиӣ-захиравӣ, иқтидори истифодагардида ва мавриди истифода қарорнагирифта ташкил медиҳанд [8, с. 119]. Мавқеи асосӣ дар корҳои олимони номбаргардида ба арзёбии мавқеи иқтидори захиравӣ дода мешавад. Муайян намудани мавқеи захираҳои табиӣ ва арзёбии он имконият медиҳад, ки модернизатсияи минтақавӣ марҳила ба марҳила дар амал татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, се марҳилаи асосии назариявии модернизатсияи иқтисодии минтақаро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд [1, с. 6]:

**1.** Захирағунҷоиш - тавсифдиҳандаи ҳудудии истифодаи захираҳо барои рушди иқтисодӣ дар ҳолати набудани рақобатпазирӣ;

**2.** Самаранокии захираҳо - ҳангоме ки рушд, тараққиёт ва рақобатпазирӣ аз самаранокии истифодаи захираҳо вобастагӣ дорад;

**3.** Инноватсионӣ - ҳангоми истифодаи инноватсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, махсусан, дар сатҳи минтақавӣ ба хотири таъмини мусбии динамикаи рушди иқтисодӣ.

Марҳилаҳои асосии модернизатсияи иқтисодӣ чи дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва чи дар сатҳи минтақавӣ ва ҳолати гузариш аз як сатҳ ба сатҳи дигар тақозо менамояд, ки имконияҳои ҷойдоштаи иқтисодӣ, яъне иқтидори захираҳои табиӣ-иқтисодӣ пурра истифода карда шавад.

Дар ихтиёр доштани намудҳои гуногуни захираҳои табиӣ барои ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ муайян менамояд, ки ин ё он минтақа то чӣ андоза аз лиҳози иқтисодӣ бо захираҳои ҷойдошта худтаъмин аст ва маҳз дараҷаи худтаъминии минтақа бо захираҳои табиӣ метавонад сатҳи рушди иқтисодии минтақаро нишон диҳад. Ҳангоми ошкорсозии сатҳи рушди иқтисодии минтақа метавон муайян намуд, ки то чӣ андоза модернизатсияи минтақавӣ амалӣ шуда истодааст. Дар баробари ин, қисмати асосии ҷараёни мазкур ин арзёбии қисматҳои иқтидори табиӣ-минтақавӣ ба ҳисоб меравад (расми 2).




**Расми 2. Иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа**

*Таҳияи муаллифон*

Аз расми 2 маълум мегардад, ки барои дуруст арзёбӣ намудани иқтидори табиӣ-захиравии модернизатсияи иқтисодиёти минтақа зарур

аст, ки дар мадди аввал ошкорсозӣ ва таъсири омилҳои иқтисодӣ муайян карда шаванд. Ба андешаи мо, ҳамаи захираҳои табиии мавҷуда ва захираҳои молиявӣ рушди иқтисодии минтақаро имконпазир мегардонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои дигар омилҳои ғайрииқтисодӣ баромад намоянд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки омили ғайрииқтисодии “илмӣ-техникӣ” дарбаргирандаи баъзе ҷузъиётҳои омилҳои иқтисодӣ шуда баромад менамояд. Дар баробари ин, дар методикаи пешниҳодгардида арзёбии ду ҳолат гузаронида мешавад: самара ҳангоми гузаронидани модернизатсия дар сатҳи минтақавӣ ва ошкорсозии захираҳои ҷараёни модернизатсия. Ба андешаи мо, дар ҳарду ҳолат зарур аст, ки нишондиҳандаи интегралӣ коркард карда шавад, то ин ки тавонад таъминоти ҷараёни модернизатсияи иқтисодиёти минтақаро бо захираҳои табиӣ таъмин созад.

Ба андешаи мо, модернизатсия дар иқтисодиёт метавонад ба яке аз фаҳмишҳои марказӣ мубаддал гардад ва тавсифдиҳандаи инкишоф ва рушди қувваҳои истеҳсолкунанда бошад. Дар фаҳмиши классикӣ беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо ҳангоми ҳарчи бештар истифода намудани захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумла захираҳои табиӣ фаҳмида мешуд. Айни замон бошад, ин гуна ҳолатро метавон танҳо дар ҳолати беҳтар намудани вазъи истифодабарии воситаҳои ҷалбшаванда ва ҳолати таҷдиди онҳо мушоҳида намуд. Бо ибораи дигар, ин то чӣ андоза ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, ё ин ки пешниҳод намудани хизматрасонӣ воситаҳо модернизатсия карда мешаванд. Дар ин ҳолат, суръати модернизатсия аз бисёр омилҳо, алалхусус, аз ҳисоби коркард ва истифодаи технологияҳои муосир вобастагии калон дорад.

Дар мақола нишондиҳандаи интегралии захирағунҷоиши ҷараёни модернизатсияи иқтисодиёти минтақа пешниҳод карда мешавад, ки тавассути муқоисаи захираҳои ҷараёни модернизатсия бо самараи гузаронидани модернизатсияи иқтисодиёти минтақа амалӣ карда мешавад. Формулаи математикии он чунин нишон дода мешавад:

ЗМ

ЗМИМ * 100(1) СМ

Дар ин ҷо:

ЗМИМ - захирағунҷоиши модернизатсияи иқтисодиёти минтақа;

ЗМ - захираҳои модернизатсия;

СМ - самараи модернизатсия.

Формулаи пешниҳоднамуда нишон медиҳад, ки иқтидори табиӣ-захиравии минтақаи алоҳида то чӣ андоза истифода гардидааст ва самараи амалинамудаи модернизатсия дар сатҳи минтақавӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад ё ин ки баръакс. Инчунин, ҳаминро бояд дар назар дошт, ки баръакси ҳолати мазкур метавонад нишондиҳандаи бо захира таъмин будан баромад намояд. Дар ҳолати ҳисоби нишондиҳандаи охирин бузургии нишондиҳандаи захираҳои модернизатсияи иқтисодиёти минтақавӣ вобаста аз фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, шумораи кормандони онҳо ва аз дараҷаи самаранокии фаъолияти онҳо вобастагии калон дорад.

Фикру ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ҷамъбаст намуда, метавон ба қисматҳои зерини модернизатсия таваҷҷуҳ зоҳир намуд:

1. Модернизатсия ва азнавсозии инноватсионӣ танҳо дар ҳолатҳое амалӣ карда мешаванд, ки соҳибкорон вазифаҳои бевоситаи худро дар

доираи фаъолияти худ дар бозор амалӣ намоянд. Ин ҳолат дар бештари мавридҳо хусусиятҳои умумии худро дорад, яъне дар минтақаи алоҳида гурӯҳи соҳибкорон ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, дар минтақаи дигар бошад, танҳо ба фаъолияти тиҷоратӣ. Ҳолати дигар, рақобат миёни фаъолияти онҳо ҳангоми васеъ намудани доираи фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

2. Фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми коркарди таҷҳизоти инноватсионӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ, бевосита ба тағйирёбӣ ва ивазшавии доираи фаъолият оварда мерасонад ва дар интиҳо ба модернизатсияи иқтисодиёти минтақа мусоидат карда метавонад.

3. Ҳангоми ташкил намудани шакли нави фаъолият, ки ба фаъолияти ҷойдошта таъсири худро метавонад расонад. Ин ҳолат дар мавридҳое вомехӯрад, ки як қисми воситаҳо (маблағҳои пулӣ) аз муомилот гирифта шуда, ба дигар самт равона мегарданд. Яъне, ҳолате ки баръакси фаъолияти сармоягузорӣ-фаъолияти дивеститсионӣ мушоҳида карда мешавад.

Фикру андешаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон ба хулосае омад, ки модернизатсияи иқтисодиёти минтақа дар асоси истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ мураккаб буда, барои васеъ намудани доираи фаъолияти он аз механизмҳои гуногун бояд истифода намуд. Модернизатсияи иқтисодиёти минтақа ҳамчун воситаи асосии расидан ба ин ҳадаф метавонад бошад, то ин ки рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида бояд ба роҳ монда шавад. Модернизатсия ба мисли инноватсия, диверсификатсия ба ҳолати азнавсозии шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ оварда мерасонад ва он бояд дорои хусусиятҳои ҳудудӣ (минтақавӣ) бошад.

**Адабиёт:**


1. Антоненко И. В. Стратегии реализации инновационного потенциала регионов Южного федерального округа. / И. В. Антоненко // Региональная экономика: теория и практика, 2011. - №22. - С.4-12.
2. Бегматов А.А. Роль иностранных инвестиций в диверсификации экономики регионов Республики Таджикистан / А.А. Бегматов, Б.А. Бегматов // Финансово-экономический вестник. - 2019. - №1 (17). - С.19-28.
3. Братерский, М.В. Теория модернизации: обзор американских концепций / М.В. Братерский // США: экономика, политика, ідеологія.- 1990. - №9. - С. 25-34.
4. Глушанок Т. М. Управление региональными экономическими системами в условиях модернизации. / Т М.Глушанок, 2013. - С. 96-106.
5. Козырькова Е. В. Модернизация российской экономики в условиях инновационного развития / Е.В. Козырькова, В. В. Колесников //Территория науки, 2018. – №. 2. - С.34-42.
6. Комилов С.Д. Оценка инновационного потенциала социально-экономического развития региона /С.Д. Комилов, М.К. Файзуллоев //Проблемы современной экономики. - 2013. – №. 3 (47). - С.56-63.
7. Прыкин Б.В. Глобалистика: учебник. / Б..В. Прыкин. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. - 463 с.
8. Садриддинов М.И. Оценка значимости природно-ресурсного потенциала регионов Южного Таджикистана /М.И. Садриддинов, Э. Бегмуродзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. - №1. - С.117-123.
9. Charlton B, Andras P. The Modernization Imperative. Imprint Academic: Exeter, UK, 2003. - P. 85.

УДК: 338.46

# ТАКМИЛИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА ВА ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

***Камолов Камол Залолович*** *- н.и.и., дотсент, мудири кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 904020997. E-mail: mirkamol 2008 @mail.ru.*

***Ҳусайнов Муродалӣ Сайдамирович*** *- ассистенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 987-80-93-93. E-mail: murodxusayn@mail.ru*

*Дар мақола ҳолати тараққиёти бозори суғуртаи Тоҷикистон таҳти таҳлил қарор дода шуда, сабабҳо ва омилҳои ба сатҳи мавҷудаи он таъсиррасонанда муқаррар карда шудааст. Нишондиҳандаҳои асосии рушди бозори суғуртаи ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаҳои мамолики мутараққии ҷаҳон муқоиса гардидааст.*

*Асоснок карда шудааст, ки дар паёмади иқтисодиёти бозоргонӣ соҳибкорон бояд фаъолияти суғуртавиро ҳамчун бизнес-модели таъмини амнияти иқтисодӣ арзёбӣ намоянд. Дар мақола аҳамияти тақвият бахшидани рақобати байни ташкилотҳои суғурта ҳамчун шарти муҳими рушди бозори суғурта нишон дода шудааст. Инчунин, ба ташаккул ва инкишофи фаъолияти маркетингӣ ва рекламавӣ, ки барои ташаккул ва афзоиши дархост ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дар бозори суғурта муҳиманд, диққати махсус дода шудааст.*

***Калидвожаҳо****: зерсохтор, бозори суғурта, такмили механизмҳо, рушди бозори суғурта, афзалият, қарзҳои дарозмуддат, маркетинг, реклама, фаъолияти ғайрисуғуртавӣ, таҷрибаи мамолики хориҷӣ, кишварҳои мутараққӣ.*

## *УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ РОСТА СТРАХОВОГО РЫНКА И ЕГО ШИРОКАЯ ВОЗМОЖНОСТЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ*

***Камолов Камол Залолович*** *- кандитат экономических наук, заведующий кафедрой страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 904020997. E-mail:mirkamol 2008 @mail.ru*

***Хусайнов Муродали Сайдамирович*** *– ассистент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 987-80-93-93. E-mail: murodxusayn@mail.ru*

*В статье подвергнуто анализу состояние страхового рынка в Таджикистане, выявлены причины и факторы, влияющие на сложившийся уровень его развития, сравниваются основные показатели развития страхового рынка республики с показателями страхового рынка развитых стран мира.*

*Обосновано, что в контексте рыночной экономики предприниматели должны оценивать страховую деятельность как бизнес – модель обеспечения экономической безопасности. В статье показывается значение усиления конкуренции между страховыми организациями как важное условие развития страхового рынка. Особое значение придаётся также организации и развитию маркетинговой и рекламной деятельности, которые важны для формирования и возрастания спроса на страховые услуги в страховом рынке.*

***Ключевые слова:*** *инфраструктура, страховой рынок, улучшение, развитие страхового рынка, приоритет, механизм, долгосрочные кредиты, возможности развития, опыт зарубежных стран, развитые страны, маркетинг, реклама, нестраховая деятельность.*

## *IMPROVING THE GROWTH OF THE INSURANCE MARKET AND ITS EXPANDED OPPORTUNITIES IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY*

***Kamolov Kamol Zalolovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Insurance. Address: 734067. Republic of Tajikistan, st.Nakhimov 64 / 14. Tel: 904020997. E-mail: mirkamol 2008 @mail. ru*

***Khusainov Murodali Saidamirovich** – Assistant of Department of Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14. Phone: 987-80-93-93. E-mail: murodxusayn@mail.ru*

*The article analyzes the state of the insurance market in Tajikistan, identifies the causes and factors affecting the current level of its development, compares the main indicators of the development of the insurance market of the republic with indicators of the insurance market of developed countries.*

*It is proved that in the context of a market economy, entrepreneurs should evaluate insurance activity as a business model of ensuring economic security. The article shows the importance of increasing competition between insurance organizations as an important condition for the development of the insurance market. Particular importance is also given to the organization and development of marketing and advertising activities, which are important for the formation and growth of the demand for insurance services in the insurance market.*

***Keywords:** infrastructure, insurance market, improvement, development of the insurance market, priority, mechanism, long-term loans, development opportunities, marketing, reklom, foring countries practice, non – insurience activity.*

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пояи асосии раванди давлатдорӣ махсуб ёфта, дар он, баробари ташкили сохторҳои муҳими иқтисодӣ, ташкили низоми мукаммали бонкӣ яке аз падидаҳои муҳим дар таҳкими рушди афзалиятҳои иқтисодии мардум ва давлат нақши муҳимро бозид. Ба роҳ мондани низоми мукаммали суғуртавӣ дар Тоҷикистон ин як қадами устувор дар роҳи иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти суғурта, ҳамчун шакли соҳибкорӣ ва таъминкунандаи бехатарии иқтисодӣ, бояд аз тарафи соҳибкориҳои дар иқтисодиёт ҷойдошта арзёбӣ карда шавад. Суғурта яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисодӣ аст, ки марбут ба форматсияҳои гуногуни иқтисодӣ буда, аммо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бештар ва пурратар татбиқи худро меёбад. Суғурта ҷузъи низоми молия мебошад. Бозори суғурта мавқеи сазовори худро дар зерсохтори бозории мамлакат бояд пайдо намояд. Ҳангоми дар ҷумҳурӣ мавҷуд будани низоми босуботи кафолатҳои молиявӣ дар шахси ширкатҳои суғуртавӣ, зарари аз офатҳои табиӣ, садамаҳо, сӯхторҳо ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдошт расонидашаванда, ки метавонанд ба қувваҳои истеҳсолии ташаккулёбанда таъсири манфӣ расонида, дар соҳаҳои иқтисодиёт монеа ворид созанд, бояд ҷуброн карда шавад.

Принсипҳои ташкили фаъолияти суғуртавӣ дар рӯзҳои мо ба шартҳои умумии иқтисоди бозоргонӣ асос ёфтаанд. Бозори суғурта ин муҳити махсуси иҷтимоиву иқтисодии соҳаи муайяни муносибатҳои иқтисодист, ки дар он объекти хариду фурӯш моли махсус - ҳифзи суғуртавӣ мебошад. Асоси объективии инкишофи бозори суғурта ин зарурати таъмини раванди бетанаффуси такрористеҳсол бо роҳи расонидани кумаки пулӣ ба зарардидагон аз сар задани ҳодисаҳои ногувори пешбининашудаи суғуртавӣ мебошад [2, с. 276].

Воқеан, дар ҳолати аз ҳодисаҳои суғуртавӣ ба субъекти хоҷагидорикунанда расидани зарари калони моддӣ, дар мавриди пешбинӣ накардан ва барои ҷуброни он ҷудо накардани маблағҳои эҳтиётӣ, зарар бардошта маҷбур мегардад, ки он зарарро аз ҳисоби маблағҳои барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ, яъне барои хариди ашёи хом, пардохти музди меҳнат ва дигар воситаҳои истеҳсолот ҷудо кардашуда ҷуброн намояд. Дар натиҷаи ба дигар мақсадҳои ғайриистеҳсолӣ сарф гардидани воситаҳои пулии барои таъмини раванди истеҳсол пешбинишуда, маблағҳо барои пардохти воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ боқӣ намемонанд ва

раванди такрористеҳсол қатъ мегардад. Маҳз барои дар корхонаву ширкатҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул чунин вазъият рух надодан, ширкатҳои суғурта хизмати наҷотбахши худро пешкаш менамоянд, то ки дар мавриди расидани зарар, соҳибкорон онро на аз ҳисоби маблағҳои дохилии худашон, балки аз ҳисоби маблағҳои ширкати суғурта ҷуброн намуда, маблағҳои дохилиашонро тибқи таъйиноташон, барои пардохти воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ равона сохта, раванди бефосилаи такрористеҳсолро дар корхонаашон таъмин намоянд. Имрӯз зарур аст, ки соҳибкорон маҳз ана ҳамин моҳияти суғуртаро хуб дарк намоянд ва тафаккурашонро оид ба суғурта тағйир диҳанд.

Дар мамолики хоҷагии бозоргониашон тараққикарда суғурта бахши стратегии иқтисод маҳсуб мешавад. Дар баъзе мамолики мутараққии Аврупо хароҷоти сарикасии ҳамчун ҳаққи суғурта мепардохтаи шаҳрвандон то ба 4 ҳазор доллари Амрико дар як сол мерасад, ки нисбат ба кишвари мо ҳазорҳо маротиба зиёдтар аст.

Дар ИМА зиёда аз 10 ҳазор ширкатҳои суғуртавӣ фаъолият мекарданд ва дар аввали солҳои 90-ум шаҳрвандони ин кишвар қариб 90 млн. шартномаҳои суғуртаро, ки маблағи 4,5 млрд. долларро ташкил мекард, дар даст доштанд. Дороиҳои ҳамаи ширкатҳои суғуртаи ИМА қариб 1 триллион долларро ташкил медод, ба ҳисоби миёна дороиҳои як ширкати суғурта 950 млн. долларро ташкил медод, ба 12 ширкати калонтарини суғуртаи ин мамлакат 45 млрд. доллар дороӣ рост меомад [6, с. 234].

Мутаассифона, бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ табдил наёфтааст. Дар соли 2017 дороиҳои ташкилотҳои суғуртаи ҶТ ба 295 млн. сомонӣ баробар гардида буданд, ки ҳамагӣ 0,003 фоизи ММД-ро ташкил медоданд. Соли 2018 миқдори шартномаҳои басташудаи суғурта дар ҷумҳурӣ 1,8 млн. ададро ташкил медод ва ба ташкилотҳои суғурта ҳамагӣ 235, 8 млн. сомонӣ ҳаққи суғуртавӣ ворид гардида буд [6, с. 234]. Дар тафаккури бисёр шаҳрвандон ва соҳибкорон фаҳмиши дурусти моҳият ва таъйиноти суғурта мавҷуд нест. Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне дар замони амалкарди низоми ғайрибозории хоҷагидорӣ ҷуброни зарар аз офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои ғайричашмдошт, асосан аз ҷониби давлат пардохта мешуд, барои ин давлат аз буҷа маблағ ҷудо мекард, низоми суғурта нақши ёрирасонро мебозид [6, с. 10].

Дар натиҷаи раванди ғайридавлатикунонӣ ва гузаштани қисми назарраси фондҳои асосӣ ба моликияти шахсӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори мутараққии суғурта зарурати объективӣ ба вуҷуд омад. Дар шароити гузариш аз иқтисодиёти нақшавии фармонфармоӣ ба иқтисоди иҷтимоии бозорӣ механизми худташкили бозории такрористеҳсолро пурмаҳсул истифода бурда, ба чунин соҳаи соҳибкорӣ, ҳамчун суғурта, баҳо додан ва имконоти суғуртаро барои ҳифзи манфиатҳои амволии шаҳрвандон, муассисаҳо ва давлат истифода бурдан зарур мебошад.

Дар низоми иқтисодии кишвар фаъолияти суғуртавӣ хусусияти бисёрҷонибаи фарогири масъалаҳои иқтисодӣ буда, он на танҳо ба бартараф кардани зарару хатарҳо, балки як омили асосии маблағгузории самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Дарвоқеъ, бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият ба таври бояду шояд рушду такомул наёфт, ба ин хотир, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №408 “Дар бораи масъалаҳои

Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 “Дар бораи ба БМТ вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ”, Идораи назорати суғуртавӣ (минбаъд - Идора) ҳамчун воҳиди таркибии Бонки миллии Тоҷикистон, таъсис дода шуд.

Идора барои амалигардонии мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар бахши назорати суғуртавӣ вазифадор аст. Идора фаъолияти соҳаи суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, танзим ва рушди самараноки хизматрасонии суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлатро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, Идора танзим ва назорати ягонаи суғуртаро оид ба масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ), пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии ташкилотҳои суғуртавӣ, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, усулҳои суғуртакунӣ ва ҳамоҳангсозии суғуртакунӣ амалӣ менамояд.

Ташкили механизмҳои самараноки рушди зерсохтори бозори суғурта ва ҳавасманд гардонидани ширкатҳои суғуртавӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар яке аз мақсадҳои ниҳоии дорои афзалиятҳои олӣ мебошад. Зеро ширкатҳои суғуртавӣ ягона ташкилотҳое мебошанд, ки имконияти маблағгузории дарозмуддатро ба иқтисодиёт доранд. Афзоиши миқдории ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатии дар ҷумҳурӣ таъсисёфта боиси умед бастан ба ташаккулёбии бозори суғурта мешуд. Ин ширкатҳо ба фаъолият оғоз карда, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҷумҳурӣ шартномаҳои суғуртавиро мутлақо дар асоси ихтиёрӣ баста, хизматҳои суғуртавиро пешниҳод мекарданд. Гузоштани маблағҳои муваққатан озоди онҳо ба инкишофи иқтисоди ҷумҳурӣ сол то сол меафзуд ва ба буҷети давлатӣ аз фаъолияти онҳо андозҳои муайян ворид мегаштанд.

Афзоиши миқдори ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ таъсири манфӣ мерасонидагӣ шуд, зеро онҳо дар муддати 70 соли мавҷудияти инҳисории худ ба кор дар шароити рақобати сахт одат накарда буданд. Бинобар ин, онҳо кӯшиш карданд, ки ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатиро бо роҳи зиёд кардани Фонди оинномавӣ барои таъсис ва фаъолияти суғуртавӣ аз байн баранд. Бинобар ин, аз соли 1997 тибқи санадҳои қонунгузории давлат муқаррар карда шуд, ки ширкатҳои навтаъсиси суғуртавии давлатӣ дар Фонди оинномавиашон бояд аз 3 то 5 млн. сомонӣ ва ширкатҳои ғайридавлатӣ аз 300 то 350 ҳаз. сомонӣ маблағ дошта бошанд. Барои ширкатҳои ғайридавлатӣ дар солҳои 90-ум ва 10-солаи аввали солҳои 2000-ум ҷамъоварии чунин маблағ мутлақо ғайриимкон буд. Дар натиҷа, дар тӯли зиёда аз 15 соли минбаъдаи баъди муқарраркунии чунин маблағ дар мамлакат ягон ширкати нави суғурта ташкил карда нашуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи суғурта дар тӯли бештар аз 25 сол вуҷуд дорад. Аммо дар ин давра пойдоршавии бозори хизматҳои суғурта суръати пасти тараққиётро дорост.

Шартҳои зарурии бунёди бозори суғурта чунинанд:

а) мавҷудияти талаботи ҷомеа ба хизмати суғуртавӣ;

б) мавҷудияти суғуртакунандагони қобили ин талаботро қонеъгардонанда;

в) мавҷудияти назорати давлат аз болои фаъолияти суғурта.

Маҳз ба туфайли вуҷуд доштани шартҳои асосии номбаршуда суғурта ба ҳаёти рӯзмарраи ҳар як узви ҷомеа дохил шуда, қисми таркибии

иқтисодиёт дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар кишварҳои ИДМ гардидааст [1, с. 138].

Дар бозори суғуртаи Тоҷикистон шарти мавҷудияти талабот ба хизмати суғуртавӣ ба таври бояду шояд рушд наёфтааст. Аммо шарти дигари бозори суғурта - ташкилотҳои пешниҳодкунандаи хизмати суғуртавӣ мавҷуданд ва тайёранд, ки дар мавриди пайдо гардидани талабот ба хизмати суғуртавӣ онро қонеъ гардонанд.

Ғайр аз ин, яке аз шартҳои асосии ташаккули бозори суғурта ин назорати давлатӣ аз болои фаъолияти суғуртавӣ мебошад, зеро мутобиқи хусусият ва мавқеи махсуси худ дар ҷомеа фаъолияти суғуртавӣ бояд нисбат ба намудҳои дигари фаъолият бештар ба назорати давлат ниёзманд бошад. Зарурати ин шарт бар он асос меёбад, ки фаъолияти ширкатҳои суғурта бо пули нақд алоқаманд мебошад. Дар ҷое, ки пул ҳаст, дар он ҷой имконияти фасодкорӣ метавонад ҷой дошта бошад. Чунин ҳолат назорати чандинтарафаи фаъолияти ширкатҳои суғуртаро талаб менамояд, то ки маблағҳои пули ба ширкатҳои суғурта ҳамчун мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғурта) воридшуда мувофиқи таъйиноту мақсад ва самаранок истифода карда шуда, ба ҳар тараф пош нахӯранд ва талаву тороҷ нагарданд. Бо ин мақсад, фаъолияти ширкатҳои суғурта, асосан аз тарафи хадамоти давлатии назорат аз болои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, ки ҳоло дар тобеияти Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва маҳз он барои пешбурди фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилотҳои суғурта иҷозатнома медиҳад, зери назорати доимӣ қарор гирифтааст. Фаъолияти ташкилотҳои суғурта, инчунин, аз тарафи комиссияи тафтишотиву назоратии дохилӣ, ки худи ширкатҳо интихоб мекунанд, мавриди назорату тафтишоти доимӣ қарор мегирад. Дар мавридҳои пеш омадани зарурат фаъолияти ширкатҳои суғуртаро метавонанд ташкилотҳои аудитӣ низ тафтиш намоянд.

Шарти ҳатмӣ ва ногузири ташаккули бозори суғурта рақобати мутамаддини байни ширкатҳои суғуртавӣ ба шумор меравад, яъне рақобат барои ҷалби суғурташавандаҳо сафарбар кардани маблағҳо ба фондҳои суғуртавӣ, маблағгузории судманди онҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии баланд. Дар марҳилаи кунунии рушди бозори суғуртаи кишвар имкониятҳо барои вусъат додани рақобат дар байни ширкатҳои хусусӣ пайдо шудаанд, зеро имрӯз дар ҷумҳурӣ 2-то ширкати давлатӣ ва 20-то ширкатҳои ғайридавлатӣ амал мекунанд.

Ташаккул ва рушди зерсохтори бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар самтҳои афзалиятнок, яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати кишвар буда, дастгирии минбаъдаи он мувофиқи мақсад мебошад. Фаъолгардонии бозори суғурта вазифаи таҳқиқотчиён ва кормандони он мебошад. Зеро зерсохтори бозори суғурта дар дохили кишвар мукаммал буда, самтҳои афзалиятноки онро устувор гардонидан мувофиқи мақсад мебошад.

Сохтори бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нақшаи 1 ба таври мукаммал инъикос гардидааст.




**Нақшаи 1. Сохтори фаъолият ва шаклҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Сохтори низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - сохтори мукаммал буда, такмили механизмҳои рушди он ва пурзӯр намудани эътибори он дар байни ҷомеа вазифаи асосии роҳбарият ва кормандони он, инчунин вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Дар низоми суғуртаи кишвар мушкилот ба монанди: нобоварии аҳолӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ, маҳдуд будани ҳиссаи амалиётҳои сердаромад, ба самтҳои афзалиятнок кам сафарбар кардани маблағҳои захирашуда ва ғайра ҷой доранд, ки бартараф кардани ин масъалаҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Имрӯз шумораи иштирокчиёни бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар ба шумораи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки ин як имконияти васеъ ба иқтисодиёти кишвар мебошад, ки дар ҷадвали 1 ба таври васеъ инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 1.**

**Иштирокчиёни фаъоли бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Ҳамагӣ | Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | Ташкилоти брокери суғуртавӣ | Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила |
|---|---|---|---|---|
| 22 | 2 | 18 | 1 | |

*Сарчашма:* [http://www.nbt.tj/upload/iblock/ab3/Buletten_12.pdf](http://www.nbt.tj/upload/iblock/ab3/Buletten_12.pdf)

Аз ҷадвали 1 хулоса баровардан мумкин аст, ки шумораи ширкатҳои суғуртавӣ дар бозори суғурта нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ 5 адад зиёд мебошад. Агар шумораи бонкҳои тиҷоратӣ 17 ададро ташкил намояд, пас шумораи ширкатҳои суғурта 22 ададро ташкил медиҳад. Дороиҳои ширкатҳои суғурта низ дар муқоиса ба бонкҳои тиҷоратӣ ё дигар муассисаҳои муваффақи молиявии кишвар кам нест, ки дар ҷадвали 2 ба таври мушаххас инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 2.**

**Нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи шартномаҳои басташуда (адад) | Воридоти ҳаққи суғуртавӣ (ҳаз.сомонӣ) | Ҳаққҳои ба азнавсуғуртакунӣ додашуда (ҳаз.сомонӣ) | Пардохти ҷуброни суғуртавӣ (ҳаз.сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1 802 471** | **235 844,7** | **111 393,1** | **11 551,6** |
| Аз ҷумла: Ҳатмии давлатӣ | 2 602 | 987,7 | - | 197,2 |
| Ҳатмӣ | 458 953 | 54 960,5 | - | 2 832,1 |
| Ихтиёрӣ | 1 340 916 | 179 896,5 | 111 393,1 | |

*Сарчашма: http://www.nbt.tj/upload/iblock/ab3/Buletten_12.pdf*

Барои додани қарзҳои дарозмуддат маблағҳои дарозмуддат заруранд, ки онҳоро дар бозори суғурта дарёфт кардан мумкин аст. Чӣ тавре ки аз ҷадвали 2 маълум аст, воридоти ҳаққи суғурта 235844,7 сомониро ташкил дода, пардохти ҷуброни суғуртавӣ 11551, 6 сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 224239, 1 сомонии дигар ҳамчун захираи озодро дар ташкилотҳои суғурта боқӣ мемонад, ки он як имконияти дигари барои қарздиҳию сармоягузорӣ мебошад.

Барои пурзӯр намудани бозори суғурта дар кишварамон бояд аз таҷрибаи мамолики хориҷӣ васеъ истифода бурд. Барои ҷалби суғурташавандагон дар кишварҳои мутараққӣ тадбирҳои сершумор андешида шудаанд. Аз ҷумла, чораҳои ҳавасмандгардонии суғурташаванда барои фарогир буданаш бо ҳамаи намудҳои суғурта ба амал ба таври васеъ татбиқ карда шудаанд. Дар хориҷа ширкатҳои суғурта бо суғурташавандагони бисёрмиллионнафараи худ робитаи зич доранд ва худро ҳамчун узви ҷудонашавандаи оилаи суғурташаванда ҳисоб мекунанд ва аз тамоми лаҳзаҳои барои суғурташаванда аҳамиятноки ҳаёти шахсӣ ё оилавиаш бохабаранд. Бинобар ин, ширкатҳои суғурта бо ҳар баҳона - тӯи арӯсӣ, зодрӯзи узви оила, рӯзи нахустин бор ба мактаб рафтани фарзандон, хатми мактаб, ба макотиби олӣ дохил шудан ё онро тамом кардан ва ғ., ба суғурташавандагон мукофотҳои пуливу моддӣ медиҳанд. Дар бисёр мавридҳо маблағҳои дар давоми мӯҳлати эътибори шартномаи суғурта ҳамчун туҳфа мегирифтаи суғурташаванда метавонад аз маблағҳои ҳамчун ҳаққи суғурта ба ширкати суғурта пардохтааш ба маротиб зиёд бошанд. Дар натиҷа, шаҳрвандон ҳавасманданд, ки худро, фарзандон ва амволи худро бо ҳамаи намудҳои суғурта фаро гиронанд.

Яке аз тадбирҳои пурқувватгардонии бозори суғурта ва ҷалби суғурташавандагон ба роҳ мондани маркетинги суғурта ва вусъат додани фаъолияти рекламавӣ мебошад. Ин омили хеле муҳим дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ тамоман мавриди истифода қарор нагирифтааст, ба истиснои ташаббуси дар ин ҷода нишондодаи ҶДММ «Аввалин суғуртаи миллӣ», ки

дар самти тарғиби суғурта муҳим аст. Бидуни вусъат додани корҳои рекламавӣ, албатта, шаҳрвандон аз мавҷудияти ширкатҳои суғуртавӣ, аз фаъолияти онҳо ва моҳияту аҳамият ва зарурати суғурта дар ҳаёти ҳар кадом шаҳрванд ва соҳибкор бехабар мемонанд.

Барои фаъолгардонии корҳои маркетингӣ ва рекламавӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии шаҳрвандон ба суғурта маблағҳои зиёд лозим мебошад. Ширкатҳои хориҷии суғуртавӣ бо ин мақсад фаъолияти ғайрисуғуртавиро низ васеъ ба роҳ мондаанд. Онҳо ҳар як воҳиди пули ҳамчун ҳаққи суғурта аз суғурташавандаҳо меситонидаашонро ба самтҳои фаъолияти ғайрисуғуртавӣ, аз ҷумла ҳамчун пасандоз ба бонкҳо, ё ҳамчун қарз ба эҳтиёҷмандон равона карда, аз он баҳра ба даст меоранд ва ё онҳоро барои бунёди объектҳои гуногун сармоягузорӣ намуда, даромади иловагӣ ба даст меоранд. Қисми он даромадҳоро барои худ ва қисми дигарашро бо ҳар баҳона ба суғурташавандагон ҳамчун мукофот бармегардонанд, ки ин онҳоро барои боз ҳам бо ҳама намудҳои суғурта фаро гирифтанашон ҳавасманд мегардонад.

Барои пурзӯр кардани бозори суғурта андешидани чораҳои зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад:

- дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани амалиёти бозори суғурта;
- бо роҳи иҷрои пардохтпазирӣ ба даст овардани эътимоди мизоҷон дар бозори суғурта;
- васеъ намудани амалиёти сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ ғайр аз амалиёти суғуртакунӣ ва ҷуброни он;
- устувор намудани захираҳои пулӣ ва истифодаи он дар самтҳои афзалиятнок.

Дар хулоса гуфтан мумкин аст, ки сатҳи даромади ширкатҳои суғуртавӣ дар муқоиса бо бонкҳои тиҷоратӣ дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон афзалият дошта, ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баръакс аст, даромаднокӣ ва сатҳи нокифояи амалиёти сердаромади ширкатҳои суғуртавӣ кам буда, рушд додани он як қатор ислоҳот ва такмилро мехоҳад.

**Адабиёт:**


1. Александрова Т.Г. Коммерческое страхование: справочник/ Т.Г.Александрова, О.В.Мещерякова. - Москва: Институт новой экономики, 1996. - 254 с.
2. Алякринский А.Л. Правовое регулирование страховой деятельности в России/ А.Л.Алякринский. - Москва, 1994. - 461 с.
3. Дробозина Л.И. Финансы денежное обращение и кредит: учебник /Л.И.Дробозина. - Москва: ЮНИТИ, 2002. - 350 с.
4. Ефимов С.Л. Деловая практика страхового агента и брокера: учебное пособие/ С.Л.Ефимов. - Москва: Страховой полис ЮНИТИ, 1996. - 416 с.
5. Иброҳимов И.Р. Амалиётҳои бонкӣ: китоби дарсӣ. / И.Р. Иброҳимов. - Душанбе, 2012. - 227 с.
6. Шаропов Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ / Н.Шаропов, А.Ҳомидов, М. Бӯриева. - Душанбе, 2009. - 209 с.
7. Ҳисоботи Идораи назорати суғуртавӣ барои солҳои 2017 ва 2018.
8. Buletten_12.pdf. *[манбаи электронӣ]. URL:* http://www.nbt.tj/upload/iblock/ab3/ санаи истифодабарӣ: 14.05.2019 с.; 17.09.2019 с.)

УДК: 330.101.541

# САМАРАНОКИИ ТАЪМИНОТИ СУБВЕНСИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**Сафаров Илҳом Нурмаҳмадович** - *муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 918-99-33-63. E-mail.ru: ilhom0604@mail.ru.*

**Юнусзода Холмуроди Қурбоналӣ** - *сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел: (+992) 937-73-97-77. E-mail.ru: yunuszoda.91@yandex.ru.*

*Дар солҳои охир таъминоти субвенсии маҳал ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст. Дар мақолаи мазкур самти асосии рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар асоси истифода бурдани субвенсия барои ба роҳ мондани муносибатҳои байнибуҷетӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ тадқиқ шудааст. Сатҳи таъминоти субвенсия бо назардошти коэффитсиентҳои самаранокии он ҳисоб карда шудааст. Дар мақолаи мазкур, асосан се самти ҳисоби коэффитсиентҳо ба роҳ монда шудааст: коэффитсиенти мустақилияти молиявии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ); коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ); коэффитсиенти вобастагии молиявии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ). Дар истифода аз коэффитсиентҳои мазкур дар тадқиқот самаранок истифода бурдани таъминоти субвенсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аниқ карда шудааст.*

*Хулосабардориҳо аз ҳисоби таҳлили вазъи молиявии буҷети маҳаллӣ ба даст оварда шуда, барои арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи маҳал ва баҳогузории интегралӣ ё ин ки тақсимоти маҳал дар асоси усули рейтингӣ истифода шудааст.*

*Тибқи ақидаи муаллифон, нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таркиби механизми танзимии буҷети маҳаллӣ қарор гирифта, барои муайян ва пешгирии номутавозинӣ дар равандҳои буҷети маҳаллӣ истифода шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *буҷети маҳал, коэффисент, таъминоти субвенсӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, андозҳои маҳаллӣ, вобастагии молиявӣ, арзёбӣ.*

## *ЭФФЕКТИВНОСТЬ СУБВЕНЦИОННОЙ ПОДДЕРЖКИ ГОРНО-БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ*

**Сафаров Илхом Нурмахмадович** - *заместитель начальника управления науки и инновации Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 918-99-33-63. E-mail.ru: ilhom0604@mail.ru.*

**Юнусзода Холмуроди Курбонали** - *главный специалист управления науки и инновации Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 937-73-97-77. E-mail.ru: yunuszoda.91@yandex.ru.*

*В последние годы предоставление местных субвенций стало одной из самых актуальных проблем. В данной статье рассматриваются основные направления развития Горно-Бадахшанской автономной области, основанные на использовании субвенций для установления (налаживание) межбюджетных отношений и повышения уровня жизни. Уровень субвенционной поддержки рассчитывается с учетом его коэффициентов эффективности. В данной статье в основном выделяются три направления расчитывания коэффициентов, таких как: коэффициент финансовой независимости местного бюджета (ГБАО); коэффициент независимости местных бюджетов от налоговых поступлений (ГБАО); коэффициент финансовой зависимости местного бюджета (ГБАО). Используя эти коэффициенты, исследование определило эффективность использования субвенций в Горно-Бадахшанской автономной области.*

*Данные, полученные в результате анализа финансового положения местного бюджета, могут быть использованы для комплексной оценки ситуации на местах, для интегральной оценки или распределения участка на основе рейтингового метода.*

*С точки зрения авторов, предлагаемые показатели могут быть частью механизма регулирования местного бюджета и могут использоваться для выявления и предотвращения дисбалансов в процессах местного бюджета.*
***Ключевые слова:*** *местный бюджет, коэффициент, субвенции, межбюджетные отношения, местные налоги, финансовая зависимость, оценка.*

## *EFFICIENCY OF SUBVENTIONAL SUPPORT GORNO-BADAKHSHAN AUTONOMOUS REGION*

***Safarov Ilhom Nurmahmadovich*** *- Deputy Head of the Science and Innovation Department of the Tajik state University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: (+992) 918-99-33-63. E-mail.ru: ilhom0604@mail.ru.*
***Yunuszoda Holmurodi Kurbonali*** *- Chief Specialist of Science and Innovation Department of the Tajik state University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: (+992) 937-73-97-77. E-mail.ru: yunuszoda.91@yandex.ru.*

*In recent years, the provision of local subsidies has become one of the most pressing problems. This article examines the main directions of development of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region, based on the use of subventions to establish (establish) inter-budgetary relations and improve living standards. The level of subvention support is calculated taking into account its efficiency ratios. This article mainly distinguishes three directions of calculating the coefficients, such as: the coefficient of financial independence of the local budget (GBAO); Coefficient of independence of local budgets from tax revenues (GBAO); The coefficient of financial dependence of the local budget (GBAO). Using these coefficients, the study determined the effectiveness of the use of subventions in the Gorno-Badakhshan Autonomous Region.*

*The data obtained as a result of the analysis of the financial situation of the local budget can be used for a comprehensive assessment of the situation on the ground, for an integral assessment or distribution of the site based on the rating method.*

*From the point of view of the authors, the proposed indicators can be part of the local budget regulation mechanism and can be used to identify and prevent imbalances in the local budget processes.*
***Key words:*** *local budget, coefficient, subventions, inter-budgetary relations, local taxes, financial dependence, assessment.*

Беҳбудии давлат ва болоравии иқтисодиёти кишвар, асосан аз афзоиши иқтисодиёти минтақаҳои он вобаста аст. Бояд қайд кард, ки рушди минтақаҳои кишвар яке аз заминаи асосии ба даст овардани рушди босуботи худи давлат мебошад. Солҳои охир дар ин самт бисёр тадқиқот ва корҳои илмӣ анҷом дода шудаанд. Тадқиқот дар рушди ботавозуни минтақаҳо на танҳо ба манфиати гурӯҳҳои гуногуни олимон, балки давлат низ мебошад. Бисёр давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минтақаҳо диққати махсус медиҳанд. Ҳамин тариқ, муҳаққиқи ватанӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Л.Ҳ. Саидмуродов қайд мекунанд, ки "заминаи таъмини рушди устувор ва мутавозини ҳар як кишвар рушди минтақаҳои он мебошад" [4, с.17].

Рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аз самаранок истифода бурдани буҷаи минтақа, инчунин маблағгузорӣ ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ вобастагии зич дорад.

Бояд қайд кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 қайд карданд, ки «бояд таъкид намоям, ки рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва минтақаҳои алоҳида дар асоси стратегияву барномаҳои қабулшуда заминаи рушди иқтисоди миллиро ташкил медиҳад ва татбиқи самараноки санадҳои зикргардида иҷрои ҳадафҳои афзалиятнокро таъмин хоҳад кард, инчунин,

сиёсати давлат дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳамчун омили асосии рушд мунтазам татбиқ гардида истодааст» [1].

Буҷети маҳаллӣ яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи маблағгузории минтақавӣ ба шумор меравад. Азбаски мақомотҳои минтақавӣ барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар минтақаҳои худ вогузор мебошанд, бинобар ин, барои ба мақсад расидан буҷети минтақавиро ҳамчун сармоягузории асосӣ истифода мебаранд. Афзудани функсияҳои ҳамоҳангсозии буҷети маҳаллӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳо низ ба назар мерасад. Аз ҳамин сабаб, дар солҳои охир ҳаҷми буҷети маҳаллӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар мунтазам меафзояд.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир раванди минтақавӣ ба таври назаррас пеш рафт. Дар асоси ин, Л.Б. Лазаров ва А.В. Лянова дар асарҳои худ қайд мекунанд, ки «дар чанд соли охир функсияҳои танзими равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, асосан аз мақомоти марказии ҳокимият ба мақомоти минтақавӣ гузаштанд. Вобаста ба ин, нақш ва аҳамияти буҷетҳои минтақавӣ хеле афзуда, доираи татбиқи онҳо васеъ гардид. Ҳиссаи буҷетҳои минтақавӣ на танҳо дар Россия, балки дар бисёр кишварҳои дигар низ афзоишро нишон медиҳад ва қисми ҳатмии захираҳои молиявии кишварҳои пешрафтаро ташкил медиҳад" [3, с. 430].

Бинобар ин, барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда оид ба рушди минтақаҳо ва худтаъминнамоии маҳаллӣ, пеш аз ҳама, таъминоти субвенсиро такмил додан зарур аст.

Дар раванди тадқиқот тибқи маълумотҳои дастрасгардида муайян карда шуд, ки буҷаи ВМКБ аз буҷаи ҷумҳуриявӣ вобастагии назаррас дорад (ниг. ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи ҳаҷми субвенсия, ба буҷаи минтақа (ВМКБ) аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2010-2019 (млн. сомонӣ).**

| Минтақаҳо/ Солҳо | ВМКБ | Дар ҷумҳурӣ | Бо фоиз дар ВМКБ |
|---|---|---|---|
| **2010** | 67,2 | 292,5 | 22,97 |
| **2011** | 78,9 | 341,7 | 23,09 |
| **2012** | 99,1 | 412,3 | 24,03 |
| **2013** | 130,6 | 629,2 | 20,75 |
| **2014** | 157,8 | 802,8 | 19,65 |
| **2015** | 160,6 | 808,6 | 13,18 |
| **2016** | 168,1 | 876,1 | 19,18 |
| **2017** | 175,08 | 885,62 | 19,76 |
| **2018** | 174,05 | 801,1 | 21,72 |
| **2019** | 191,35 | 916,2 | 20,88 |
| **Умум** | | | **20,52%** |

***Сарчашма:*** *Нашрияи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. - С. 427 - 458;*

Тавре аз ҷадвал бармеояд, аз соли 2015 оғоз карда, то соли 2019 ҳаҷми фоизи субвенсияи ҷудошуда ба ВМКБ аз ҳаҷми умумии субвенсия афзудааст, яъне аз 13,8% то ба 20,88% расидааст. Аммо агар ба ҷадвал назар афканем, соли 2019 нисбат ба соли 2018 ҳаҷми субвенсия кам

шудааст, яъне аз 21,72% ба 20,88% расидааст. Боиси қайд аст, ки ба 0,84% кам шудааст.

Ҳамин тавр, сабаби зарурати дарёфти усулҳои роҳҳои кам кардани таъминоти субвенсӣ, ё ин ки ҳисоб кардани самараи он ба миён омадааст.

Барои баҳогузории объективӣ ва комплексии ҳолати молиявии буҷети маҳалҳо якчанд нишондиҳандаҳо истифода мешавад, ба монанди:

1. Мустақилияти молиявии буҷети маҳаллӣ;
2. Мустақилияти даромади андозии буҷети маҳаллӣ;
3. Вобастагии молиявии буҷети маҳаллӣ.

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо дар асоси ҳисоб кардани коэффисиенти онҳо таҳлил карда мешаванд. Бинобар ин, барои ҳисоб кардани самараи таъминоти субвенсии минтақаҳо истифода аз адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷ бо чунин формулаҳо ба роҳ монда шуд:

**1. Коэффитсиенти мустақилияти молиявии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ)**

$$К_{м.м.} = \frac{ДА + ДғА}{Д}, \quad (1)$$

**$К_{м.м.}$**- коэффитсиенти мустақилияти молиявии буҷети маҳал;

**ДА**-даромади андозии буҷаи минтақа;

**ДғА**-даромадҳои ғайриандозии буҷети маҳаллӣ;

**Д**-маблағи умумии даромади буҷавӣ.

Бо истифода аз формулаи дар боло зикргардида, коэффисиенти мустақилияти молиявии буҷети маҳалли ВМКБ-ро барои солҳои 2014-2018 ҳисоб мекунем (ниг. ба ҷадвали №2).

**Ҷадвали 2.**

**Коэффитсиенти мустақилияти молиявии буҷети ВМКБ барои солҳои 2014-2015**

| Коэффисиенти мустақилияти молиявии буҷети ВМКБ | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|
| | 0,35 | 0,38 | 0,44 | 0,45 | 0,49 |

***Сарчашма:*** *таҳлили муаллифон.*

**Эзоҳ:** Чӣ қадаре, ки коэффисиент ба 1 баробар бошад, ҳамон қадар мустақилияти молиявии буҷети маҳал зиёд мебошад.

Чуноне ки аз натиҷаҳои формулаи 1 ва ҷадвали 2 бармеояд, коэффисенти мустақилияти молиявии буҷети маҳал сол то сол афзуда истодааст, яъне аз $К_{м.м.}$=0,35 соли 2018 ба $К_{м.м.}$=0,49 расидааст.

Тавре дар ҷадвал дарҷ гардидааст, фарқияти тамоюли афзудани коэффитсиенти мустақилияти молиявии соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба 0,04 нишондиҳанда баробар аст. Ин нишондиҳанда соли 2017 нисбат ба соли 2016 ба 0,01 нишондиҳанда баробар буд. Аз ин таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки солҳои охир ба ҷудошавии кумаки молиявӣ нигоҳ накарда, вазъияти мустақилияти молиявии маҳал беҳтар гардида истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки стратегияи рушди маҳал дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хуб ба роҳ монда шудааст.

Баъд аз муайян гардидани коэффитсиенти мустақилияти молиявии буҷети маҳаллӣ, коэффитсиенти муҳими дигар ин коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети маҳаллӣ мебошад. Боиси қайд аст, ки даромади андози сарчашмаи асосии даромади буҷаи давлат ба ҳисоб меравад, яъне андозҳо тақрибан 65-70% даромади буҷаи давлатро ташкил

медиҳанд. Бинобар ин, сабаб ва зарурати ҳисоб кардани ин коэффисиент хеле муҳим ба шумор меравад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

**2. Коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ)**

$$К_{м.а.} = \frac{ДА}{Д}, (2)$$

**$К_{м.а.}$** - коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети маҳал;

**ДА**-даромади андозии буҷаи минтақа;

Д-маблағи умумии даромади буҷавӣ.

Барои ҳисоб кардани коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети маҳал ҳамаи даромадҳои андозӣ, новобаста аз шаклашон (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ) ба назар гирифта мешаванд (ниг. ба ҷадвали №3).

**Ҷадвали 3.**

**Коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети ВМКБ барои солҳои 2014-2015**

| Коэффитсиенти | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| мустақилияти даромади андозии буҷети ВМКБ | 0,34 | 0,37 | 0,43 | 0,43 | 0,48 |

***Сарчашма:*** *таҳлили муаллифон*

**Эзоҳ:** Чӣ қадаре, ки коэффисиент ба 1 баробар бошад, ҳамон қадар мустақилияти даромади андозии буҷети маҳал зиёд мегардад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ҳисоб кардани коэффитсиенти мустақилияти даромади андозии буҷети ВМКБ муайян гардид, ки соли 2014 $К_{м.а}$ =0,34 ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба $К_{м.а}$ =0,48 расид. Яъне, коэффисиенти мустақилияти даромади андозии буҷети ВМКБ соли 2018 нисбат ба соли 2014 ба 0,14 нишондиҳанда афзудааст.

Агар ин нишондиҳандаро бо тариқи фоиз ҳисоб намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки соли 2018 коэффисиенти мустақилияти даромади андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба соли 2014 ба 41,17% афзудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол ҳаҷми даромади андозии ВМКБ афзоиш ёфта истодааст. Яъне, дар маҳал рушди соҳаи сайёҳӣ, ташкили корхонаҳо, соҳибкории хурду миёна самаранок ба роҳ монда шудааст.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, ВМКБ минтақаи дотатсионӣ ба ҳисоб рафта, барои дастгирии буҷети маҳалли мазкур ҳамасола аз буҷети ҷумҳуриявӣ кумаки молиявӣ дар намуди субвенсия ҷудо мешавад. Барои самарабахш будани субвенсияҳои ҷудошуда, дуруст ба роҳ мондани стратегияи рушди маҳалли мазкур, зарурати ҳисоб кардани коэффитсиенти вобастагии молиявии ВМКБ-ро ба миён меорад. Ҳисоби ин нишондиҳанда, дар асоси формулаи мазкур ба роҳ монда мешавад:

**3. Коэффитсиенти вобастагии молиявии буҷети маҳаллӣ (ВМКБ)**

$$К_{в.м.} = \frac{КМ}{Д}, (3)$$

**$К_{в.м.}$**- коэффисиенти вобастагии молиявии буҷети маҳал;

**КМ** - кумаки молиявӣ аз буҷаи ҷумҳуриявӣ;

Д - маблағи умумии даромади буҷавӣ.

Формулаи зеринрро истифода бурда, баъд аз ҳисоб кардани коэффитсиенти мазкур, натиҷаҳои онро дар намуди ҷадвал пешкаши шумо менамоем (ниг. ҷадвали №4).

**Ҷадвали 4.**

**Коэффитсиенти вобастагии молиявии буҷети ВМКБ барои солҳои 2014-2015**

| Коэффитсиенти | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|
| вобастагии молиявии буҷети ВМКБ | 0,77 | 0,74 | 0,70 | 0,70 | 0,67 |

***Сарчашма:*** *таҳлили муаллифон*

**Эзоҳ:** Чӣ қадаре ки коэффисиент ба 1 майли бештар дошта бошад, ҳамон қадар вобастагии буҷети маҳал аз буҷети ҷумҳуриявӣ зиёд мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз афзудани коэффисиенти мустақилияти молиявӣ ва коэффисиенти мустақилияти даромади андозӣ, коэффисиенти вобастагии молиявии буҷети ВМКБ зиёд аст. Аммо дар натиҷаи таҳлили муқоисавии ҷадвали №4 бармеояд, ки вобастагии молиявии буҷети ВМКБ аз буҷети ҷумҳуриявӣ сол то сол кам шуда истодааст. Яъне, вобастагии молиявии буҷети ВМКБ соли 2018 нисбат ба соли 2014 ба 0,10 нишондиҳанда коҳиш ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки стратегияи пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самарабахш мебошад.

Ин нишондиҳандаҳоро мо метавонем барои таҳлили вазъи молиявии буҷа, арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи маҳал ва баҳогузории интегралӣ, ё ин ки тақсимоти маҳал дар асоси усули рейтингӣ истифода намоем.

Нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таркиби механизми танзимии буҷа қарор гирифта, барои муайян ва пешгирии номутавозинӣ дар равандҳои буҷа истифода шавад. Инчунин, усули мазкур барои қисман қабул кардани қарорҳои идоракунӣ дар раванди таъминоти субвенсии минтақаҳо истифода гардад. Ҷиҳати амалии усули мазкур дар баҳогузории мустақилияти молиявии маҳал ва таъминоти субвенсии он асос меёбад.

Ҳамаи ин таҳлилҳо боиси он гардид, ки мо бояд роҳҳои кам кардани вобастагии молиявии буҷаи ВМКБ-ро пайдо намоем.

Тавре ки аз адабиёти иқтисодӣ маълум аст, вақте ки вазъияти иқтисодии минтақа коҳиш меёбад, ин боиси паст шудани даромади буҷетии минтақа мегардад. Дар ин ҳолат, дар коҳиш додани хароҷот мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ҳамин, барои ҳалли ин масъала мо бояд роҳҳои навро ҷустуҷӯ намоем.

Дар ин самт, чун қоида, аз роҳу усулҳои гуногун истифода карда мешавад. Дар ин ҳолат мушкилоти асосӣ ин кам кардани касри буҷет бо воситаи дарёфти манбаъҳои нави даромади буҷетӣ ба шумор меравад.

Барои худтаъминнамоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст:

1. Зарурати тартиб додани модели рушди иқтисодии минтақа. Бо ёрии ин модел мо метавонем, ки соҳаҳои сусттараққикардаи ҳар як минтақаро дарёфт намуда, барои рушд додани онҳо стратегияи рушди ҳар як минтақаро таҳия намоем.

2. Ҳангоми таҳияи буҷаи минтақа ҳаҷми хароҷотро дуруст ба нақша гирифтан зарур аст. Дар ҳолати пайдо шудани касри буҷа кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа ба нақша гирифта шавад.

3. Дарёфти роҳҳои нави маблағгузорӣ, аз он ҷумла, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба минтақа, бо воситаи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2011, шаҳри Душанбе. [манбаи электронӣ] URL: http://president.tj/node/193 (санаи муроҷиат: 01.10.2020 с.)
2. Ермакова Е.А. Подходы к определению финансовой самостоятельности местных бюджетов России. /Е.А. Ермакова, О.В. Болякина// Финансы и кредит.- 2012. - №12.- С. 2–8.
3. Лазарова Л.Б. Формирование и регулирование регионального бюджета в современных экономических условиях /Л.Б. Лазарова, А.В. Лянова// Современные проблемы науки и образования.- 2015.- №2-2. - С. 430-438.
4. Саидмуродов Л.Ҳ. Стратегияи рушди минтақаҳои кишвар дар марҳилаи кунунӣ /Л.Ҳ. Саидмуродов// Маводи конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Маблағгузории бахши иҷтимоӣ ва таъсири он ба рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", санаи 22 июни соли 2018. - Душанбе, 2018. - С. 7-17.
5. Юнусзода Х.Қ. Роҳҳои коҳиш додани таъминоти субвенсии минтақаҳо/ Х.Қ. Юнусзода// Молия ва ҳисобдорӣ. - Душанбе, 2019. - С. 34-36.
6. Яшина Н.И. Совершенствование методов оценки бюджетной устойчивости муниципальных образований и субъектов РФ /Н.И. Яшина, А.В. Ясенев, В.Н. Ясенев// Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского.- 2012. -№1. - С. 253–259.

**УДК: 338.432**

# ШАРТ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

***Аллашукуров Беҳзодҷон Эргашалиевич*** *– н.и.и., муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Суроға: ш. Хуҷанд e-mail: Тел.: (+992) 92 767-17-52 Allashukurov2015@mail.ru*

***Фатҳиддинзода Қадриддин Қамариддин*** *- ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳоти Нишони Ленин. Тел.: (+992) 909553305.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рақобатпазирии иқтисодӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазири хоҷагии қишлоқ дар шароити муосир тадқиқ шудааст.*

*Дар раванди таҳлили илмии мақола аз тарафи муаллифон тадқиқ ва омӯзиши таҷрибаи олимони ҷаҳон, услуб ва мақоми рақобатпазирӣ дар соҳаи кишоварзӣ равшанӣ дода шудааст. Алалхусус, муаллифон пешниҳод менамоянд, ки дар шароити муосир бахши аграрии ҷумҳурӣ дар системаи хоҷагӣ мақоми муҳимро ишғол намуда, дар ҳолати рушди омилҳои рақобатпазирӣ таъсиррасон мебошад.*

*Дар шароити вобастагии рӯзафзун дар хоҷагии ҷаҳонӣ моҳияти он натанҳо дар сатҳи омилҳои баландбардории рақобатпазирӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ аз ҷиҳати таъмини маҳсулотҳои озуқаворӣи хоҷагии қишлоқ ба таври мушаххас зоҳир мегардад.*

*Дар шароити ҳозира новобаста ба сиёсати иқтисодии берунаи ихтиёркарда давлат барои оянда, чи сиёсати рӯ ба содирот, чи воридотивазкунанда, ё омӯзиши ҳарду муваффақияти чунин сиёсатро, пеш аз ҳама, қобилияти истеҳсолкунандагони ватанӣ ба рақобат бо ҳарифони хориҷӣ муайян менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобатпазирии мол, хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёти миллӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, озуқаворӣ, сифати маҳсулот, қувваҳои истеҳсолкунанда.*

## *УСЛОВИЯ И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТНОСПОСОБНОСТИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА*

***Аллашукуров Бехзоджон Эргашалиевич*** *– к.э.н., старший преподаватель кафедры экономической теории Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова. Адрес: Республика Таджикистан, г. Худжанд. Тел.: (+992) 92 767-17-52, e-mail: Allashukurov2015@mail.ru.*

***Фатхиддинзода Кадриддин Камариддин*** *- ассистент кафедры налога и налогообложения Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, район Рудаки, джамоат Сарикишти, село Нишони Ленин. Тел.: (+992) 909 55 33 05.*

*В данной статье рассматриваются вопросы сущности экономической конкурентноспособности и производства конкурентноспособных продуктов для развития сельского хозяйства в современных условиях.*

*В процессе научного анализа статьи авторы исследовали и изучали опыты мировых ученых, методов и статуса конкурентноспособности в сельском хозяйстве. В частности, авторы считают, что в современных условиях аграрный сектор республики играет важную роль в экономической системе и оказывает сильное влияние на развитие конкурентных факторов.*

*В условиях растущей зависимости от мировой экономики ее важность четко отражается не только на уровне национальной конкурентноспособности, но и на международном и региональном уровнях, а также с точки зрения производства продуктов питания.*

*В данном контексте, независимо от политики внешней торговли, выбранной государством, экспортная политика, импортер или их комбинация будут определять успех такой политики, прежде всего, способность отечественных производителей конкурировать с иностранными партнерами.*

***Ключевые слова:*** *конкурентноспособность товара, сельское хозяйство, народное хозяйства, сельскохозяйственная продукция, агропромышленные товары, экспортно-импортные продукты, производственное качество, производительные силы.*

## *CONDITIONS AND FACTORS OF DEVELOPMENT COMPETITIVENESS AGRICULTURE*

***Allashukurov Behzodjon Ergashalievich*** *– candidate of economic sciences, Senior teacher of the Department of Economic Theory Khujand State University on behalf of Academician B. Gafurov address: Khujand,e-mail: Allashukurov2015@mail.ru. Tel: (+992) 927671752*

***Fatkhiddinzoda Kadriddin Kamariddin-*** *Assistant, Department of Tax and Taxation, Tajik State University of Finance and Economics Address: Republic of Tajikistan, Rudaki district, Public of Sarikishti, Nishoni Lenin village Tel: (+992) 909553305*

*This article examines the issues of competitiveness in agriculture, as well as products for the development of competitiveness in agriculture in modern conditions.*

*In the process of scientific analysis of the author's article, research and study of the experience of world scientists, methods and status of competitiveness in agriculture, etc., light is given. In particular, the author's suggests that in modern conditions the agricultural sector of the republic plays an important role in the economic system and has a strong influence on the development of competitive factors.*

*In the context of growing dependence on the global economy, its importance is clearly reflected not only at the level of competitiveness, but also at the international and regional levels, as well as in terms of food production. In this context, regardless of the foreign trade policy chosen by the state, the export policy, the importer, or a combination thereof, will determine the success of such a policy, especially the ability of domestic producers to compete with foreign partners.*

***Keywords:*** *competitiveness of goods, agriculture, national economy, agricultural products, agri-food products, export-export, industrial quality, productive forces.*

Рақобатпазирӣ чун мафҳуми иқтисодӣ дар чор объекти тадқиқи иқтисодӣ зоҳир мешавад: мол, корхонаҳо, соҳаҳо ва кишвар. Ба маънои васеъ дар илми иқтисод рақобатпазирӣ чун қобилияти рақобат дар бозори мушаххас бо истифода аз бартарии рақобатӣ барои расидан ба ҳадафҳои гузошта фаҳмида мешавад. Таносуби рақобат ва рақобатпазириро чун таносуби «иқтидор - истифодабарии иқтидор» тасвир кардан мумкин аст.

Дар бораи рақобатпазирии молҳо як қатор асарҳои илмӣ таълиф шудаанд ва дар ҳамаашон ин ё он таърифи ин истилоҳ оварда шудааст. Зимнан, қобили зикр аст, ки гуногунии таърифҳо дар навбати худ

печидагии предмети тадқиқи моро инъикос мекунад. Дарвоқеъ, рақобатпазирии ҳар молро теъдоди зиёди омилҳо, аз қабили сифат, нарх, хароҷоти истифодаи мол, хизматрасонии иловагӣ ва ғайра муайян мекунанд. Мушкиливу гуногунии омилҳои таъсиргузор ба рақобатпазирии ҳар моли мушаххас чунон муҳиму хос аст, ки таърифу тафсири мухталифи онро ба миён меорад.

Инак, дар асарҳои зиёде рақобатпазирии молро дар навбати аввал ба сифати мол нисбат медиҳанд. Яке аз нахустин асарҳо дар ин бобат монографияи М.Г. Долинская ва И.А. Соловёв мебошад. Дар он муаллифон чунин таърифи рақобатпазирии молро пешниҳод мекунанд: «рақобатпазирӣ ин хусусияти маҳсулот аст, ки тафовути онро аз моли рақиб аз лиҳози сатҳи мувофиқат ба талаботи мушаххаси ҷамъият ва ҳам аз лиҳози хароҷот барои қонеъсозии он инъикос мекунад» [6, с. 25].

Онҳо аломатҳои зерини моҳияти рақобатпазириро ҷудо мекунанд:

- мувофиқати параметрҳои мол ба молҳои ҳамсон ва ба талаботи истеъмолгарон (ҳамсонии хосиятҳои сифат ва рақобатпазирии мол);
- мавҷудияти ин ё он хосиятҳои мол, ки мавриди таваҷҷуҳи истеъмолгар қарор дошта, талаботи мушаххасашро қонеъ мекунанд (фарқияти хосиятҳои сифат ва рақобатпазирии мол);
- тағйирёбии сифати мол, ки талаботро пурратар қонеъ мекунад (инкишофи категорияи сифат).

Албатта, истилоҳи «сифат» ва «рақобатпазирӣ» ҳамсон нестанд. Сифат аз омилҳои асосии рақобатпазирии мол аст. Тафсири васеи сифат дар хориҷа ҳам қабул шудааст. Масалан, дар асари Ҷ. Ҳаррингтон оварда мешавад: «Сифат ин қонеъгардонии интизороти истеъмолгар бар ивази нархест, ки вай имкон дорад пардохт кунад, ҳангоме ки талаботаш пайдо мешавад, сифати баланд ин гузаштан аз ҳадди интизороти истеъмолгар ба ивази нархест, ки ӯ дар назар дорад» [11, с.145].

Аз таърифе, ки мо бо он мувофиқем, хулоса баровардан мумкин аст, ки сифати мол бо нархи он алоқаманд мебошад. Баландшавии сифати мол мустақиман ба қимати хароҷот вобастагӣ дорад. И.А. Спиридонов ҳам бар ҳамин назар аст. Ба қавли ӯ, рақобатпазирии мол ин маҷмӯи хусусиятҳои сифатӣ ва арзишии мол аст, ки қонеъшавии талаботи мушаххаси харидорро таъмин мекунад. Вай таъкид мекунад, ки мафҳуми рақобатпазирии мол аз мафҳуми сифат ва мувофиқати мол ба меъёрҳои техникӣ, ки танҳо яке аз ҷузъҳои асосии рақобатпазирӣ мебошанд, васеътар аст[8, с.45].

Ҳангоми таҳлили мафҳуми «рақобатпазирии мол» ба ғайр аз сифату нарх шароити фурӯши мол ҳам баррасӣ карда мешавад. Чунончи, дар асари В.Д. Андрианов зери мафҳуми рақобатпазирии мол «маҷмӯи хусусиятҳои истеъмолӣ, арзишӣ ва сифатии мол фаҳмида мешавад, ки муваффақияти онро дар бозорҳои дохилию берунӣ муайян мекунанд» [2, с.47]. Дар асари Р.А. Фатҳудинов рақобатпазирии мол васеътар шарҳ дода шудааст. Вай рақобатпазириро чун «...хосияти объектҳо, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботи мушаххасро дар қиёс бо объектҳои беҳтарини дигари ҳамин бозор инъикос мекунанд» [10, с.123] таъриф додааст.

Дар кишоварзӣ молҳои таъйиноти хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ вуҷуд доранд. Нишондиҳандаҳои рақобатпазирии ин молҳо гуногун мебошанд. Зеро дар шароити гузариш ба рушди устувори кишоварзӣ аҳамияти экологии молҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла молҳои хӯрокворӣ баланд мешавад ва таҷрибаи Юнон, Туркия ва Албания, ки ба рушди

устувори кишоварзӣ тавассути истеҳсоли молҳои кишоварзӣ гузаштаанд, инро тасдиқ мекунад.

Инсоният медонад, ки фаъолияти минбаъдаи пурмаҳсули субъект ба ғизогирии дурусту саривақтӣ вобаста аст. Ҳангоми муайянкунии рақобатпазирии молҳои хӯрокворӣ муайян кардани фоиданокии онҳо низ муҳим аст.

Ҳамин тариқ, ғизогирӣ раванди ҳаётан муҳим аст, ки рушди муносиби организм, қобилияти кор, саломатӣ ва умри инсонро таъмин мекунад.

Фоиданокии маҳсулоти ғизоиро дар молшиносӣ хосиятҳои асосии истеъмолӣ муайян мекунанд:

- арзишнокии ғизоӣ;
- арзишнокии биологӣ;
- арзишнокии энергетикӣ;
- арзишнокии физиологӣ.

Арзишнокии ғизоӣ пуррагии хосиятҳои муфиди маҳсулот, яъне хушсифатӣ, ҳазмшавандагӣ, миқдори моддаҳои ғизоӣ (сафеда, чарбу, ангиштобҳо) ва фаъолҳои биологӣ (витаминҳо, моддаҳои минералӣ, аминокислотаҳо)-ро нишон медиҳад.

Арзишнокии биологӣ аз миқдори моддаҳои фаъоли биологӣ: витаминҳо, макро ва микроэлементҳо, аминокислотаҳо ва кислотаҳои носер бармеояд.

Арзишнокии физиологӣ - қобилияти таъсиррасонии маҳсулот ба системаҳои асаб, дилу хун ва ҳозимаи инсон мебошад.

Дар шароити афзудани даромади истеъмолгарон ба арзишнокии ғизоии молҳои хӯрокворӣ аҳамияти бештар дода мешавад. Чӣ қадаре ки даромад бештар бошад, ҳамон миқдор маблағи бештари буҷети оила барои харидории молҳои хӯрокворӣ сарф мешавад. Дар ҳамин ҳол муайян шудааст, ки баробари афзудани даромад истеъмоли маҳсулоти оҳардор (картошкаву макарон) коҳиш меёбаду истеъмоли сабзавоту мева меафзояд.

Ҳамин тариқ, рақобатпазирии молро чун дараҷаи ҷолибии мол барои истеъмолгарон, ки имконияти қонеъшавии маҷмӯи талаботи онҳоро муайян мекунад, баррасӣ кардан мумкин аст. Харидор интихоби молро бо арзёбии самараи муфид аз истеъмол ва хароҷоти марбути харидории мол собит мекунад. Аз ин рӯ, рақобатпазирии молро истеъмолгар бо роҳи муқоисаи нарх, сифат ва сатҳи хизматрасонии то хариди мол ва баъди он муайян мекунад. Нишондиҳандаи дигар - сатҳи доираи маркетингии мол, яъне вазъи хусусиятҳои васеътари он ҳам муқоиса карда мешавад [1, с. 236].

Омилҳои асосии муайянкунандаи рақобатпазирии молро муайян намуда, онҳоро гурӯҳбандӣ карда, маҳакҳои асосии инъикосгари ҷолибият ва рақобатпазирии молҳои хӯроквориро тавзеҳ додан мумкин аст (ҷадвали 1).

Таъмини мақсадноки омилҳои зикршуда ба бартарии рақобати субъектони хоҷагидор вобаста аст. Омӯзиши хусусиятҳои қувваҳои истеҳсолкунанда аз самтҳои муҳимтарини тадқиқоти иқтисоди миллӣ мебошад. Дар ин мавзӯъ якчанд кори илмии назариявиро дида баромадем. Дар оғоз худи мафҳуми қувваҳои истеҳсолкунандаро муайян мекунем. Қувваҳои истеҳсолкунанда маҷмӯи омилҳои субъективии истеҳсол мебошанд, ки ба дигаргунсозии табиат баҳри қонеъ гардонидани ин ё он талаботи ҷомеа равона гардидаанд.

**Ҷавдали 1.**

**Омилҳои асосии рақобатпазирии молҳои хӯроквори**

| Омил | Тавсифи маҳакҳо |
|---|---|
| Нарх | Таносуби сатҳи нарх бо нархи рақибони асосӣ; сатҳи рушди низоми фарқи нархҳо вобаста ба таносуби тақозо, арза ва сиёсати рақибон; ҷолибияти низоми тахфиф барои истеъмолгарон |
| Сифат | Мувофиқат ба талаботи экологӣ; бехатарӣ; арзишнокии ғизоӣ |
| Хизматрасонӣ | Сифати молрасонӣ; сатҳи хизматрасонии савдо |
| Доираи маркетингӣ | Сатҳи ташкили маркетингу логистика; самаранокии тадбирҳои реклама; сатҳи намуди зоҳирӣ ва мазмуни борҷома; мукаммалии брендинги мол; имконияти харидории мол бо ёрии воситаҳои муосири тамос |

*Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар заминаи маводи адабиёти илмӣ-иқтисодӣ.*

Системаи қувваҳои истеҳсолкунанда аз унсурҳои зерин иборат аст:

- аҳолӣ (захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, иқтидори меҳнатии ҷамъият) унсури асосии қувваҳои истеҳсолкунанда;
- воситаҳои истеҳсолот (иқтидори истеҳсолии хоҷагӣ) - предмет ва воситаҳои меҳнат, аз ҷумла олоти меҳнат;
- иқтидори илмии ҷамъият (кадрҳои илмӣ, базаи моддӣ-техникии илм);
- заминаи табиӣ ё моддии ашёии истеҳсолоти ҷамъиятӣ (шароиту захираҳои табиӣ) [3, с. 365].

Чӣ тавре ки Д.М. Хлоптсов қайд кардааст, заминаи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунандаро масофа ва масоҳат ташкил медиҳанд. Хусусияти масофа дар ин аст, ки хароҷоти нақлиёт натанҳо мустақиман ба арзиши қитъаи замин, балки ба ҷойгиркунонии фондҳои асосии корхонаҳо ҳам таъсир мерасонанд. Масоҳат мансубияти ҳудудиро ба минтақаи функсионалии мушаххас муайян менамояд[11, с. 63].

Ташаккули назарияи ҷойгиркунонӣ бо интишори асари иқтисодчии олмонӣ И. Тюнен «Давлати ҷудо ва муносибати он ба хоҷагии қишлоқ ва иқтисоди миллӣ» дар соли 1826 иртибот дорад [9, с. 35]. Мазмуни асосии ин асар аз ошкор намудани қонуниятҳои ҷойгиркунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ иборат аст.

Дар тадқиқоти худ И. Тюнен фарзияи мавҷудияти давлати аз ҷаҳони боқимонда ҷудо ва шаҳри марказиеро дар ҳудуди он, ки ягона бозори фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳам манбаи таъмини молҳои саноатист, пешбинӣ карда буд. Нархи ҳар маҳсулот дар ҳар нуқтаи фазо аз нархи шаҳрии он ба андозаи хароҷоти нақлиётӣ - таносуби ростаи вазни бор ва масофаи интиқол тафовут дорад. Нишондиҳандаи ҷойгиркунонии муносиб дар осори И. Тюнен коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ мебошад.

И. Тюнен исбот кард, ки нақшаи оптималии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар ҳудуди фарзияҳои ӯ) системаи доираҳои мутамарказонидаи диаметрашон гуногун дар атрофи шаҳри марказист, ки минтақаҳои ҷойгиршавии навъҳои фаъолияти хоҷагии қишлоқро тақсим мекунанд [9, с. 39].

Азбаски дар ягон олам давлатҳои бо ҳосилнокии якхелаи замин, бо як шаҳр, ё як навъи зироат вуҷуд надоранд, ҳалқаҳои мутамаркази минтақаҳои махсусгардонӣ вайрон мешаванд ва ин дар ҷойгиркунонии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ инъикос меёбад [4, с. 125]. Аммо дар шароити

иқтисоди бозорӣ фермер ҳамеша бар он хоҳад кӯшид, ки соҳаҳои оварандаи фоидаи бештаринро инкишоф диҳад. Масалан, дар минтақаи махсусгардонда, ки он ҷо чорводорӣ нафъи бештар дорад, вай метавонад картошка ё ғалла парвариш намояд. Вале азбаски ба бозор баровардани ғалла ва ҳам картошкаи ин минтақаи махсусгардонда барои фермер фоидаовар нест, вай метавонад ғалла ё картошкаро барои истеҳсоли спирт равон кунад, ё ба парвариши чорво машғул шавад. Ба ғайр аз ин, вай ҳамеша имконият дорад аз истеҳсоли маҳсулоти дигари қиматтару ҳамлу нақлаш қулай фоида ба даст орад.

Яке аз камбудиҳои назарияи ҷойгиркунонии хоҷагии қишлоқи И. Тюнен ин аст, ки вай пешрафту инкишофи нақлиётро ба назар нагирифтааст. Агар дар минтақаи «хоҷагии озод» замини ҳосилхез барои сабзавоткорӣ набошад, ин соҳаро дар минтақаҳои аз шаҳр дуртар ҳам ҷойгир намудан мумкин аст [9, с. 91].

Ба инкишофи назарияи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда асарҳои олими олмонӣ В. Лаунхардт, ки ҷойгиркунонии муносиби корхонаи алоҳидаи саноатиро нисбат ба манбаъҳои ашёи хому бозори фурӯши маҳсулот тадқиқ карда буд, таъсири бузург расониданд.

Омили ҳалкунандаи ҷойгиркунонии истеҳсолот дар назарияи В. Лаунхардт ба мисли И. Тюнен хароҷоти нақлиёт мебошад. Хароҷоти нақлиётӣ барои ҳама нуқтаҳои ҳудуди тадқиқшаванда баробар қабул шудаанд. Нуқтаи ҷойгиркунонии муносиби корхона вобаста ба таносуби вазни борҳои интиқолшаванда ва масофа ҷойгир шудааст [9, с. 85].

Дар қиёс бо модели И. Тюнен, В. Лаунхардт дар назарияи штандорти оқилонаи корхонаи саноатӣ на танҳо бозорҳои фурӯш, балки ҷойгиршавии манбаъҳои ашёи хом ва энергияро барои истеҳсоли саноатӣ ба назар гирифтааст.

Иқтисодчии дигари олмонӣ А. Вебер [5] нисбат ба И. Тюнен ва В. Лаунхардт қадами ҷиддие ба пеш ниҳода, омилҳои нави ҷойгиркунонии истеҳсолотро илова ба хароҷоти нақлиёт ба таҳлил дохил намуда, вазифаи умумии оптимизатсиониро (муносибгардониро) гузоштааст: коҳиш додани хароҷоти умуми истеҳсолот, натанҳо хароҷоти нақлиётӣ.

А. Вебер унсурҳои хароҷоти истеҳсолии ба мавқеи ҷойгиршавӣ вобаста набударо соқит карда, се омили ҷойгиркунонии истеҳсолотро монд:

- хароҷот барои ашёи хом;
- хароҷот барои қувваи корӣ;
- хароҷоти нақлиётӣ.

Вале ба андешаи А. Вебер омили якумро дар шакли фарқи хароҷоти нақлиётӣ ифода намудан мумкин аст, ки ин омили мазкурро аз қатори омилҳои мустақил хориҷ мекунад. Шартҳои дигари таъсиргузор ба ҷойгиркунонии корхонаро ӯ чун «қувваи муттаҳидаи агломератсионӣ» [5, с.35] ё чун омили сеюми штандорт баррасӣ мекунад. Дар ниҳояти кор се омил ба инобат гирифта мешаванд: нақлиёт, қувваи корӣ, агломератсия.

А.Вебер ба ду ҳолат диққат додааст. Аввалан, ҳангоми коркарди шумораи зиёди захираҳои табиӣ қисмати калонашон партов мешавад. Истеҳсолоте, ки технологияаш хисороти зиёди вазни аввалияи ашёро пешбинӣ мекунад, ба гурӯҳи соҳаҳои ба захираҳо нигаронидашуда дохил карда шудааст. Масалан, ҳангоми коркарди чӯб барои истеҳсоли коғаз то

60%-и вазни аввалии он аз даст меравад. Гарчанде миқдори зиёди коғаз дар шаҳрҳо истифода бурда мешавад, ҷойгиркунонии саноати селюллозаву коғаз ба ноҳияҳои бешазор нигаронида шудааст.

Сониян, соҳаҳои саноатие ҳастанд, ки дар онҳо ҳиссаи вазни хоси маҳсулоти тайёр аз вазни хоси ҷузъҳои таркибӣ бештар аст. Чунин соҳаҳои саноат дар ноҳияҳои истеъмоли маҳсулот ҷойгир карда хоҳанд шуд, масалан, нонпазӣ, истеҳсоли пиво, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва ғайра. Ба ибораи дигар, агар «вазни стандартӣ» (таносуби байни вазни ашёи хому вазни маҳсулоти тайёр) бештар аз 1 бошад, чунин соҳаҳоро дар ноҳияҳои ашёи хом ва агар он камтар аз 1 бошад, дар ноҳияҳои истеъмол ҷойгир кардан беҳтар аст.

Ҳамин тавр, агар дар назарияҳои И. Тюнен ва В. Лаунхардт ба сифати омили асосии ташкили ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда хароҷоти нақлиёту манобеи ашёи хом қабул шуда бошад, дар назарияи А. Вебер ба омилҳои асосии ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар қатори хароҷоти нақлиётӣ самтҳои корӣ ва агломератсионӣ (кӯшиши ҷойгиркунонии истеҳсолот дар маҳалҳое, ки сарфаҷӯии мутамарказонии истеҳсолот хароҷоти иловагии нақлиётӣ ва меҳнатиро мепӯшад) илова карда шудаанд.

Иқдоми дигар дар инкишофи назарияи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда пайдоиши назарияи ҷойҳои марказӣ буд. Аввалин назарияи функсияҳо ва ҷойгиркунонии системаи маҳалҳои аҳолинишин (ҷойҳои марказӣ) - ро В. Кристаллер пешниҳод намуд. Назарияи вай оид ба ҷойҳои марказӣ дар асараш «Ҷойҳои марказӣ дар Германияи Ҷанубӣ» соли 1913 шарҳ дода шудааст. Кристаллер марказҳои иқтисодиеро, ки на танҳо худ, балки аҳолии атрофи худ (минтақаҳои фурӯш) - ро ҳам бо молу хизматрасонӣ таъмин мекунанд, ҷойҳои марказӣ меномад. Минтақаҳои хизматрасонӣ ва фурӯш тамоюли мубаддалшавӣ ба шашкунҷаҳоро дошта, ҳама ҳудуди аҳолинишин бе фосила бо шашкунҷаҳо пур карда мешавад (Панҷараи Кристаллер). Ба туфайли ин, масофаи миёна барои фурӯши маҳсулот ё омадурафт ба марказҳо барои харидорию хизматрасонӣ кӯтоҳтар мешавад.

Гарчанде назарияи ҷойҳои марказии В. Кристаллер хусусияти хеле абстрактӣ дорад, вале он барои тасаввуроти умумӣ оид ба сукунати муносиби аҳолӣ дар ин ё он ҳудуд имконият медиҳад [5, с. 132]. Онро чун назарияе баррасӣ метавон кард, ки намунаи идеалии системаи ҷойгиркунонии аҳолиро пешниҳод менамояд ва системаи мавҷудаи сукунати аҳолӣ бо мақсади дарёфти самтҳои такмил бо он бояд муқоиса карда шаванд. Ҳамчунин, мисолҳои татбиқи амалии ҷойҳои марказӣ дар ҳалли проблемаҳои мушаххаси ташкили ҳудудии хоҷагидорӣ ва ҷойгиршавии аҳолӣ дар мамлакатҳои гуногун маълум ҳастанд.

Аз зарурати дигаргунсозии вазъи иқтисодии Тоҷикистон чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки гузариш ба шакли нави ҳамкории иқтисодӣ бо ҷаҳони берунӣ дар шароити муосири рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ воқеан масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар мадди аввал мегузорад.

Новобаста ба сиёсати иқтисодии дохилаю берунаи ихтиёркардаи давлат барои ҳозира ва оянда, чи сиёсати рӯ ба содирот, чи воридотивазкунанда, ё омӯзиши ҳар ду муваффақияти чунин сиёсатро, пеш

аз ҳама, қобилияти истеҳсолкунандагони дохилӣ ба рақобат бо ҳарифони хориҷӣ муайян мекунанд.

**Адабиёт**

1. Алехин Э.В. Региональная экономика и управление. /Э.В. Алехин - Пенза: Пензенский государственный университет, Институт государственной службы и управления при губернаторе Пензенской области, 2007. – 421с.

2. Андрианов В.Д. Конкурентоспособность России в мировой экономики / В.Д.Андрианов// Мировая экономика и международные отношения.-2000. -№3. – С. 47-57.

3. Базоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Базоров. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 365с.

4.Бойматов А. Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг. Китоби дарсӣ/ А.Бойматов, А.Қодиров. – Хуҷанд, 2002. – 139с.

5.Вебер А. Теория размещения промышленности: пер. с нем. / А. Вебер — Л. — М.: Книга, 1926. – 119 с.

6. Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции / М.Г.Долинская, И.А. Соловёв. – М: Издательство стандартов, 1991. – 421с.

7. Колесникова Л.А. Предпринимательство и малый бизнес в современном государстве: учебное пособие /Л.А. Колесникова. – М: Новый логос, 2000. – 290с.

8.Спиридонов И.А. Международная конкуренция *и* пути повышения конкурентоспособности экономики России: учеб. пособие / И.А.Спиридонов.- М., 2012. – 234с.

9.Тюнен И.Г. Изолированное государство в его отношении к сельскому хозяйству национальной экономии: пер. с нем. Т. 1. / И.Г. Тюнен. - М.: Экономическая жизнь, 1926. – 219 с.

10. Фатхуддинов Р.А. Стратегическая конкурентоспособность: учебник. /Р.А. Фатхуддинов. – М.: Экономика, 2005. – 227с.

11. Харрингтон, Х. Джеймс. Управление качеством в американских корпорациях : Сокр. пер. с англ. / Дж. Харрингтон; [Предисл. Т. Дж. Питерса; Авт. вступ. ст. и науч. ред. Л. А. Конарева]. - М.: Экономика, 1990. – 271с.

12. Хлопцов Д. М. Земельный вопрос в экономической теории: рента и ее понимание в современных условиях / Д. М. Хлопцев // Вестник Томского государственного университета. - 2009. - № 323. - С. 307-311.

13 Шодиев К.К. Развитие промышленных предприятий как основной фактор реализации политики импортозамещения / К.К.Шодиев // Вестник ТНУ (Вестник Таджикского национального университета - серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. - №3, - С.127-134.

---

**УДК: 330.88**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тураев Неъматулло Асадуллоевич,*** *унвонҷӯи Донишкадаи иқтисодиёти кишоварзии АИКҶТ, тел.: +992989010394, enatullo@bk.ru.*
На наш взгляд, конкурентоспособность экономической системы страны можно рассматривать в контексте конкурентной борьбы отдельных предприятий и организаций между собой и с иностранными экономическими субъектами. В то же время, конкурентоспособность отдельного предприятия напрямую зависит от конкурентоспособности реализуемых им товаров и услуг. Условием успеха продукции на рынке в эпоху информатизации и цифровизации экономической системы являются технологии и производственный процесс. Этим проблемам посвящено значительное количество научных публикаций, как в отечественной, так и иностранной литературе. Однако наиболее существенным фактором конкурентоспособности продукции в современных условиях реализации производственных процессов становится именно человеческий капитал. Это связано с однородностью и унификацией технологических процессов, при которых предприятие не может получить существенные конкурентные преимущества на рынке, уделяя внимание лишь техническим аспектам своего функционирования [1, с.98]. В то же время, человеческий капитал по своей природе неоднороден и даже незначительные вариации в трактовке его сущности оказывают существенное влияние на качество конечного продукта и успех предприятия в целом.

Термин «конкуренция» имеет происхождение от латинского «concurrere», что означает «двигаться в одном направлении» [5, 24]. Применение такой трактовки к конкурентоспособности отдельного работника или персонала подразумевает способность рабочих сосредоточиться на единой цели и поддерживать устойчивый темп в процессе ее достижения.

И.Н. Пылаев определяет конкурентоспособность персонала, как совокупность источников конкурентных преимуществ и самих преимуществ персонала предприятия, а также способность персонала реализовать свои конкурентные преимущества, что удовлетворяет одновременно потребности общества, предприятия и работника: во-первых, позволяет обеспечить достаточный уровень конкурентоспособности предприятия для производства конкурентоспособной продукции; во-вторых, становится лучшей формой социальной защиты работника на рынке труда [6, с.511].

Н.А. Телегина рассматривает конкурентоспособность персонала как способность реализовывать имеющиеся у работника конкурентные преимущества таким образом, чтобы способствовать продвижению предприятия на лучшую по сравнению с другими субъектами конкуренции на данном рынке конкурентную позицию [7, с.56].

Итак, обобщая научные подходы к оценке содержания понятия «конкурентоспособность работника» следует отметить, что данное явление характеризуется совокупностью личностных и профессиональных характеристик, способностью реализации конкурентных преимуществ, преимуществом по сравнению с другим работником, степенью развития трудового потенциала, удовлетворением рыночной потребности и пр.

Оценка уровня конкурентоспособности персонала в различных аспектах в научной экономической литературе рассматривается в два

основных направления оценки персонала - оценка конкурентных преимуществ и оценка результатов деятельности.

К.А. Данкер оценку конкурентоспособности персонала предлагает рассматривать по однородным группам работников и исследует конкурентоспособность управленческого персонала, поскольку считает, что его деятельность является определяющей в процессе функционирования предприятия. Саму модель оценки уровня конкурентоспособности персонала предприятия автор формирует из трех составляющих: статистическая, экспертная составляющие и самооценка. Автор предлагает процесс оценки конкурентоспособности персонала разделить поэтапно, используя различную методику [2, с.64].

Т.Ю. Исмайлова и Ж.В. Корнева рассматривают оценку персонала как составляющую мотивации трудовой деятельности и отмечают, что оценка является следствием сравнения объекта с определенными эталонами, нормативными требованиями, известными параметрами [4, с.31].

При исследовании факторов, определяющих динамику изменения уровня конкурентоспособности, зарубежные специалисты З. Хусаина, М. Даянб, С.А. Ди Бенедетток ее разделяют на структурную, факторную и ситуационную. Структурная конкурентоспособность характеризуется резким изменением уровня соответствия работника требованиям, предъявляемым работодателем, что не зависит от его решений и желания. Изменение уровня этого вида конкурентоспособности возникает по причине перманентной технологической модернизации или производственных нововведений, к примеру, в результате изменения потребностей в работниках конкретной специализации или с определенным типом знаний. Такие изменения должны иметь внешнюю природу возникновения и могут иметь как локальный, так и региональный масштаб [9, с.18].

Для уменьшения действия факторов, способных снизить уровень структурной конкурентоспособности внедряют превентивные меры, такие как: повышение квалификации или переобучение кадров специальностям, пользующимся спросом на рынке.

Ситуационная конкурентоспособность возникает в связи со спецификой регионального развития производства и местом предприятия в региональном разделении труда. В зависимости от конкретного региона ситуационная конкурентоспособность может быть более или менее ярко выраженной, однако ее влияние испытывает каждый работник. Гендерная диспропорция или отраслевая специализация может оказывать влияние на уровень ситуационной конкурентоспособности. Например, на предприятии, которое является единственным представителем своей отрасли в целом регионе, работник узкой специализации будет иметь низкий уровень ситуационной конкурентоспособности, поскольку шансы трудоустройства за пределами данного предприятия объективно малы.

Факторная конкурентоспособность связана с изменением уровня развития трудового потенциала работника при объективно малых изменениях условий внешней среды, которые имеют эволюционный постепенный характер. Объективный подтип факторного вида конкурентоспособности предполагает снижение ее уровня, как следствие повседневных аккумулированных изменений, например, старение, ухудшение состояния здоровья и т.д. С другой стороны, субъективная факторная конкурентоспособность меняется, как следствие повышения

уровня квалификации, общего образовательного уровня, то есть зависит от поведения индивида, которое он выбирает сознательно. В таком случае работник мотивирован получить более престижную и высокооплачиваемую работу, и использует имеющуюся технико-технологическую, экономическую и социальную ситуацию для достижения своих целей [10, с.43].

В зависимости от места применения труда исследователи рассматривают внутреннюю конкурентоспособность, то есть конкурентоспособность работника в пределах своего предприятия, и внешнюю - за пределами предприятия [9, с.19]. Уровень внутренней и внешней конкурентоспособности определяется не только степенью развития определенных характеристик трудового потенциала человека, но и ситуацией на локальном рынке труда. Также он зависит от статуса предприятия, где устроен работник.

При учете количества оцениваемых параметров отечественные исследователи Х.Х. Искандаров и С.Н. Давлатов выделяют поэлементную и общую конкурентоспособность [3, с.56]. Поэлементная конкурентоспособность определяется характеристикой трудового потенциала. Комплексная (общая) конкурентоспособность определяется при системном анализе трудового потенциала работника. Обычно этот тип играет ключевую роль при примерно одинаковом уровне общей конкурентоспособности всех претендентов, за исключением случаев особых требований относительно возраста, пола или уровня образования кандидата.

В зависимости от условного уровня конкурентоспособности, достигнутого претендентом, исследователь Ади Нугрохо А. конкурентоспособность разделяет на высокую, среднюю и низкую [8, с.4]. Они существенно зависят от того, в какой сфере конкретное лицо реализует свой трудовой потенциал, поэтому показатель редко учитывают при оценке уровня конкурентоспособности. При учете конкретного объекта, который подвергается анализу, выделяют индивидуальную и коллективную конкурентоспособность [8, с.6]. При оценке индивидуальной конкурентоспособности учитывают показатели трудового потенциала определенного индивида и его уверенность в собственном уровне конкурентоспособности. Часто возникает необходимость оценить конкурентоспособность работников определенных профессиональных групп и категорий персонала, то есть определить уровень групповой конкурентоспособности.

Стоит заметить, что классификация конкурентоспособности является лишь первым шагом оценки конкурентоспособности отдельно взятого индивида или персонала предприятия в целом. Для достижения стратегических целей предприятия или удовлетворения индивидуальных интересов необходимо изолировать факторы, влияющие на конкурентоспособность персонала как неделимой системы и определить средства воздействия на эти факторы.

Подводя итог, следует отметить, что персонал любой организации - это, с одной стороны, целостная единица и самостоятельная экономическая система. С другой стороны, он является сложной совокупностью работников - независимых элементов с присущей им индивидуальностью. Поэтому феномен конкурентоспособности персонала - динамичное и многогранное социально-экономическое явление.

Классификация конкурентоспособности отдельных работников представляет собой один из шагов к лучшему раскрытию сути и понимания более глобальных явлений, связанных с конкуренцией и должна учитываться при проведении кадровой политики. Это объясняется тем, что различные виды конкурентоспособности тесно взаимодействуют между собой и меняют форму проявления друг друга.

Перспективным направлением в рамках дальнейших изысканий в направлении формирования конкурентоспособности работников является разработка методологий и принципов стандартизации оценки квалификационных требований к персоналу в сфере промышленности.

**Литература:**


1. Гаврилова С.В., Конкурентоспособность работников и конкурентоспособность выпускников вузов: подходы, взаимосвязь, оценка / С.В. Гаврилова, С.И.Емельянов // Научная дискуссия: вопросы экономики и управления.- 2016. - № 1-1 (45). - С.98-102.
2. Данкер К.А. Российский и западный подходы к формированию конкурентоспособности персонала / К.А. Данкер // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Экономика и управление.- 2014. - № 1. - С. 63-67.
3. Искандаров Х.Х., Мировой опыт формирования и развития конкурентоспособности работников / Х.Х.Искандаров, С.Н.Давлатов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.- 2017. - № 2/5-2. - С.53-58.
4. Исмайлова Т.Ю., Формирование и развитие конкурентоспособности работников. Анализ зарубежного опыта/ Т.Ю.Исмайлова, Ж.В. Корнева // Сборник статей седьмого кадрового форума Черноземья (Третье международное заседание). Воронеж: Воронежский государственный унiверситет.- 2014. - С.30-33.
5. Овчинникова Т.И., Влияние факторов глобализации на конкурентоспособность работников в рыночных условиях / Т.И. Овчинникова, С.Н. Арзыбова, С.В. Кобелева, Т.А. Еремина// Экономика. Инновации. Управление качеством.- 2014. - № 3 (8). - С. 22-27.
6. Пылаев И.Н. Компоненты конкурентоспособности работников и области их развития на предприятии / И.Н. Пылаев // Экономика и предпринимательство. - 2015. - № 6-1 (59). - С. 509-513.
7. Телегина Н.А., Концептуальные основы формирования конкурентоспособности работников предприятий / Н.А. Телегина, И.Н. Пылаев // Вестник Томского государственного университета. Экономика.- 2015. - № 3 (31). - С. 56-67.
8. Adi Nugroho A. Employee Engagement Construction in Newest Condition (During 2012-2014): Adoption to Achieve Competitiveness in Global Condition Combining with Technology Interaction and People Value // Procedia - Social and Behavioral Sciences. - 2015. - Vol. 21 (125). - P. 2-9.
9. Husaina Z., Dayanb M., Di Benedettoc C.A. The impact of networking on competitiveness via organizational learning, employee innovativeness, and innovation process: A mediation model // Journal of Engineering and Technology Management. - 2016. - Vol. 40. - P. 15-28.
10. Methodological Guide: Restructuring, upgrading and industrial competitiveness. Vienna: United Nations Industrial Development Organization, 2003. - 100 p.

УДК: 336.7(575.3)

# ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ РУШДИ АМАЛИЁТИ АСЪОРӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

***Сулаймон Сайфуллозода -*** *унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Айнӣ 37. Тел.: (+992 44) 939317070. E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*Дар мақола масъалаҳои марбут ба такмили амалиёти асъорӣ аз нуқтаи назари заминаи меъёрии ҳуқуқӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар ҷараёни таҳлил маҳдудиятҳо, зиддиятҳо, инчунин, камбудиҳо дар қонунгузорӣ, ки ба рушди амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ халал мерасонанд, муайян гардидаанд. Мавқеи муаллиф оид ба он ки танзим ва назорати қатъии муомилоти асъорӣ аз ҷониби давлат дар давраи кӯтоҳмуддат ва дар давраи буҳронӣ амиқ самаранок аст, аммо дар давраи дарозмуддат чунин сиёсат ба афзоиши иқтисоди ношаффоф ва бозори сиёҳ мусоидат мекунад, асоснок карда шудааст. Барои рафъи ихтилофот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратиро танзим ва назорат мекунанд ва ба ақидаи муаллиф, ба рушди амалиёти асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонанд, тадбирҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амалиёти асъорӣ; бонкҳои тиҷоратӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, қонунгузории асъорӣ, хариду фурӯши асъори хориҷӣ; бозори сиёҳ, танзими қурби асъор, маҳдудиятҳои асъорӣ, сиёсати асъор, мубодилаи асъор.*

## *СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЙ БАЗЫ РАЗВИТИЯ ВАЛЮТНЫХ ОПЕРАЦИЙ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ*

***Сулаймон Сайфуллозода -*** *соискатель кафедры банковского дела Таджикского национального университета. Адрес: 734025,Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 37. Тел.: (+992 44) 939317070. E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с совершенствованием валютных операций с точки зрения нормативно-правовой базы. В процессе анализа выявлены сдерживающие факторы, противоречия, а также пробелы в законодательстве, которые препятствуют развитию валютных операций в коммерческих банках. Обоснованна авторская позиция относительно того, что жесткое регулирование валютных операций со стороны государства эффективно в краткосрочной перспективе и в период глубочайшего кризиза, но в долгосрочной перспективе, такая политика будет способстовать росту теневой экономики и черного рынка. Предложены конкретные мероприятия по устранению противоречий в нормативно-правовых документах, регламентирующие валютную деятельность коммерческих банков, которые, по мнению автора, благоприятно повлияют на развитие валютных операций в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *валютные операции, коммерческие банки, Национальный банк Таджикистана, валютное законодательство, купля-продажа иностранной валюты, черный рынок, регулирование курса валют, валютные ограничения, валютная политика, обмен валют.*

## *IMPROVING THE REGULATORY FRAMEWORK FOR THE DEVELOPMENT OF FOREIGN EXCHANGE TRANSACTIONS IN COMMERCIAL BANKS*

***Sulaymon Saifullozoda -*** *Applicant to the Department of Banking. Tajik National University. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 37 Ayni str. Phone: (+992 44) 939317070. E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*The article discusses the issues related to the improvement of foreign exchange transactions from the point of view of the regulatory framework. In the course of the analysis, constraints, contradictions, as well as gaps in legislation, which hinder the development of foreign exchange transactions in commercial banks, were identified. Reasonably, the author's position is that strict regulation of foreign exchange transactions by the state is effective in the short term and during*

*the deepest crisis, but in the long term, such a policy will contribute to the growth of the shadow economy and the black market. Specific measures are proposed to eliminate contradictions in the regulatory documents regulating the currency activities of commercial banks, which, in the author's opinion, will have a favorable effect on the development of currency transactions in the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *currency operations; commercial banks, the National Bank of Tajikistan, currency legislation, purchase and sale of foreign currency; black market, exchange rate regulation, exchange restrictions, exchange policy, currency exchange.*

Дар рафти тадқиқоти тартиби анҷом додани амалиёти асъорӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва механизми танзими фаъолияти онҳо дар бозори асъорӣ дар қонунгузории асъорӣ камбудиҳо ошкор карда шуданд, ки ба беҳтар кардани заминаи методологии амалиёти асъорӣ монеа эҷод менамоянд.

Якум, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" [8] (минбаъд - Қонун) мафҳуми "амалиёти асъорӣ" дақиқ муайян карда нашудааст. Дар Қонун таснифоти амалиёти асъорӣ пешниҳод карда шудааст, аммо ба ақидаи мо, ин ҳолат мафҳуми амалиёти асъориро ба пуррагӣ инъикос намекунад, чунки нишонаҳо ва хусусиятҳои умумии онҳоро дар робита ба фаъолияте, ки бо арзишҳои асъорӣ алоқаманд мебошанд, фаро намегирад.

Дуюм, бояд Кодекс дар бораи гузаронидани хариду фурӯш дар бозори асъорӣ таҳия карда шуда, дар он қоидаҳои умумии гузаронидани хариду фурӯш дар бозори асъорӣ, назорати риояи иҷро кардани қоидаҳои мазкур, тавсияҳо барои идоракунии фаъолият ва ҳайати кормандон, стандартҳо ва меъёрҳои одоб барои иштирокчиёни бозори асъор пурра инъикос карда шаванд. Тамоми кодексҳои мазкур барои амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ ва амалиёти бозори пулӣ, ки объекти онҳо воҳидҳои пулӣ ва ба онҳо баробаркардашудаи воситаҳои пардохт мебошанд, таҳия карда шудааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ зери мафҳуми амалиёти асъорӣ амалиёт бо асъори хориҷӣ фаҳмида мешавад ва мафҳуми арзишҳои асъорӣ мавҷуд нест. Азбаски калимаи асъор дар тарҷума маънои арзишро ифода менамояд, ибораи арзиши асъор маънои лингвистӣ надорад ва аз ду калимаи ба ҳам алоқаманд иборат мебошад. Тибқи конференсияи Ямайка дар соли 1978 тилло расман демонетизатсия карда шуда, ҳамчун объекти амалиёти асъорӣ қабул карда нашуда, ба сифати маҳсулот пазируфта шудааст. Аммо, новобаста аз ин, тилло то ҳол ҳамчун дороии захиравӣ қабул карда шудааст.

Сеюм, дар Қонун самти интиқол ва равон кардани асъори хориҷӣ миёни резидентҳо ва нерезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудият пешбинӣ нашудааст, аммо БМТ бо қарорҳои дахлдори хеш як қатор маҳдудиятҳоро ҳангоми интиқоли маблағ аз ҷумҳурӣ ҷорӣ намудааст.

Ба ақидаи мо, қарори мазкури БМТ ба қонунгузории асъорӣ мухолифат намуда, ба гардиши ғайриқонунии асъори хориҷӣ мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, резидентҳо имкон доранд, ки ба ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низомҳои пардохтии байналмилалии VISA, UnionPay, MasterCard ва дигар низомҳо тавассути амалиёти P2P ба воситаи кортҳои бонкӣ маблағ равон кунанд. Бо назардошти ин ва ба ақидаи мо, қарори БМТ иҷроиши функсияи онро

пешбинӣ намекунад - бартараф намудани интиқоли мабалағ ба хориҷи кишвар ва муқовимат ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ.

Чорум, мувофиқи моддаи 8 Қонун интиқоли асъори хориҷӣ миёни суратҳисобҳои шахсони воқеии резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст. Ҳолати мухолифатӣ ба амал омадааст, аз як тараф қонунгузорӣ пешниҳоди қарзҳои асъориро миёни шахсони воқеӣ манъ накарда, аз тарафи дигар интиқоли асъори хориҷӣ миёни суратҳисобҳои шахсони воқеиро манъ кардааст.

Панҷум, дар моддаи 12 Қонун пешбинӣ шудааст, ки ғайрирезидентҳо метавонанд дар бонкҳои ваколатдор суратҳисобҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ кушоянд. Аммо дар Қонун руйхати муқаррарии ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои кушодани суратҳисобҳо ба ғайрирезидентҳо мавҷуд набуда, дар ҳар як бонки ваколатдор рӯйхати дохилии худ вуҷуд дорад. Рӯйхати ҳуҷҷатҳо дар бонкҳои ваколатдор аз ҳам фарқ мекунанд, ки ин ҳолат бо нофаҳмоиҳо аз ҷониби ғайрирезидентҳо оварда мерасонад. Дар Қонун муқаррар намудани рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои кушодани суратҳисобҳо ба ғайрирезидентҳоро мувофиқи мақсад шуморида, иҷроиши он аз ҷониби бонкҳои ваколатдор назорат карда шавад.

Шашум, дар Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" [6] омадааст, ки "амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷии нақд ба маблағи мутаносиб то ба 14 (чордаҳ) ҳазор сомонӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият анҷом дода мешавад". Лозим ба ёдоварист, ки Дастурамали мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015, №195 тасдиқ карда шуда, дар он вақт қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА баробар ба 6,45 сомонӣ буд. Ҳамин тавр, дар вақти қабули Дастурамали мазкур 14000 сомонӣ баробар ба 2170,0 доллари ИМА буда, санаи 01 январи соли 2020 бошад, ба 1445,0 доллар баробар шуд. Дар Дастурамали дигари дахлдор омадааст, ки "шахсони воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, метавонанд бе мамониат, бе декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бе пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, дар як вақт сарватҳои асъориро ба маблағи ҳамарзиши (эквиваленти) то 3000 (се ҳазор) доллари ИМА аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баранд" [7]. Ҳамин тариқ, мухолифат ба миён меояд, яъне содир намудани маблағ бе ҳуҷҷат аз Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3000 (се ҳазор) доллари ИМА имконпазир буда, харидорӣ намудани асъори хориҷӣ бошад, дар бонкҳои ваколатдор бе ҳуҷҷат танҳо 1445,0 доллар (бо назардошти баланд шудани қурби доллари ИМА нисбат ба сомонӣ маблағи мазкур боз камтар мегардад) мумкин аст. Ба ақидаи мо, маблағи 14000,0 сомонӣ дар соли 2015 муқаррар карда шуда, агар ба инобат гирифта шавад, ки таҳияи лоиҳаи Дастурамали мазкур (ворид намудани тағйирот) охири соли 2014 оғоз гардида, дар он вақт қурб ба 4,60-4,80 баробар буд, шояд дар зери 14000,0 сомонӣ маблағи 3000 доллари ИМА ба ҳисоб гирифта шуда буд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, пешниҳод менамоем, ки Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" дар қисмати фурӯши асъори хориҷии максималӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда такмил дода шуда, он бо ҷумлаи мазкур тағйир дода шавад: "мубодилаи асъори хориҷии нақдина ба

маблағи ҳамарзиши 3000 доллари ИМА бе пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият анҷом дода мешавад”. Тағйироти мазкур дар оянда тасҳеҳи қурбиро аз байн мебарад. Ҳамзамон, мантиқан ин ду Дастурамал дуруст шуда, вобастагии онҳо мустақим мешавад.

Ҳафтум, дар ҷумҳурӣ масъалаи мусодираи асъори эъломиянашуда ва ё нодуруст эъломияшуда, инчунин, воситаҳои гардони шахси ҳозир ҳалталаб мебошанд.

Мутобиқи банди 18 Дастурамали №234 мақомоти гумрук дар ҳолати ошкор кардани маълумоти нодуруст дар декларатсияи пуркардашуда оид ба ворид ва ё содир намудани арзишҳои асъорӣ ва ё нишон надодани сарватҳои асъории ворид ва ё содиршаванда, ки бояд ҳатман декларатсия карда мешуданд, ҳуқуқ доранд аз содиркунанда оид ба манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, инчунин, оид ба истифодаи минбаъдаи онҳо маълумоти иловагӣ талаб намоянд.

Аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ декаларатсия накардан ва ё нодуруст декаларатсия кардани асъори хориҷӣ ва ё пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз қаламарвим Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешавад ва ҳатман бояд декаларатсия карда шавад, ҷарима пешбинӣ карда мешавад: барои шахсонӣ воқеӣ аз 10 то 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои шахсони мансабдор аз 20 то 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои шахсоин ҳуқуқӣ аз 100 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо [1].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳадди ниҳоии ҷарима барои шахсони воқеӣ ба маблағи 1000 сомонӣ (тақрибан 100 доллари ИМА) баробар мебошад. Ҳамзамон, нисбат ба онҳо мусодира татбиқ карда намешавад. Ба ақидаи мо, ҳаҷми ҷаримаи мазкур барои шахсони воқеӣ хеле кам мебошад. Пешниҳод менамоем, ки ҳаҷми маблағи ҷарима аз сари нав дида шуда, ҳаҷми он аз маблағи декларатсиянашудаи асъор ҳисоб карда шавад, мисол 10% аз маблағи декларатсиянашуда.

Аз тарафи дигар, дар ҳолати такрор шудани ҳолати декларатсия накардан ва ё декларатсияи нодуруст аз ҷониби шахсе, ки дар давоми соли ҷорӣ нисбат ба вай ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда шуда буд, пас дар ин ҳолат нисбат ба ин шахси мазкур парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 289 КҶ ҶТ (қочоқ) татбиқ мегардад. Ба чунин ҷиноятҳо имкони то 20 сол аз озодӣ маҳрум шудан татбиқ карда мешавад. Ба ақидаи мо, чунин ҷазо хеле вазнин мебошад. Пешниҳод менамоем, ки агар чунин асъори хориҷӣ бо қонунигардонии маблағҳо ва ё даромади бо роҳи ҷиноят бадастомада вобаста набошад, пас мусодираи онро (барои такроран вайрон кардани қонунгузорӣ) нисбат ба фоидаи давлат мувофиқи мақсад мешуморем.

Ҳаштум, ташкилотҳои қарзӣ хизматрасониҳои интиқоли маблағ ва арзишҳо, мубодилаи асъор ва лизингро пешниҳод менамоянд. Аз тарафи дигар, фаъолияти лизингӣ гирифтани иҷозатномаро талаб наменамояд.

Нуҳум, қурб ва сиёсати қурбии БМТ. Яке аз мушкилиҳои асосии сиёсати қурбӣ, ин фарқияти калон (2%) миёни қурби расмӣ ва қурби бозории доллари ИМА мебошад. Дар Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 омадааст, ки “назорат ва танзими мавқеи асъории такшилотҳои қарзӣ ва гардиши фаромарзии сармоя, ба роҳ мондани назорат зери амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ, коҳиш додани фарқият қурб миёни қурби расмӣ ва бозорӣ”

[9]. Ҳамин тариқ, БМТ мавҷуд будани бозори “сиёҳро” расман тасдиқ намуд.

Дар давраи миёнамуҳлат сиёсати асъорӣ, ки ба Стратегия асос ёфтааст, ба режими “қурби танзимшавандаи шинокунанда” асос ёфтааст ва қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ метавонад зери таъсири омилҳои бозории мазкур тағйир ёбад, аз қабили таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ, вазъи тавозуни савдо ва тавозуни пардохт, конъюнктураи бозори дохилӣ ва асъорӣ, тағйирёбии намояи нархҳо, ҳаҷми воридоти интиқоли маблағҳо, таъсири омилҳои монетарӣ ва мавсимӣ. Бояд тазаккур дод, ки аз ҳад зиёд танзим намудани қурби асъор бо мақсади нигоҳ доштани он дар сатҳи устувор, амалӣ намудани механизмҳо ва стратегияи сиёсати пулию қарзиро, ки ба нигоҳ доштани сатҳи устувори нархҳо равона карда шудааст, мушкил мегарадонад. Дар баробари ин, қурби асъор метавонад рафти мутобиқшавии иқтисодиёт ба таконҳои беруна ва рақобатпазирии истеҳсолоти дохилӣ ва суръати рушди бахши воқеии иқтисодиётро суст намояд, расонидани таъсири манфӣ ба ҳаҷми захираҳои байналмилалии давлат, аз ҷумла дар давраи буҳрон ва таъсирҳои беруна ташаккул додани маълумоти нодуруст дар ҷомеа оид ба хавфҳои қурбӣ ва оқибатҳои он ки дар зери таъсири он аҳолӣ ва иқтисодиёт метавонанд талафоти хавфҳои калони қурбиро эҳсос карда, инчунин, ҳангоми буҳрон он метавонад мушкилоти ҷиддии системавиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба амал биёрад.

Даҳум, меъёри захираҳои ҳатмӣ. БМТ давоми солҳои дароз меъёри ягона барои захираҳои ҳатмиро ҳам барои пули миллӣ ва ҳам барои асъори хориҷӣ муқаррар карда буд. Дар соли 2008 бо мақсади коҳиш додани сатҳи долларизатсияи иқтисодиёт ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба пули миллӣ, сатҳи ду низомаи меъёри захираҳои ҳатмӣ муқаррар карда шуд буд - барои амонатҳо бо пули миллӣ дар сатҳи 9,0% ва барои амонатҳо бо асъори хориҷӣ дар сатҳи 11,0%. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2015 марҳила ба марҳила то ба 1,5% ва 7,0% коҳиш дода шуданд. Амали мазкур ба зиёд шудани маблағҳои озоди ташкилотҳои қарзӣ ва суръати сармоягузории иқтисодиёт мусоидат намуд. Минбаъд БМТ меъёрҳои мазкурро такмил дода, дар айни замон меъёри он бо пули миллӣ ба андозаи 3,0% ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи 9,0% муқаррар карда шуда, ин ҳолат фаъолияти ташкилотҳои қарзиро маҳдуд менамояд, зеро ин ҳолат ташкилотҳои қарзиро водор менамояд, ки дар БМТ захираҳои зиёди худро нигоҳ дорад.

Ёздаҳум, дар Дастурамали №211 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ” омадааст, ки “ба муассисаҳои хазинаҳои амалиётидошта инҳо дохил мешаванд”:

а) марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаи интиқоли пул ва таҷҳизоти техникии худкор (банкомат ва терминалҳо);

б) нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, дидбонгоҳҳои гумрукӣ [6].

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори БМТ талабот барои шумораи кормандон, ҳаҷми он ва дигар талаботи дахлдори маркази хизматрасонии бонкӣ дарҷ карда шудааст. Аммо дар бораи нуқтаи интиқоли пулӣ ва нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ маълумот нест. Ҳамзамон, дар “Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби

ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо” [10] мафҳуми “нуқтаҳои интиқоли пул” ва “нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ” мавҷуд нест. Зарур мешуморем, ки чунин мухолифатҳо бо роҳҳои зерин бартараф карда шаванд:

а) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба “Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо”, ворид намудани бандҳои дахлдор барои таъсиси “нуқтаҳои интиқоли пул” ва “нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ”;

б) агар таъсиси “нуқтаҳои интиқоли пул” ва “нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ” аз ҷониби БМТ қатъ карда шуда бошад, пас зарур аст, ки талаботи моддаи 8 Дастурамали №211 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ” мутобиқ карда шавад.

Дувоздаҳум, мушкилоти содир намудани ҳаҷми калони сармоя ба хориҷ ва пешниҳодҳои мо дар ин самт. Пеш аз ҳама роҳҳои мубориза ба муқобили ширкатҳои якрӯза ва роҳҳои пинҳонии ирсоли маблағҳо тақвият бахшида шавад.

Таҷрибаи мақомоти гумрук нишон медиҳад, ки аксарияти вақт амалиёти тиҷорати хориҷӣ тавассути ширкатҳои қалбакӣ анҷом дода мешавад. Дастрасӣ ва марҳилаи содаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ, инчунин, мавҷуд набудани ҳисобот ва назорати чунин муассисон ба онҳо имкон медиҳад, ки ба зудӣ ширкати нав таъсис дода, андоз ва боҷҳои гумрукиро насупоранд. Аксарияти вақт чунин ширкатҳо барои иҷро намудани амалиёти тиҷоратии хориҷии калони якдафъаина таъсис дода мешаванд. Иштироки ширкатҳои якрӯза дар фаъолияти савдои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири калон мерасонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқобили роҳҳои ғайрирасмӣ содир намудани асъори хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои доимӣ меандешад.

Яке аз роҳҳои ҳалли чунин мушкилот ин қабули Қонун дар бораи пешбинӣ намудани ҷазои ҷиноӣ барои ташкилкунандагони ширкатҳои якрӯза мебошад.

Дар мубориза бар зидди чунин қонунвайронкуниҳо пурзӯр намудани талаботи иҷозатномадиҳӣ барои ширкатҳо тавассути такмил додани қонунгузорӣ дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Барои ҳал намудани мушкилоти мазкур мо набояд барои сода намудани тартиботи гирифтани иҷозатномадиҳӣ ба саросемагӣ роҳ диҳем. Хуб мешуд, ки намояндагони мақомоти гумрук дар комиссияи барҳамдиҳии ширкатҳое, ки қонунгузории асъорӣ ва гумрукиро вайрон менамоянд, иштирок намоянд, то вайронкунандагони қонун имкон пайдо накунанд, ки аз имзо намудани санади натиҷаи тафтиш ва пардохти ҷаримаҳо барои вайрон намудани қоидаи маъмурӣ тавассути барҳамдиҳии расмии ширкат саркашӣ намоянд.

Сенздаҳум, мушкилоти репатриатсия [2, с. 423] (баргардонидан)-и даромадҳои асъорӣ аз содироти молу маҳсулот ва хизматрасонӣ аз ҷониби ташкилоту ширкатҳои ватанӣ.

Дар суратҳисобҳои бонкҳои хориҷӣ маблағҳои калон мавҷуд аст, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида нашудааст. Дар айни замон, механизми зарурии қонунгузорӣ дар самти баргардонидани маблағҳо мавҷуд нест. Мушкилоти мазкур ба иқтисодиёти миллӣ зарари калон

дорад, зеро маблағҳои зарурӣ аз гардиши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда, ба истеҳсолоти дигар давлатҳо равона карда мешавад.

Мушкилоти дигари ин ҳолат ин интиқоли асъори хориҷӣ (бе маҳсулот) ва аҳдҳои бо шартномаҳои воридотии қалбакӣ мебошад. Дар таҷриба харидор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба контрагенти хориҷии худ маблағ мегузаронад, аммо бе воридоти маҳсулот (пешпардохт бе воридоти маҳсулот ва ё воридоти нобаробар). Ҳамзамон, таҷрибаи пешпардохт хеле зиёд мебошад, ки ин маънои бе фоиз пешниҳод намудани қарз аз ҷониби резидентҳо ба ширкатҳои хориҷиро ифода менамояд.

Мушкилоти дигари ин самт амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо миёни резидент ва контрагентҳои хориҷӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (минтақаҳои оффшорӣ) мебошад. Амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо миёни резидент ва контрагентҳои хориҷӣ, имкон медиҳад, ки маблағҳо берун аз қаламрави низоми андозбандӣ равон карда шавад. Сухан дар бораи "оффшор" (пинҳон шудан аз андозбандӣ) мебошад, ки истеҳсолот дар дохили ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, ҳисобҳои молиявӣ дар хориҷ аз кишвар амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, аз ҷониби ширкатҳои калон ва миёна дар хориҷ аз кишвар суратҳисобҳо кушода мешаванд, ки ин ба хуруҷи сармоя мусоидат менамояд. Бозори молиявии давлат ҳатман ба муҳофизат эҳтиёҷ дорад.

Аз ин лиҳоз, тавре ҳодисаҳои охир нишон доданд, барои тақвияти боварии сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ ба низоми бонкӣ, чораҳои дахлдори фаврӣ андешидан лозим аст. Ба онҳо, пеш аз ҳама, чораҳо оид ба пурзӯр намудани шаффофият, аз ҷумла сохтори моликият ва идоракунии корпоративӣ, фароҳам овардани шароити баробар барои фаъолияти бонкҳои ҳама шаклҳои моликият, аз ҷумла хориҷӣ низ дохил мешаванд.

Аз тарафи дигар дар рафти таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти анҷом додани амалиёти асъорӣ, муайян карда шуд, ки дар назди бонкҳои марказӣ куматиҳои махсус фаъолият менамоянд. Дар салоҳияти кумитаҳои мазкур таҳия намудани қоидаҳои умумии фаъолияти дар бозори асъорӣ дохилшуда, барои бонкҳо ва брокерон дар самти таҳлили натиҷаҳои бозор ҳамчун форум баромад менамояд ва зери фаъолияти иштирокчиёни бозори асъор назорат мебаранд. Кумита аз кормандони сатҳи болоии бонкҳо, ки онҳо саҳми бештари бозори асъориро ташкил медиҳанд, мақомоти назорати молиявӣ, инчунин, дигар муассисаҳои вобаста, ки аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори молиявӣ таъсис дода шудааст, иборат мебошад.

Дар айни замон кумитаҳои асъорӣ дар Британияи Кабир, ИМА, Ҷопон, Канада, Австралия, Гонконг, Сингапур ва дигар давлатҳое, ки фаъолона дар бозори асъорӣ фаъолият менамоянд, таъсис дода шуда, кору фаъолият менамоянд. Таъсис додани чунин воҳиди дахлдор дар назди Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳал намудани чунин масъалаҳо мусоидат менамояд: қабули қарорҳои ҳамоҳангшуда оид ба мушкилот дар бозори асъор бо иштироки мақомоти танзимкунанда ва иштирокчиёни бевоситаи бозор; ҳамгироии самаранок дар бозори байналмилалии молиявӣ, ки шарти асосии он шаффофияти бозор мебошад; таҳия намудани дурнамои рушди минбаъдаи амалиёти асъорӣ ва тағйирёбии қурби асъор; тадқиқи

амиқи механизми фаъолияти бозори асъор ва ташаккул ёфтани қурбҳои асъор.

Тавре маълум аст, сиёсати асъории давлат аз интихоби низоми қурби асъор ва муайян намудани қурбе [3, с. 192], ки бо он амалиёти асъорӣ анҷом дода мешаванд, иборат мебошад. Сиёсати асъории давлат ба таносуби нархҳои мавҷуда бо пули миллӣ ба маҳсулоте, ки дар бозорҳои хориҷӣ фурӯхта мешавад ва ба маҳсулоти барои бозори дохилӣ истеҳсолшаванда таъсир мерасонад. Аз ин сабаб, системаи интихобшудаи қурби асъор ва қурби интихобшуда ҳамчун арзишҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти кишвар ҳамаҷониба таъсир мерасонад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян намудани сиёсати асъорӣ ба сохтори иқтисодиёти кишвар ва хусусиятҳои хоси институтҳои он аҳамияти ҷиддӣ бояд дод. Дар робита ба ин, хусусиятҳои хосе, ки ба ҳамаи давлатҳои рӯ ба инкишоф умумӣ мебошанд, нишон медиҳем: диққати асосӣ ба истеҳсол ва содироти ашёи хом (маъданҳои минералӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ); маҳсулоти маҳдуди ватание, ки бо маҳсулоти воридотӣ иваз карда мешаванд; - вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти ниёзи аввалия, махсусан, маҳсулоти муваққатӣ ва таҷҳизоти асосӣ; - муҳимияти гардиши сармоя, аз ҷумла сармоягузории мустақим аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ гирифтани қарзҳо; - сатҳи пасти рушди бозори молиявӣ, ки дар он шумораи маҳдуди дилерон иштирок менамоянд.

Хусусиятҳои хоси номбаршуда бояд ҳангоми интихоби низоми қурби асъор таъсир расонида, имкониятҳои маҳдуди истифодабарии сиёсати асъориро барои таъмин намудани гардиши маблағҳои пулӣ ҳангоми вайрон гаштани баробарии тавозуни пардохт нишон медиҳад.

Танзими давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ ифодаи сиёсати асъории давлат буда [4, с. 288], қисми ҷудонашавандаи фаъолияти иқтисодии он ба шумор меравад ва ба таъминоти асъории рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва нигоҳ доштани вазъи муътадили асъориву молиявии байналмилалӣ равона карда шудааст. Зарурати танзими давлатии муносибатҳои асъорӣ дорои заминаи амиқи иқтисодӣ мебошад, ки аз зарурати ҳифз ва таъмини устувории пули миллӣ бармеояд.

Дар рафти хулосагирӣ намудани банди мазкур бояд қайд намуд, ки такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ раванди зарурӣ ба шумор рафта, бояд барои баланд бардоштани самаранокии амалиёти асъорӣ, таъмин намудани амнияти асъорӣ, инчунин, муқовимат ба маблағгузории терроризм ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада равона карда шавад.

Дар навбати худ дастгирии давлатии равандҳои мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди амалиёти асъорӣ, аз ҷумла дар бонкҳои тиҷоратӣ бояд ба принсипҳои баробарӣ, самаранокӣ ва сиёсати мутавозунӣ, ки манфиатҳои ҳамаи тарафҳоро ба инобат мегирад, асос ёбад [5, с. 149].

**Адабиёт:**

1. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. - №12 (бо назардошти тағйиру иловаҳо).
2. Международные валютные отношения: учебник / коллектив авторов; под общей ред. М.А. Эскиндарова, Е.Ф. Звоновой. – Москва: КНОРУС, 2020. – 539 с.

3. Бердиев Р.Б. Фаолияти бонкӣ: васоити таълимӣ / Р.Б. Бердиев, С.Ш. Каюмов, С.С. Мирзоев. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 444 с.
4. Хикматов У.С. Особенности организации валютных операций коммерческих банков Республики Таджикистан / У.С.Хикматов, С.Сайфуллозода // Вестник ПНИПУ: социально-экономические исследования. - 2020.- № 1. – С.280-290.
5. Хикматов У.С. Теоретические аспекты сущности валютных операций в коммерческих банках Таджикистана / У.С.Хикматов, С.Сайфуллозода // Труд и социальные отношения. - 2019.- Том 30. - № 4. - С.136-149.
6. Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" №195, аз 29.09.2015 с. – [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://nbt.tj/upload/iblock/8c3/ins_211__tj.pdf (санаи дастрасӣ: 02.10.2020с.)
7. Дастурамали №234 "Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ" №153 «в» аз 21.02.2020 с. – [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj (санаи дастрасӣ: 02.10.2020с.)
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор"– [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://nbt.tj/upload/iblock/138/Zakon_valut_regul_taj.pdf (санаи дастрасӣ: 02.10.2020с.)
9. Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 – [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj/files/monetary_policy/pdf/strategiya_2016_2020_tj.pdf (санаи дастрасӣ: 18.03.2020с.)
10. Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо, №58, аз 29.05.2019 с. – [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj/tj/normative/ (санаи дастрасӣ: 02.10.2020с.)

---

**УДК: 330.34.**

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР СОХТОРИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Абдуллоев Сулаймон Исмонович*** *- унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, хонаи 7. E-mail: abdulloev@mail.ru. Телефон 918 72 63 70.*

*Дар мақола рушди танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шароити бозор баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии кишвар дар шароити бозор омили муҳим дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва худтаъминкунӣ ба ҳисоб меравад.*

*Таваҷҷуҳи асосӣ ба танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили рушди агросаноатӣ, дар маҷмӯъ, зоҳир карда мешавад. Ба масъалаҳои дастгирии давлатии тиҷорати кишоварзӣ дар бозор ва ҷанбаҳои ташкилии рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар аҳамияти махсус дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *дастгирии давлатӣ, корхонаҳои хурду миёна, агробизнес, бозор, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, шаклҳои дастгирии давлатӣ, самаранокии иқтисодӣ ва иқтисоди бозоргонӣ.*

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СТРУКТУРЕ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА

***Абдуллоев Сулаймон Исмонович*** *– соискатель кафедры таможенного дела, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, г. Душанбе, 1-й проезд, улица Камоли Худжанди, дом 7. E-mail: abdulloev@mail.ru Телефон: 918726370.*

*В статье рассматриваются вопросы развития государственного регулирования малого и среднего предпринимательства в условиях рынка. Отмечается, что государственное регулирование малого и среднего бизнеса в сфере агропромышленного*

*комплекса в стране в условиях рынка считается важным фактором обеспечения продовольственной безопасности и самодостаточности.*

*Основное внимание уделяется вопросам государственного регулирования малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве как фактор развития агропромышленного комплекса в целом. Особое значение также уделяется вопросам государственной поддержки агробизнеса в условиях рынка и организационным аспектам развития малого и среднего предпринимательства в стране.*

***Ключевые слова**: государственная поддержка, малое и среднее предпринимательства, агробизнес, рынок, продовольственная безопасность, агропромышленный комплекс, формы государственной поддержки, экономическая эффективность, рыночная экономика.*

**GOVERNMENT CONTROL OF SMALL AND MIDDLE ENTERPRISE IS IN STRUCTURE OF AGROINDUSTRIAL COMPLEX**

***Abdulloev Sulaimon Ismonovich** – job seeker of the Department of Customs Affairs of the State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Almaty, st. Dushanbe, 1st passage Kamoli Khujandi Street 7. E-mail: abdulloev@mail.ru Phone 918726370*

*In the article examined questions of development state adjusting of small and middle enterprise in the conditions of market. It is marked that government control of small and midsize businesses in the field of agroindustrial complex in a country in the conditions of market is considered an important factor providing of food safety and all-sufficientness.*

*Basic attention is spared by a question state adjusting of small and middle enterprise in agriculture as a factor of development of agroindustrial complex on the whole. The special value is also given to the questions of state support of agrarian business in the conditions of market and organizational aspects to development of small and middle enterprise in a country.*

***Keywords:** State support, small and middle enterprise, agrarian business, market, food safety, agroindustrial complex, forms of state support,* economic efficiency and market economy.

Яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити кунунӣ ташаккулёбии соҳибкории хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз бизнеси хурду миёна имрӯз дар хоҷагии қишлоқ ба яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ табдил гаштааст.

Қайд кардан муҳим аст, ки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар низоми комплекси агросаноатии кишвар аз он нуқтаи назар зарур аст, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ маҳз давлат ба ҳайси маблағгузор ва кафолати бехатарии субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад. Ба ғайр аз ин, дарк кардан муҳим аст, ки дар аксари давлатҳои тараққикардаи дунё танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли маблағгузорӣ ва қарздиҳии имтиёзнок ба роҳ монда шуда, маҳз аз ҳамин ҳисоб бизнеси хурду миёна қариб 50-60%-и ММД-ро дар онҳо ташкил менамояд. Инчунин, дар давлатҳои тараққикарда чунин намуди соҳибкорӣ асоси табақаи аз ҳама муҳим аз нуқтаи назари сатҳи накуаҳолии кишвар, яъне синфи миёнаро ташкил медиҳад, ки 80%-и аҳолиро муттаҳид месозад ва зиёда аз 60%-и сармоягузорӣ маҳз барои рушди чунин фаъолият равона мегардад.

Имрӯз танзими давлатии соҳибкорӣ дар кишвар мисли дигар давлатҳои собиқ Шӯравӣ дар марҳилаи рушд қарор дошта, Ҳукумати кишвар мунтазам барои рушди ин самти муҳими иқтисодӣ чораандешӣ карда истодааст. Дар баробари ин, мақомоти давлатӣ шумораи зиёди меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳибкориро таҳия кардаанд, ки механизми дастгирии давлатӣ дар онҳо муайян гардидааст.

Баъди пош хӯрдани давлати Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати кишвари мо чун роҳбарони дигар

давлатҳои пасошӯравӣ барои рушди сектори хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими устуворнокии ислоҳоти бозоргонӣ аҳамияти махсусро ҷудо намуданд. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ мавқеи асосӣ ба соҳибкорӣ, махсус ба соҳибкории хурду миёна дода шуд. Дар баробари ин, қайд кардан муҳим аст, ки дар Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки рушди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд мебошад, ки дар умум, аз тарафи Ҳукумати кишвар шартҳои зарурӣ барои тезонидани рушди он таъмин мегардад [12, с.29].

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан муҳим аст, ки дар кишвари мо рушди соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ва гузаронидани ислоҳоти муносибатҳои бозоргонӣ маъмул гашт. Аввалин бор Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» соли 1991 қабул гардид ва барои рушди шакли соҳибкории хурду миёна заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад.

Мувофиқи қонуни мазкур ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ин фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд, ба ҳисоб меравад [1]. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузорӣ амалӣ менамоянд. Таҷриба ва назария нишон медиҳанд, ки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли ҳуқуқӣ, молиявӣ, молумулкӣ ва дигар шаклҳо амалӣ мегардад. Шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.**

**Шаклҳои дастгирӣ ва салоҳияти давлат оид ба дастгирии соҳибкорӣ [1].**

| Шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ | Салоҳияти давлат оид ба дастгирии соҳибкорӣ |
|---|---|
| Бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ | Назорати татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ |
| Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии молу мулк | Тасдиқи барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, қабул ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ |
| Ҳисоботдиҳӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, қарздиҳӣ | Таъсис додани Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ, таъсис додани бизнес-инкубаторҳо, муайян намудани ҳаҷми маблағҳои буҷети давлатӣ барои татбиқи барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ |
| Сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон | Фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорон, ташкилотҳои байналмилалӣ (грантдиҳандагон) оид ба масъалаҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ |
| Мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ | Амалӣ намудани дигар салоҳияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст |

Тавре аз ҷадвал бармеояд, танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар татбиқ намудани сиёсати давлатӣ

оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, қабул ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорон, сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ ва монанди инҳо амалӣ гашта, барои рушди фаъолияти минбаъда тамоми заминаҳоро фароҳам меорад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ аҳамияти назарияи танзими давлатии соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими рушди муносибатҳои тиҷоративу истеҳсолӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар баробари ин, дар шароити ҳозира танзими давлатии соҳибкорӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди соҳаҳои техникӣ ва истеҳсолии ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, гузариши оптималии иқтисодиёти миллӣ аз сафи иқтисодиёти ашёи хом ба иқтисодиёти коркарди давлатҳои тараққикардаи капиталистӣ мусоидат мекунад. Аз рӯи моҳияти хеш танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ қувваҳои сохтори давлатӣ ва соҳибкориро ба механизми ягона бо мақсади таъмини оптималии рушди бозор муттаҳид менамояд [3, с. 28].

Аз ин хотир, қайд кардан зарур аст, ки дар илми иқтисодӣ назарияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои умдатарин маҳсуб меёбад. Рушди соҳибкорӣ дар иқтисодиёт қисман ба танзими давлатии муносибатҳои субъектон алоқамандӣ дорад. Ба ақидаи И.М.Минчакова, танзими соҳибкорӣ ин воситаи ташаккулёбии шароити мусоид барои фаъолияти самараноки сохтори соҳибкорӣ, рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи тараққиёти кишвар мебошад [8, с. 19]. Танзими давлатии соҳибкорӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ташаккулёбии соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи функсияҳои муайян татбиқ мегардад.

Ба ақидаи А.М. Блудова, давлат функсияҳои муайянро дар танзими соҳибкорӣ амалӣ менамояд:

- таъсиси фазои ҳуқуқӣ барои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкорӣ;
- таъмини бехатарии миллӣ ва бехатарии соҳибкорӣ;
- устуворнокии рушд ба воситаи гузаронидани сиёсати иқтисодӣ;
- таъмини ҳимояи иҷтимоӣ ва кумак ба шахсони камбизоат;
- қабули чораҳо барои таъмини рақобатпазирӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- ташкил ва назорати қонунгузорӣ дар соҳаи андозбандӣ [2, с.199].

Имрӯз, аллакай, маълум мегардад, ки маҳз давлат устуворнокии рушд ва таъмини бехатарии соҳибкориву иқтисодиро ба воситаи гузаронидани сиёсати иқтисодӣ таъмин менамояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки танзими давлатии соҳибкорӣ дар шароити буҳронҳои миллӣ аҳамияти калон аз он нуқтаи назар пайдо мекунад, ки нақши танзими марказ фақат давлат иҷро карда метавонад ва фақат давлат он институте мебошад, ки тамоми ҷомеаро дар бар гирифта, ҳуқуқи дахолати иқтисодиёти берунаро дар муносибатҳои иқтисодӣ доро мебошад [9, с. 45].

Дар адабиёт оид ба масоили соҳибкории хурду миёна дастгирии давлатӣ дар бисёр маврид ҳамчун шакли махсуси танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ баромад карда, ба воситаи шаклҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ амалӣ мегардад. Инчунин, дар адабиёт дигар намуди моҳияти дастгирии давлатии соҳибкорӣ дучор меояд. Баъзе муаллифон танзими ҳуқуқии давлатӣ ва низоми дастгирии соҳибкории хурду миёнаро ҷудо менамоянд ва онҳоро чунин тавсиф медиҳанд: Доройӣ мафҳуми мухталиф дошта, танзими ҳуқуқи давлатӣ ва низоми дастгирии соҳибкорӣ омода ва татбиқи чораҳои комплексиро амалӣ намуда, аз рӯи мазмун фарқ мекунанд. Агар дар ҳолати аввал базаи ҳуқуқии соҳибкории хурду миёна

дар назар дошта шавад, дар ҳолати дуюм сухан дар бораи таҳияи барномаҳои минтақавӣ, усул ва самти дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна ва таъсиси шароити мусоид барои фаъолияти онҳо меравад [4, с. 49].

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан муҳим аст, ки барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, ташаккулёбии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ зарур мебошад. Дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ҳамчун соҳаи асосии иқтисодиёти миллӣ қариб 21% ММД-и кишвар истеҳсол карда мешавад. Соҳибкории хурду миёнаи аграрӣ ба ҳайси воситаи муҳими рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ баромад карда, дар беҳбудии шуғл, рушди инфрасохтори минтақа ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолӣ иқтидори калон дорад. Истифодаи самараноки иқтидори захиравии минтақаҳои деҳоти кишвар дар асоси рушди шакли соҳибкории аграрӣ барои афзоиши даромади аҳолии деҳот ва кам намудани талаботи онҳо ба дастгирии иҷтимоии давлат мусоидат мекунад [5, с. 3].

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди соҳибкории хурду миёна дар пеши худ мақсадҳои зиёдро мегузорад. Яке аз чунин мақсадҳои зерин, ки барои ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хос мебошад, ташаккулёбии муҳити рақобатпазирӣ, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузориву корӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна дар КАС, мусоидат ба истеҳсолоти молу маҳсулот, мусоидат ба рушди КИТ дар КАС, афзоиши шумораи субъектони соҳибкории хурду миёна, таъмини шуғли пурмаҳсул, зиёд намудани саҳми соҳибкории хурду миёна дар ташаккулёбии ММД, мукаммалгардонии низоми бонкиву андозӣ ва монанди инҳо маҳсуб меёбад.

Дар адабиёти илмии иқтисодӣ ақидаҳои гуногун оид ба мақсадҳои стратегӣ ва ҳадафҳои сиёсати агросаноатӣ мавҷуд мебошад, ки сатҳи мухталиф ва мафҳуми онҳоро баҳогузорӣ мекунад. Масалан, А.Н. Семин қайд мекунад, ки вазифаи танзими давлатии сектори агросаноатӣ устуворнокӣ ва рушди истеҳсолоти агросаноатӣ ин нигоҳ доштани паритети иқтисодӣ байни хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳо, таъмини воситаҳои гардони корхона, наздик намудани сатҳи даромади корманди соҳаи хоҷагии қишлоқ ба кормандони соҳаи саноат, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ғайра ба шумор меравад [11, с. 59]. Дар тадқиқоти худ, Е.С.Савченко, ки барои таҳияи стратегияи рушди истеҳсолоти маҳсулоти аграрӣ бахшида шудааст, истеҳсолоти маҳсулоти баландсифат ва рақобатпазири хоҷагии қишлоқ, ки сатҳи баланди зиндагии аҳолии деҳотро таъмин мекунад, ба ҳайси мақсади асосӣ пешниҳод кардааст [10, с. 7].

Ба ақидаи мо, танзими давлатии комплекси агросаноатӣ механизме мебошад, ки ба воситаи фишангҳои гуногун барои рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ, ташаккулёбии бозори аграрӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ фазои мусоиди хоҷагидорӣ дар шакли пешниҳоди шароитҳои хуби ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ мусоидат мекунад. Дар шароити кӯҳсор будани мамлакат ва эълон кардани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» соҳибкории хурду миёна бо дастгирии давлат ба яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар мубаддал мегардад.

Ба баҳсу мунозираи чуқури рушди иқтисодӣ нарафта, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки имрӯз соҳибкории хурду миёна, махсусан дар

соҳаи хоҷагии қишлоқ барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони деҳот мусоидаткунанда мебошад. Мавқеи махсусро дар комплекси агросаноатии кишвар, хоҷагидории шакли хурду миёна, махсусан, хоҷагидории фермерӣ ишғол менамоянд. Дар маҷмӯъ, соҳибкории хурду миёна қариб 50 фоизи ММД-ро ташкил менамояд. Бинобар ин, сиёсати аграрӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии кишвар ва танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб рафта, самтҳои муҳими фаъолияти давлатро дар самти сектори аграрӣ ба монанди афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти хушсифат, истеҳсолоти маҳсулоти сабз, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар мебошад, ҳимояи муҳити зист ва умуман, барои баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии кишвар сафарбар мегардад.

Назария ва таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонӣ нишон додаанд, ки соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ аз тарафи давлат имтиёзҳои зиёдро ба даст меорад ва бо шарофати дастгирии давлатӣ дар рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ саҳми арзанда ва бартарияти бузург доранд. Албатта, соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба ғайр аз бартарият боз ба мушкилоти зиёд бинобар сабаби мавҷудияти баъзе норасоиҳо дучор мегардад.

Тавре мо борҳо қайд кардем, бо мавҷудияти омилҳои мисли дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, маблағгузорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва монанди инҳо самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна вуҷуд доранд, ки бевосита ба масъалаи баррасишаванда таъсири манфӣ мерасонанд. Муаммоҳои асосии монеъшавандаи рушди соҳибкорӣ ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Муаммоҳои монеъшаванда ва самтҳои афзалиятноки соҳибкории хурду миёна дар КАС [6]**

| Муаммоҳои асосии монеъшавандаи рушди соҳибкории хурду миёна дар КАС | Самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар КАС |
|---|---|
| Номувофиқии сохторӣ дар рушди корхонаҳои хурду миёна оид ба намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, аксарияти корхонаҳои хурду миёна бо тиҷорат машғул мебошанд | Афзоиши саҳми соҳибкории хурду миёна дар сохтори комплекси агросаноатӣ, такмили базаи ҳуқуқии дастгирии соҳибкории хурду миёна |
| Номукаммал будани базаи ҳуқуқии барномаҳои минтақавию марказии дастгирии соҳибкории хурду миёна, кам будани захираҳои молиявӣ, диспаритети нархи маҳсулоти корхонаҳои хурду миёна ва маҳсулоти саноатӣ, баландшавии нархи энергия | Ташаккулёбии сохтори истеҳсоливу инноватсионии соҳибкории хурду миёнаи комплекси агросаноатӣ, такмили дастгирии низоми молиявию қарзии бизнеси хурду миёнаи комплекси агросаноатӣ |
| Кофӣ набудани дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи инноватсия ва модернизатсияи комплекси агросаноатӣ, хароҷоти калони сертификатсиякунонии истеҳсол ва коркарди маҳсулот | Нигоҳ доштани шумораи кормандони корхонаҳои хурду миёнаи комплекси агросаноатӣ, омодаи кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи соҳибкорӣ |
| Номуътадил будани шарти қарзи бонкӣ барои аксарияти корхонаҳои хурду миёнаи комплекси агросаноатӣ, дефисити мутахассисони баландихтисос дар корхонаҳои хурду миёнаи КАС | Таъсиси инфрасохтор ва мусоидат ба рушди бизнеси хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ |
| Мавҷуд набудани инфрасохтор ва низоми | Содагардонии ҷараёни ташкили |

| | |
|---|---|
| рушдёфтаи дастгирии субъектони бизнеси хурду миёна | барасмиятдарории моликият, корхона, сертификатсия ва гирифтани патент |

Аз ҷадвали 2 маълум мегардад, ки татбиқи самараноки самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ метавонад комплекси агросаноатии кишварро ба қувваи пешбарандаи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ табдил намоянд. Афзоиши саҳми соҳибкории хурду миёна дар сохтори комплекси агросаноатӣ, ташаккулёбии сохтори истеҳсоливу инноватсионии соҳибкорӣ, такмили дастгирии низоми молиявию қарзии бизнеси хурду миёна ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи соҳибкорӣ омилҳои муҳимтарини рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди минбаъдаи хоҷагии халқ нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Яке аз масъалаҳои умдатарини танзими давлатии рушди иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ интихоби оқилонаи маҷмӯи воситаҳои таъсиррасон ба ҷараёни истеҳсолот дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Омӯхтани таҷрибаи давлатҳои дорои рушдёфтаи иқтисодиёти бозоргонӣ нишон медиҳад, ки барои рушди устувори КАС сармоягузории калон лозим меояд. Сармоягузорӣ омили асосии модернизатсияи истеҳсолот, паст кардани зарар, рушди босуботи иқтисодӣ ва беҳтарнамоии сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад [13, с. 39].

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ шарти муҳими ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ ҷалби самараноки сармояи хориҷӣ ба шумор меравад. Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ба воситаи ҷалби дуруст ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ дар самтҳои муҳими афзалиятноки кишвар маҳсуб меёбад. Соҳаи хоҷагии қишлоқ яке аз чунин самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар буда, ба низоми рушдёфтаи сармоягузориву қарзӣ ва танзими самараноки давлатӣ ниёз дорад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва дастрас набудани қарзи бонкӣ ба корхонаҳои хурду миёна ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ барои рушди соҳа ҳамчун сарчашмаи иловагӣ, пеш аз ҳама, барои рушди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоии комплекси агросаноатӣ хизмат менамояд. Аз ин лиҳоз, дар чунин шароит давлат ба ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба воситаи таъмини талаботи самаранок, нархгузорӣ, низоми андозбандӣ, таъсиси фазои мусоиди хоҷагидорӣ, ташаккулёбии бозори суғурта ва монанди инҳо таъсир расонида, соҳаи хоҷагии қишлокро ба яке аз локомотиви соҳаҳои хоҷагии халқ табдил менамояд.

Рушди самараноки корхонаҳои хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ бояд:

- масъалаҳои бехатарии озуқавории кишварро ҳал намояд;
- барои минтақаҳои хоҷагии қишлоқ шароитҳои мусоид фароҳам орад;
- масъалаҳои вобаста ба истифодаи оқилонаи замин ва рушди хоҷагии қишлокро ҳал намояд;
- барои баландбардории самараноки иҷрои вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ мусоидат кунад;
- барои рушди корхонаҳои хурду миёнаи хоҷагии қишлоқ мусоидат кунад;
- истифодаи босифати шароитҳои иқтисодиву табииро бо назардошти ҳувият ва манфиатҳои аҳолии деҳот иҷро намояд;

- барои баланд бардоштани сатҳи шуғл, даромади аҳолӣ ва сифати зиндагии сокинони деҳот мусоидат кунад;

- дар банақшагирии вектори рушди соҳибкории хурду миёна дар комплекси агросаноатӣ шароитҳои муосири фаъолияти корхонаро дар сектори баррасишаванда ба назар гирад [7, с. 32].

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи тадқиқоти мазкур қайд карда метавон гуфт, ки яке аз усулҳои муҳимтарини дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хоҷагии қишлоқ кумаки молиявӣ, бахусус сармоягузории хориҷиву ватанӣ арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, давлат дар шароити бозор ба ҳайси сармоягузори асосӣ баромад карда, боз ба воситаи пешниҳоди имтиёзҳои қарзиву молиявӣ ва андозбандӣ ба рушди агробизнес таъсири манфӣ мерасонад. Инчунин, дар танзими давлатии соҳибкорӣ, ки барои ташаккулёбии соҳибкории хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, нақши муҳим харидани молу таҷҳизот аз тарафи давлат мебошад. Ин барои соҳибкорони хурду миёна имкониятҳоро васеъ гардонида, барои ташаккулёбии бозори аграрӣ, таъмини рақобатпазирӣ ва афзоиши даромад мусоидат мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар як давлат соҳибкории хурду миёна дар рушди низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ саҳми калон доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурду миёна низ самти муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ эътироф гашта, рушди иқтисодиёти миллӣ бе мавҷудияти соҳибкории хурду миёна ва танзими давлатии он имконнопазир мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ, дар асоси моликиятдории шахсӣ, давлатӣ ва дигар шаклҳои моликиятдорӣ тараққӣ ёфта, омили муҳими рушди босуботи деҳот ва накуаҳолии сокинон ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои кушод эълон шуда, барои рушди тиҷорат ва истеҳсолоти содиротивазкунанда шароити мусоид муҳайё шудааст. Дар чунин шароит, яъне дар шароити мавҷудияти гуногуншаклии моликият танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар КАС омили муҳими ташаккулёбии фаъолияти хоҷагидорӣ арзёбӣ мегардад. Дарк кардан муҳим аст, ки бе дастгирии давлатӣ ва танзими оқилонаи соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ таъмини амнияти озуқаворӣ умуман ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, омилҳои муҳими соҳибкории хурду миёнаро дар КАС омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки чораҳои дастгирии давлатӣ дар навбати аввал мавҷудияти қонунгузории мукаммал, имтиёзҳои гумрукиву андозбандӣ, қарзҳои имтиёзнок, сиёсати молиявию маркетингӣ, идоракунии инноватсияҳо, сиёсати кадрӣ ва низоми мусоиди сармоягузории давлативу хориҷӣ барои рушди хоҷагии қишлоқ қувваи ҳаракатдиҳанда ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди инклюзивӣ ва ба даст овардани самараи синергетикӣ саҳми калон доранд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», 26 июли соли 2014, №1107.
2. Брюк Р. Малый бизнес: выход из экстремальных ситуаций / Р. Брюк, Е. Калинкин.- Экономика, 2011. - 399 с.
3. Быков Н.В. Оценка эффективности государственной поддержки малого предпринимательства: диссер.к.э.н. 08.00.05. / Н.В.Быков. - Санкт-Петербург, 2018. – 169 с.
4. Гандилов Т.М. Проблемы развития законодательства о малом и среднем предпринимательстве / Под ред. Т.М. Гандилова, М.А. Супатаева. - М., 2007. - 495 с.

5. Каджкулоев А.Ф. Региональные аспекты повышения эффективности малых и средних форм предпринимательства в АПК региона: автореферат диссер.к.э.н. 08.00.05. / А.Ф. Каджкулоев. - Душанбе, 2018. – 26 с.
6. Кнауер Н.В. Государственное регулирование малого бизнеса АПК региона /Н.В. Кнауер // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2011. - №6 - 26с. (манбаи электронӣ) https://applied-research.ru/ru/article/view?id=1417. (Санаи мурочиат 21.10.2019 с).
7. Козлов М.А. Повышение эффективности государственной поддержки малого и среднего бизнеса в агропромышленном комплексе (на примере Красноярского края): диссер.к.э.н.08.00.05. / М.А. Козлов. – Красноярск, 2016. - 153с.
8. Минчаков И.М. Основные задачи и принципы государственного регулирования предпринимательской деятельности / И.М. Минчаков. // Вестник Тамбовского университета.- Тамбов, 2010. -Вып. 1 (81). - 19-23с.
9. Обатуров А.А. Совершенствование системы государственного регулирования и поддержки малого и среднего предпринимательства в Санкт-Петербурге: диссер.к.э.н. 08.00.05./ А.А.Обатуров. - Санкт-Петербург, 2015. - 148 с.
10. Савченко Е.С. Стратегия развития сельскохозяйственного производства Белгородской области / Е.С. Савченко // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2004. - №5. – С.12-19.
11. Семин А.Н. Изменение состояния социально-трудовой сферы села в конце первого десятилетия XXI века в России. / А.Н. Семин (результаты мониторинга 2008 г.). - 593с.
12. Сохибназаров Г.Х. Обеспечение эффективного развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: диссер. к.э.н. 08.00.01./ Г.Х. Сохибназаров. - Душанбе, 2019. - 152с.
13. Хайтаев Б.Т. Совершенствование государственного регулирования агропромышленного комплекса региона (на примере Чеченской Республики): диссер. к.э.н. 08.00.05. / Б.Т.Хайтаев. - Нальчик, 2016. - 167с.

**УДК: 368.1**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА РУШДИ СОҲАИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Эшбеков Темурҷон Ҳазратович*** *- ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ 63, ҳуҷраи 20. Тел.:904-58-67-00. E-mail: estimur@yandex.ru*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҳлили вазъ ва рушди соҳаи суғуртаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки айни замон тараққӣ карда истодааст, мавриди омӯзиш қарор диҳад. Маълум аст, ки соҳаи суғурта дар тамоми мамлакатҳои рушдёфта яке аз соҳаҳои сердаромадтарин ҳисобида мешавад. Азбаски ширкатҳои суғуртавӣ дар кишвари мо дар сатҳи рушдёфтаистода қарор доранд, чунин ҳолат имконияти ба даст овардани фоида ба ширкатҳои ватании суғуртавиро душвор месозад ва дар чунин вазъият, пеш аз ҳама, боэътимодӣ ва боварии суғурташавандагонро ба даст овардан аз манфиат холӣ нест. Айни замон барои ба даст овардани боварии суғурташаванда шароити мусоид, кафолати ҷуброни ҳодисаи суғуртавӣ, хизматрасонии қулай ва осон, рақобатнокии ширкатҳои суғуртавӣ зарур мебошанд.*

*Асоси молиявии ҳама гуна ширкати суғуртавӣ аз бастани шартномаҳои суғуртавӣ, интихоби сиёсати дурусти иқтисодӣ, рушди сандуқи суғуртавии ҳар ширкати суғуртавӣ вобастагӣ дорад. Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки инфрасохтори бозори суғуртаро рушд дода, вазифаҳои пешниҳоди ҳимояи фаъоли суғуртавӣ коркард карда шаванд. Инфрасохтори бозори суғурта аз алоқамандии суғурташавандагон ва суғуртакунандагон, инчунин, аз талаботу пешниҳод дар бозори суғурта сарчашма мегирад. Огоҳ будан аз хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ имконияти васеи ҷалби суғурташавандагон шуда метавонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сугурта, ширкатҳои ватании сугуртавӣ, ҷуброни сугуртавӣ, сугурташаванда, шартномаҳои сугуртавӣ, самтҳои афзалиятнок, кафолати ҷуброни сугуртавӣ, хизматрасониҳои сугуртавӣ.*

## *АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ И РАЗВИТИЯ СФЕРЫ СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Эшбеков Темурджон Хазратович*** *– ассистент кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. А.Навои, 63, кв.20. Тел.:904-58-67-00. E-mail: estimur@yandex.ru,*

*В данной статье автор рассмотрел, проанализировал состояние и перспективы развития сферы страхования в Республике Таджикистан. По мнению автора, сфера страхования во всех развитых государствах мира считается как одна из наиболее доходных отраслей. В связи с тем, что в данный момент страховые компании в нашей стране на стадии развития, то такое положение дел не даёт возможности достаточного получения прибыли отечественным страховым компаниям, тем самым заставляет страховые компании предпринять неукоснительные меры по привлечению потенциального страхователя. Такие меры, по мнению автора, могут быть связаны, прежде всего, с созданием благоприятных условий для страхователя, гарантии возмещения страховых случаев, а также конкурентоспособностей страховых компаний.*

*Финансовая основа каждой страховой компании состоит из заключений страховых договоров по видам страхований, правильной экономической политики и развитии страхового портфеля. В предложенной статье автор стремится доказать, что развитие инфраструктуры страхового рынка является ключом для привлечения потенциального страховщика. В свою очередь, создание такой инфраструктуры страхового рынка тесно взаимосвязано со страховщиком и страхователем, а также со спросом и предложением на страховом рынке.*

*Осведомленность страховыми услугами в условиях глобализации даст возможность привлечь потенциального потребителя страховых услуг.*

***Ключевые слова:*** *страхование, отечественные страховые компании, страховое возмещение, страхователь, страховые договора, приоритетные задачи, гарантии страхового возмещения, страховые услуги.*

## *THE ANALYZE OF CONDITION DEVELOPMENT OUTLOOK IN THE INSURANCE ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Eshbekov Temurdzhon Hazratovich*** *– assistant of department of the international finance and credit relations the Tajik State University finance and economic. Address: Dushanbe, A.Navoi str, 63 apt 20. phone: 904-58-67-00. E-mail: estimur@yandex.ru,*

*The author of this consider analyze of development outlook in the insurance activity in the Republic of Tajikistan. The insurance activity in the world is very profit craft now. Unfortunally in this moment, insurance companies in Tajikistan very low development level. This situation requirement from insurance companies all effort for the attraction potential assureds we are to try creation although conditions inclusion of fast discharge of commitments, guarantee for duty current insurance, and fair competition between insurance companies. The author thinking also this situation coherence with assureds and insurance companies, guarantee payment for accident from insurance companies and competitors insurance companies.*

*Based on the insurance companies is component for correct finance policy, insurance agreement with assureds, and development of insurance portfolio. That is why we are opinion for the necessary improvement the infrastructure of insurance market and this is key for the attraction potential assureds.*

*The creating this infrastructure of insurance market communicate between with assured and insurance company, also with demand and supply on insurance market, competitive insurance companies. Also the trust between assureds and assurer during agreement for insurance policy. This problem very actually now. Because a trust assured the key for success every insurance company.*

*Information about insurance services, necessary in globalization processes the chance insurance company for attraction potential consumer.*

***Keywords:*** *insurance, national insurance companies, duty current insurance, priority questions, insurer, insurance agreements, guarantee for duty insurance, insurance services.*

Суғурта дар шароити таъсисёбии иқтисоди бозорӣ, беш аз пеш, давлат, ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳаётии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро фаро гирифтааст.

Талафотҳои амволие, ки дар натиҷаи на танҳо ҳолатҳои фавқулода, балки дар садамаҳои хосияти техногенӣ ва вазъиятҳои фавқулода рухдодаро пӯшонида, фаъолияти суғуртавӣ ба коҳишёбии хароҷоти буҷет мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки бозори суғурта унсури муҳими муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Суғурта дар мафҳуми васеъ зарарҳои моддиро ҳангоми ба амал омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ ҷуброн менамояд. Суғурта имкон дорад дар коҳишёбии хавфҳои таваррум, тавассути аз гардиш ба даст овардани воситаҳои зиёди пулӣ кумак расонида, азбаски омили мусбӣ ба ҳисоб меравад, он ташаккулёбии самараноки тавозуни пардохти мамлакатро амалӣ мегардонад.

Дар айни замон дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Тоҷикистон 2 ширкати давлатии суғуртавӣ, 16 ширкати ғайридавлатии суғуртавӣ, 1 ҷамъияти суғуртаи дуҷониба амал менамояд (расми 1.).




***Сарчашма:*** www. nbt.tj.

**Расми 1. Шумораи ширкатҳои суғуртавӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 01.01.2019 с.**

Ҷаҳонишавӣ, ки тамоюли асосии иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ мебошад, соҳаи суғуртаро низ фаро гирифта, он ҳамчун заминаи низоми молиявии ҷаҳонӣ дар рушди бозори умумии суғуртавӣ ҳувайдо мегардад. Дар мисоли мамлакати мо бошад, таъсири худро ба ташаккули суғуртаи ватанӣ, хусусиятҳои такрорнашавандаи таърихии рушд ва таъсисёбии он расониданд. Ҳоло нишондиҳандаҳои асосии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои асосии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 01.01.2019 с.**

| | Номгӯи ташкилотҳо | Дороиҳо | Уҳдадориҳо | Сармояи оинномавӣ(ҳаз.сом) |
|---|---|---|---|---|
| | КВД «Тоҷиксуғурта» | 56 703,8 | 50 142,1 | 5 200,0 |
| | КВДС «Тоҷиксармоягузор» | 33 620,7 | 13 349,3 | 15 675,0 |
| | ҶСДММ «Спитамен-Суғурта» | 93 651,5 | 2 477,4 | 87 742,1 |
| | ҶДММ «ТС «Муин» | 15 075,8 | 10 557,8 | 2 414,06 |
| | ҶДММ «Суғуртаи асри 21» | 13 691,0 | 10 585,0 | 1 216,0 |
| | ҶСП «ТС«Кафил» | 1 528,0 | 479,0 | 1 000,0 |
| | ҶСП «ТС «М-Полис» | 1 095,0 | 24,0 | 1 000,0 |
| | ҶДММ «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» | 128 393,4 | 83 764,1 | 500,0 |
| | ҶДММ «ТС Бима» | 13 438,3 | 12 408,8 | 500,0 |
| 0 | ҶДММ «ТС Лидер Иншуранс» | 2 607,1 | 913,9 | 500,0 |
| 1 | ҶДММ ТС «Эсхата-Суғурта» | 2 389,9 | 977,6 | 500,0 |
| 2 | ҶДММ «ТС Боварӣ» | 2 309,5 | 1 511,6 | 500,0 |
| 3 | ҶДММ «ТС «Меҳнат» | 1 774,4 | 1 011,5 | 500,0 |
| 4 | ҶДММ «ТС Итминон» | 1 743,4 | 579,5 | 500,0 |
| 5 | ҶДММ «Суғуртаи Шарқ» | 1 735,3 | 720,7 | 500,0 |
| 6 | ҶДММ «ТС Сипеҳр» | 508,4 | 20,6 | 500,0 |
| 7 | ҶДММ «Суғуртаи Тоҷик ва Чин» | 287,6 | 275,0 | 500,0 |
| 8 | ҶСП «ТС Лондон-Душанбе» | 153,0 | 0,0 | 500,0 |
| 9 | ҶДММ «Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила» | 1 248,8 | 1 165,6 | 15,6 |
| **Ҳамагӣ** | | **371 954,9** | **190 963,5** | **119 762,76** |

***Сарчашма***: www. nbt.tj.

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки уҳдадориҳои ширкатҳои суғуртавӣ 190 963,5 сомониро бо маблағи 371 954,9 сомонӣ дороиҳо ва 119 762,8 сомонӣ сармояи оинномавӣ ташкил доданд, яъне дороиҳои ширкати суғуртавӣ кофӣ мебошанд, то ки онҳо уҳдадориҳои худро дар назди суғурташавандагон иҷро намоянд (Расми 2).




***Сарчашма***: www. nbt.tj.

**Расми 2. Дороиҳо, ухдадориҳо ва сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳолати 01.01.2019с.**

Аз замони ноил гардидан ба соҳибистиқлолӣ, суғурта дар мамлакати мо ба таври мунтазам рушд намуда истодааст. Дар бозори суғурта ширкатҳои нави суғуртавӣ пайдо гардиданд, ҳоло он ки объектҳои суғуртавӣ барои рушди суғурта кофӣ буда, ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ аз мамлакатҳои ҳамсоя нисбатан паст мебошад. Айни замон институти суғурта аз нуқтаи назари мусбӣ арзёбӣ гардида, майли суғурташавандагон ба маҳсулоти нав афзуда, шумораи маҳсулоти суғуртавӣ дар бозори суғурта афзоиш ёфта, вале фарҳанги суғуртакунӣ дар байни аҳолӣ тамоюли рушдро талаб менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016, таҳти №1349, пешбинӣ гардидааст, ки дар асоси литсензия, танҳо суғуртакунандагони шахсони ҳуқуқие, ки аз ҷониби Сарраёсати назорати суғуртавии назди Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст, амал карда метавонанд [1]. Дар бозори суғурта заминаи қонунӣ ва танзими ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ қонуни мазкур гузошт, ки ба рушди бозори суғурта мусоидат менамояд. Вале айни замон дар мамлакати мо суғуртаи масъулият, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи сохтмон, суғурта аз ҳолатҳои фавқулода, суғуртаи хонандагон он қадар ба таври кофӣ паҳн нагардидааст. Мо чунин андеша дорем, ки дарояндаи наздик намудҳои дарозмуддати суғуртаи ҳаёт рушд ёфта, мавқеи шоистаро дар бозори суғурта ишғол хоҳанд кард. Вале зарур аст қайд намоем, ки беш аз 70% сокинони мамлакати мо аз хизматрасонии суғуртаи ихтиёрӣ истифода намекунанд. Мо чунин мешуморем, ки ин бо гаронии маҳсулоти суғуртавӣ, нобоварӣ ба самаранокӣ ва зарурати суғуртакунӣ ва инчунин, бо маълумоти нокифоя, пешниҳодҳои муфид ва вуҷуд надоштани майл ба суғуртакунӣ алоқаманд мебошад (расми 3).

Маълумотҳои бадастовардашуда чунин шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми бозори суғурта нисбат ба ММД-и мамлакат на он қадар калон мебошад, агар ин нишондиҳанда дар соли 2016 ҳамагӣ 0,23%, вале дар соли 2017 -

0,39% ташкил дода бошад, он гоҳ дар соли 2018 ҳамагӣ 0,34% нисбат ба ММД-и мамлакат ташкил дод, ки нишондиҳандаи хеле паст дар муқоиса бо дигар мамлакатҳо ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.**

**Ҳиссаи бозори суғурта дар ММД –и Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо 2016 | 2017 | 2018 | 2018/2016 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Мукофоти умумии суғуртавӣ (млн.сом.) | 123961,2 | 235844,7 | 234202,6 | 188,9 |
| ММД (млрд.сом) | 54479,1 | 61197,6 | 68844,0 | 126,4 |
| бо % нисбат ба ММД | 0,23 | 0,39 | 0,34 | 147,8 |

*Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст:* www. nbt.tj.

Дар мамлакатҳои тараққикарда ҳиссаи бозори суғурта нисбат ба ММД-и мамлакат то 10% ташкил медиҳад. Ба андешаи мо, рушди бозори суғурта дар мамлакати мо роҳҳои ҳалли худро тақозо намуда, дар баробари ин, якчанд масоили калидиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

1. Нобоварии суғурташавандагон ба ширкатҳои суғуртавӣ, ки дар натиҷаи он бозори суғурта муфид нагардида, ҷолибияти сармоягузории худро аз даст медиҳад;
2. Мавҷуд набудани танзими ҷиддии соҳа аз ҷониби Сарраёсат оид ба назорати суғурта дар назди БМТ, мавҷуд набудани олатҳои сармоягузорӣ;
3. Ҷорӣ намудани намудҳои зиёди суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ҳокимияти қонунгузорӣ;
4. Мавҷуд набудани фарҳанги суғурта дар аҳолӣ;
5. Даромади пасти аҳолӣ;
6. Рушди сусти суғуртаи дарозмуддати ҳаёт;
7. Мавҷуд набудан ва номувофиқии инфрасохтор дар бозори суғуртавӣ.

Зарур аст то аз таҷрибаи ширкатҳои дигар мамлакатҳо, ки дар он ҷо бозори суғурта нисбатан тараққӣ ёфтааст, пешниҳодҳои нисбатан самаранокро дар муҳлати кӯтоҳ қабул намуда, ин мушкилотро ҳал намоем. Ба рушд ва инкишофи мукаммали фаъолияти суғурта дар кишварамон, дастгирӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Бояд тазаккур дод, ки ба рушди соҳаи суғурта бонкҳо низ метавонанд мусоидат намоянд, ин пеш аз ҳама, вобастагӣ дорад ба ҷалби муштариёни худ ба суғуртакунӣ аз ҳолатҳои фавқулода, бемориҳо, инчунин, суғуртаи амволи ба гаравгузошташуда. Самти нави саноатикунонӣ ва иқтисодиёти бозории тараққиёбанда, ки кишвари мо онро пайравӣ мекунад, дар миёни ҳамаи субъектҳои иқтисодии мамлакат нуфузи баланди суғуртакуниро тақозо намуда, ба дастгирии ин нуфуз аз ҷониби ҷомеа ва ба такмилёбии базаи қонунгузории бозори суғурта аз ҷониби давлат умед мебандем. Моро зарур аст, ки ба намудҳои камсамари суғуртакунӣ беҳбудӣ бахшида, маҳсулоти нави суғуртавиро истеҳсол намуда, ба бозори суғурта имкониятҳои васеъро фароҳам орем, ки дорои талаботи баланд аз рӯи маҳсулоти суғуртавӣ, ҳам аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳам аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ мегарданд. Ҳангоми ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки механизми суғуртакунӣ истифода карда шавад ва ин ба ҳавасмандгардонии ҳам суғурташавандагон, ҳам ба ширкати суғуртавӣ меорад. Механизми нисбатан ратсионалии иқтисодӣ ва оқилонаи ҳимояи манфиатҳои моликони амвол нисбат ба суғурта таҷрибаи ҷаҳонӣ то кунун коркард нашудааст.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии бозори суғурта пардохти миёнаи суғуртавӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Дар бозори суғурта ин нишондиҳанда дар соли 2005 - 3,65 сомонӣ ва нишондиҳандаи аз ҳама калон дар соли 2017 ба назар мерасад, ки 26,89 сомониро ташкил дода, дар алоқамандӣ бо коҳишёбии мукофоти суғуртавӣ ин нишондиҳанда дар соли 2018 то 26,12 сомонӣ коҳиш ёфт. Ин нишондиҳанда дар мувофиқа бо рушди муносибатҳои бозорӣ, коҳишёбии ҳиссаи сохторҳои давлатӣ, талабот ба суғурта афзоиш ёфта, васеъгардии тиҷорати хурду миёна ба рушди суғурта таккон бахшида, он гоҳ дар соҳаи муносибатҳои суғуртавӣ объектҳо ва субъектҳои нав ҷалб хоҳанд гардид. Барои ин зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии фаъолияти суғуртавӣ мукаммал карда шаванд.

**Ҷадвали 3.**

**Пардохти миёнаи суғуртавӣ ба сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2018/ 2005 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2005 | 2010 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| Мукофоти умумии суғуртавӣ (млн.сом.) | 24578,8 | 107557,1 | 123961,2 | 235844,7 | 234202,6 | 952,9 |
| Аҳолӣ (ҳаз.наф) | 6736,1 | 7498,3 | 8576,9 | 8769,2 | 8965,8 | 133,1 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ (сом) | 3,65 | 14,34 | 14,45 | 26,89 | 26,12 | 715,6 |

***Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст:*** www. nbt.tj.

Ба андешаи мо, дар доираи таҳлили анҷомдодашуда зарур аст, то чорабиниҳои зеринро дар амал татбиқ намоем:

- ҷоннок гардонидани фаъолияти оммавӣ - фаҳмондадиҳӣ дар миёни аҳолӣ, то ки суғурташавандагон ба институти суғуртакунӣ, ҳамчун олати нигоҳдории сармояи худӣ, ки дар худ кафолати баргардонии воситаҳои пулиро дорад, боварӣ ҳосил намоянд;
- ширкатҳои суғуртавӣ бояд маҳсулоти наверо коркард намоянд, то ки дар шароити иқтисоди бозорӣ зарур мебошанд, ба мисли суғуртаи амволи ба гаравгузошташуда, суғуртаи хавфи қарзӣ рӯйпушнагардида.

Дар алоқамандӣ бо ин, метавон боварӣ ҳосил намуд, ки бозори суғурта дар солҳои наздик динамикаи рушди мусбиро нишон дода, дар навбати худ қутби минбаъдаи рушдро муайян месозад. Ба ғайр аз ин, рушди инфрасохтор ва ҷоннокгардонии нақши иттиҳодияи суғуртакунандагони бозори суғурта ба худтанзимнамоии самараноки рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар мамлакати мо мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, базаи маъмурӣ-ҳуқуқиро тағйир дода, инчунин, фаъолона дар низоми танзими ҳуқуқии кулли фаъолияти суғуртавӣ иштирок намуда, ҳокимияти давлатӣ ба рушди бозори суғурта дар мамлакати мо диққати калон медиҳад. Бозори суғурта барои такмил ва рушди минбаъда, новобаста аз мушкилиҳои мубрам, ояндаи дурахшон дорад.

Айни замон соҳаи суғурта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт эътироф гардидааст, ки ин бо ҷорисозии як қатор намудҳои ҳатмии суғурта муқаррар гардида, суръати рушди муътадили нишондиҳандаҳои асосиро нишон медиҳад, ки исботи он таҳлили вазъи муосири бозори суғуртавӣ ба ҳисоб меравад.

Вале бояд қайд намуд, ки дар бозори суғурта захираҳои зиёди истифоданашуда вуҷуд доранд, чунки фарогирии суғурта ҳамагӣ 8-10%-ро ташкил дода, неруи назарраси татбиқнагардида аз рӯи суғуртаи ҳаёт вуҷуд дорад, ки дар мамлакатҳои тараққикарда ин нишондиҳанда беш аз 80%-ро ташкил медиҳад.

Ба ғайр аз ин, ба андешаи мо, зарур аст, ки инфрасохтори бозори суғуртаро рушд дода, вазифаҳои пешниҳоди ҳимояи фаъоли суғуртавиро ба корхонаҳои комплекси саноатӣ ва ҳавасмандсозии онҳоро ҳаллу фасл намоем.

Муаммои дигар дар ин ҷо вазъи мушкили макроиқтисодӣ, вазъи молиявии қонеънагардида ва сатҳи пасти бо сармоя таъмин будани суғуртакунандагон, инчунин, пардохтпазирии пасти аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Нархҳои баланди маҳсулоти суғуртавӣ, вуҷуд надоштани низоми шаффофи ҷуброни суғуртавӣ ба садди роҳи рушди бозори суғурта оварда мерасонад. Бояд таъкид намуд, ки дар давраи муосир вазифаҳои мубрам инҳо ба шумор мераванд: мустаҳкамгардонии устувории вазъи молиявии суғуртакунандагон, истифодаи усулҳои нави фурӯши маҳсулоти суғуртавӣ, ки бо сатҳи татбиқи танзими суғуртавӣ муайян хоҳанд гардид. Ба ғайр аз ин, фарҳанги баланди суғуртавӣ, динамикаи муътадили рушди иқтисодиёти мамлакат, баландбардории сатҳи даромади аҳолӣ ба рушди бозори суғурта ва иқтисодиёт, дар умум, мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016, таҳти № 1349
2. Фармони Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 августи 2005с. № 100 н. Оид ба тасдиқи қоидаҳои ҷойгиркунии воситаҳои захираҳои суғуртакунандагон.
3. Косенко М.В. Использование корреляционного анализа при формировании/ изменении фондовой части инвестиционного портфеля страховых компаний, занимающихся страхованием иным, чем страхование жизни/ М.В. Косенко // Страховое дело.-2011. - № 8.- С. 21 – 28.
4. Котлобовский И.Б., Стресс-тестирование в страховании / И.Б. Котлобовский, Е.А. Яранцева// Финансы. - 2011. - № 12. - С. 46 – 50.
5. Котлобовский И.Б. Рисковый подход к оценке платежеспособности страховой компании / И.Б. Котлобовский// Финансы. - 2007. - № 6. - С. 39 – 43.
6. Кругляк В. Роль страховых активов в инвестиционном процессе / В.Кругляк//Страховое ревю. - 2003. – № 5. – С. 12-19.
7. Тимофеева Т.В. Вопросы статистической оценки инвестиционного потенциала страховых компаний / Т.В. Тимофеева, Е.В. Мазанова // Экономический анализ: теория и практика.- 2007. – №2. – С. 45-52.



**УДК: 336.143**


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ КАСРИ БУҶЕТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


***Сафаров Хуррам*** *– унвонҷӯи кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ,17. Тел.: (+992) 985722286. E-mail: khurram88@mail.ru*



*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва методии идоракунии касри буҷет дар шароити муосир таҳқиқ карда шудаанд. Бо дарназардошти аҳамияти методии рӯпӯшкунии касри буҷет муаллифи мақола проблемаҳои касри буҷети давлатиро бевосита бо идоракунии қарзи давлатӣ алоқаманд менамояд. Дар мақола аз ҷониби муаллиф хулосабарорӣ карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии касри буҷет яке*

*масъалаҳои калидии раванди буҷетӣ мебошад, зеро динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаи таносуби касри буҷет нисбат ба ММД хеле ноустувор мебошад. Андешаҳои намояндагони кейнсгароӣ нисбат ба категорияи касри буҷет ва татбиқи он ба сифати сарчашмаи имконоти танзими давлатии иқтисодиёт баррасӣ карда шудааст. Аз ҷониби муаллифи мақола сабабҳои асосии пайдоиши касри буҷет ва тарзҳои маблағгузории онҳо муайян карда шудаанд. Ғайр аз ин, аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии тарз ва роҳҳои маблағгузории касри буҷет дар шароити муосир таҳлил карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *буҷет, буҷети давлатӣ, каср, касри буҷет, даромадҳои буҷет, хароҷоти буҷет, маблағгузорӣ, қарз, қарзи давлатӣ, қарзи берунӣ қарзи дохилӣ, андозҳо, интишори пул.*

## *ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ БЮДЖЕТНЫМ ДЕФИЦИТОМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ*

***Сафаров Хуррам*** *- соискатель кафедры финансового менеджмента Таджикского национального университета. Адрес:734025, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: (+992) 985722286. E-mail: khurram88@mail.ru*

*В данной статье исследованы теоретические и методические аспекты управления бюджетным дефицитом в современных условиях. С учетом важности методологического значения методов покрытия бюджетного дефицита, автор статьи проблемы дефицита государственного бюджета неразрывно связывает с управлением государственным долгом. В статье автором сделан вывод о том, что в Республике Таджикистан управление бюджетным дефицитом является одной из ключевых задач бюджетного процесса, поскольку динамика изменения показателя отношения дефицита бюджета к объему ВВП очень нестабильна.*

*Рассмотрены взгляды представителей кейнсианства относительно категории бюджетного дефицита и его применения в качестве источника возможностей государственного регулирования экономики. Автором статьи выявлены основные причины возникновения бюджетных дефицитов и способы их финансирования. Кроме того, автором статьи проанализированы положительные и отрицательные аспекты способов и путей финансирования бюджетного дефицита в современных условиях.*

***Ключевые слова***: *бюджет, государственный бюджет, дефицит, бюджетный дефицит, доходы бюджета, расходы бюджета, финансирование, долг, государственный долг, внешний долг, внутренний долг, налоги, денежная эмиссия.*

## *THEORETICAL AND METHODICAL ASPECTS OF BUDGET DEFICIENCY MANAGING IN MODERN CONDITIONS*

***Safarov Khurram*** *– postgraduate of the department of Financial Management, Tajik National University Adress 734025, Dushanbe city, Rudaki street17. Phone.: (+992) 985722286 (mob) E-mail: khurram88@mail.ru*

*There is in the article explored the theoretical and methodological aspects of managing budget deficits in modern conditions. Taking into accountthe importance of the methodological significance of methods of covering the budget deficit, the author of the article the problem of the state budget deficit is inextricably linked with the management of public debt.There is in the article, the author concluded that in the Republic of Tajikistan the management of the budget deficit is one of the key tasks of the budget process, as far as the dynamics of the change in the ratio of the budget deficit to the volume of GDP is very unstableThere are considered the views of representatives of Keynesianism regarding the category of budget deficit and its application as a source of state regulation of the economyThe author of the article identified the main causes of budget deficits and the ways of financing them. In addition, the author of the article analyzes the positive and negative aspects of ways and means of financing the budget deficit in modern conditions*

***Keywords***: *budget, state budget, deficit, budget deficit, budget revenues, budget expenditures, financing, debt, public debt, external debt, domestic debt, taxes, money emission.*

Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ буҷети давлатӣ ба сифати воситаи асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва

буҷетӣ-андозӣ баромад намуда, дар аксар мамолики хоҷагии ҷаҳонӣ солҳои охир тахти таъсири омилҳои мухталиф бо каср рӯ ба рӯ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи нокифояи назариявӣ ва консептуалии касри буҷет на танҳо як муддати тӯлонӣ ба эътироф нашудани он, балки ба таҳияи модел ва роҳҳои идоракунии он, таҳқиқи тавсифоти миқдориву сифатии зуҳуроти мазкур боис гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир сабабҳои асосии касри буҷет дар иқтисодиёти мамлакатҳо зуҳуроти бухронӣ, равандҳои инфлятсионӣ, афзоиши қарзи давлатӣ, маҳдудшавии базаи андозбандӣ ва ғайра буда метавонанд. Аз ҷониби дигар, касри буҷет оқибати манфии сиёсати иқтисодие мебошад, ки ба маҳдудсозии базаи андозбандӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозии ғайриоқилона, тавсеаи дахолати давлат ба иқтисодиёт ва афзоиши хароҷоти давлатӣ равона гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳаҷми касри буҷети давлатӣ яке аз вазифаҳои асосии раванди буҷетӣ мебошад, зеро динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаи мутаносибияти касри буҷет ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ чандон устувор нест. Бинобар ин, баҳри иҷрои вазифаҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти мамлакат дар шароити ҷой доштани касри буҷет ва қарзи давлатии берунӣ, ташаккули сохтори мувозини буҷети давлатӣ муҳимияти махсусро касб менамояд.

Тавре аз таҳлили адабиёти иқтисодӣ бармеояд, усулҳои рӯпӯшкунии касри буҷет аҳамияти махсуси методологиро касб менамоянд. Дар аксар мамолики хоҷагии ҷаҳонӣ касри буҷетро бо роҳи ҷалби маблағҳо аз дохил ва хориҷи кишвар рӯпӯш менамоянд. Аз ин лиҳоз, проблемаҳои касри буҷет бевосита бо идоракунии қарзи давлатӣ алоқаманд мебошанд. Ташаккули низоми самарабахши касри буҷет ва қарзи давлатӣ дар он шароите имконпазир аст, ки агар тамоми омилҳои ба баландбардории пардохтпазирии мамлакат таъсиркунанда ба инобат гирифта шаванд. Дар ҳолати ба инобат нагирифтани омилҳои мазкур афзоиши қарзи давлатӣ ба амнияти иқтисодии мамлакат таҳдид менамояд.

Ҳамин тавр, мавҷудияти чунин проблемаҳо дар самти идоракунии касри буҷет ва қарзи давлатӣ мубрамият ва муҳимияти мавзӯи мақолаи мазкурро муайян намуд.

Тавре А. Г. Грязнова. қайд менамояд, яке аз механизмҳои муҳиме, ки ба давлат барои амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имкон фароҳам месозад, механизми молиявӣ, яъне звенои асосии он буҷети давлатӣ мебошад [2, с. 186].

Давлат маҳз тавассути низоми молиявии худ фонди воситаҳои пулиро ба вуҷуд оварда, ба ташаккули фонди воситаҳои пулии ғайримарказонидашуда таъсир мерасонад. Дар баробари ин, ба ин васила иҷроиши функсияҳои ба зиммаи мақомоти давлатӣ вогузоршударо таъмин менамояд. Аммо аксар маврид низоми мазкур бо мушкилоте, ки дар шакли қарзи буҷетӣ ё касри буҷет ифода меёбанд, рӯ ба рӯ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки ду даҳсолаи охир бо тағйироти назаррас дар иқтисодиёти ҷаҳон тавсиф мегардад, ки дар амиқгардии тақсимоти байналмилалии меҳнат, густариши ҳамгироии мамлакатҳо, шиддатпазирии равобити тиҷоратӣ миёни мамлакатҳо ва минтақаҳои алоҳида, пайдоиши гурӯҳҳои ҳамгироӣ ва дар ниҳоят афзоиши миқёси ҳаракати сармоя ифода меёбанд.

Дар робита ба тағйироти мазкур ва афзоиши касри буҷети давлатии мамолики алоҳидаи хоҷагии ҷаҳонӣ, яке аз зуҳуроти манфии ин давра, ки хоси иқтисоди бозорӣ мебошад ва солҳои 80-уми асри XX микёси умумиҷаҳониро касб намуд, қарзи давлатии берунӣ аст. Дар ниҳоят зуҳуроти мазкур давлатҳои алоҳидаро ба бухронҳои қарзӣ оварда расонид.

Пас аз пошхӯрии собиқ давлати ИҶСШ ва пеш гирифтани сиёсати “дарҳои кушода”, озодкунии бозорҳо ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба густариши дараҷаи ҳамгироии мамлакатҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат менамоянд, мушкилоти касри буҷет ва дар натиҷа афзудани қарзи давлатӣ барои аксар мамолики пасошӯравӣ, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мубрам ва рӯзмарра гардид.

Аксар ҳолатҳо, далеле мавриди эътирофи омма аст, ки сабаби асосии қарзгирии мамолики рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёти интиқолӣ аз дигар давлатҳо ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ зарурати маблағгузории такрористеҳсоли васеъ мебошад, яъне чунин тарзи инкишофи хоҷагидорие, ки барои гузариш ба муносибатҳои пешрафтаи бозорӣ ва иштирок дар муносибатҳои молиявӣ ва асъорӣ-қарзӣ дар шароити баробар бо мамолики пешрафтаи саноатӣ имкон фароҳам месозад.

Ғайр аз ин, аксар мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳам пешрафта ва ҳам ва рӯ ба инкишоф хароҷоти хешро бо даромад рӯпӯш карда наметавонанд, ки ба касри буҷет оварда мерасонад. Бинобар ин, дар чунин ҳолат масъалаи ҳаҷми инконпазири касри буҷет, таъсири он ба иқтисодиёт дар давраҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин, тарзҳои маблағгузории он хеле муҳим мебошад.

Касри буҷет барзиёдии хароҷот нисбат ба даромадҳои буҷет буда, чунин зуҳуроти молиявие мебошад, ки бо он дар ин ё он давраи таърихӣ тамоми давлатҳои ҷаҳон ба таври ногузир рӯ ба рӯ гардидаанд.

Дар заминаи омӯзиши адабиёти мухталифи иқтисодӣ хулоса карда шуд, ки пайдоиши касри буҷет бо сабабҳои мухталиф алоқаманд мебошад, ки муҳимтарини онҳо дар расми 1 оварда шудаанд.




**Расми 1. Сабабҳо ва омилҳои асосии пайдоиши касри буҷет**

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

| 1830 | Ж.Б. Сей | Фаъолияти соҳибкорӣ - якҷояшавии се омили анъанавии истеҳсолӣ: замин, сармоя ва меҳнат. Дар назарияи Сей соҳибкор ҳамчун роҳбар, идоракунандаи омилҳои истеҳсолот баромад мекард ва истеҳсоли маҳсулотро барои манфиати хеш дар эҳтимолияти хавф ба роҳ мемонд. |

| | | |
|---|---|---|
| 1848 | Дж.С. Миль | Функсияҳои асосии соҳибкор - идоракунӣ, назорат ва қабули ҷавобгарии хавф. |
| 1890 | А. Маршалл | На ҳар кас соҳибкор шуда метавонад. Интихоби табиии соҳибкорон дар ҷомеа мувофиқи қонуни Ч.Дарвин. Функсияи асосӣ дар ташкили истеҳсолот сурат мегирад. |
| 1910 | М. Вебер | Фаъолияти соҳибкорӣ ин таҷассуми ратсионалӣ (дар зери мафҳуми ратсионалӣ фаъолияти самараноки соҳибкорӣ ва дар заминаи он ба даст овардани фоида аз ҳисоби маблағгузорӣ ва ғ). |
| 1921 | Ф. Найт | Соҳибкор - шахсе, ки дар ҳолати номуайянӣ дурандеш буда, ҳодисаҳои рушди минбаъдаи истеҳсолот ва мубодиларо дарк мекунад ва самараи тиҷоратиро ба даст меорад. Менеҷер дар ҳамон ҳолат соҳибкор мешавад, ки фаъолияти мустақилона дорад ва барои ҷавобгарии шахсӣ омода мебошад. |
| 1934 | И. Шумпетер | Дар соҳибкорӣ фаъолияти инноватсионӣ муҳим мебошад, вале ҳуқуқи моликияти корхона нишонаи он шуда наметавонад. Соҳибкор - эҷодкор мебошад, ки технологияи навро таҳия мекунад. |
| 1936 | Дж. М. Кейнс | Хислати асосии соҳибкор дар таносуб нигоҳ доштани истеъмолот ва амонат, доштани лаёқати пешгирии хавф, фаъол будан, боварӣ барои имкониятҳои минбаъда ва монанди инҳо. Сабаби асосии фаъолияти соҳибкорӣ кушиш барои беҳтар шудан, барои мустақилият ва хоҳиши мондани мерос мебошад. |
| 1961 | Д. Маккеланд | Соҳибкор ин шахси боғайрат мебошад, ки дар шароити мавҷудияти таваккалӣ муътадил фаъолият мекунад. |
| 1964 | П. Друкер | Соҳибкор ин шахсе, ки имкониятҳои навро бо фоидаи максималӣ истифода мебарад. |
| 1974 | Ф. Хайэк | Моҳияти соҳибкорӣ ин омӯзиш ва азхудкунии имкониятҳои нави иқтисодӣ, на тавсифи намуди фаъолият, балки тавсифи рафтор мебошад. |

Чӣ тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, моҳияти соҳибкорӣ дар ҷараёни рушди марҳилаҳои гуногун тағйир ёфта, аз нуқтаи назари олимон низ ақидаҳои гуногун оид ба ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи он пешкаш шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки пайравони иқтисодиёти сиёсии классикӣ соҳибкориро ба қатори се омили истеҳсолот ворид намекунанд, вале неоклассикҳо бошанд онро омили чоруми истеҳсолот эътироф мекунанд. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки нақши соҳибкориро олими машҳури иқтисоддон И.Шумпетер баланд бардошта, онро ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии ҷомеа арзёбӣ кард.

Тадқиқотҳои мо нишон медиҳад, ки дар тадқиқоти илмии фаъолияти соҳибкорӣ саҳми калонро иқтисодчиёни зиёд аз қабили Р.Кантильон, К.А.Смит, Бодо, Ж.Б.Сэй, Д.Рикардо, Ф.Хайек, Й.Шумпетер, Л.Мизес, В.Зомбарт И.Кирцнер, ва дигарҳо гузоштаанд.

Дар рушди назарияи соҳибкорӣ саҳми олимони кишвар, аз он ҷумла, С.Д.Комилов, Н.Х.Забиров ва Т.Д.Низомова назаррас мебошад. Ҳамзамон, онҳо қайд мекунанд, ки соҳибкорӣ ин ташкили фаъолияти иқтисодии шахсӣ, ки барои ба даст овардани фоида равона гардида, ҳамчун ҷараёни серҳаракат лаёқати соҳибкориро нишон медиҳад, ки онро яке аз захираҳои инсонӣ, ки ба рушди иқтисодиёт, фаъол будани инноватсия ва сармоягузорӣ таъсир мерасонад, муайян кардан мумкин мебошад [8, с.5].

Аз нуқтаи назари Т.Д.Низомова «Соҳибкор шахсе шуда метавонад, ки маданияти баланд, зеҳни аъло ва иродаи бемисл дошта бошад.Қисме аз ин сифатҳо истеъдоди фитрӣ, ё ин ки дар хурдсолӣ ташаккул меёбанд, вале маданияти соҳибкориро дар ҷараёни тайёрии мувофиқ ба даст овардан мумкин аст». [11, с.10].

Шиносоӣ бо адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба устувории ҳаёти хоҷагидорӣ ва рушди муносибатҳои бозаргонӣ моҳияти соҳибкорӣ дар асри XX нуқтаи назари нав ташаккул ёфт. Фаъолияти соҳибкорӣ нақши сармояи инсониро дар ҷараёни истеҳсолот баланд карда, дар ҷустуҷӯи ғояҳои нав ва дастовардҳои илмӣ кушиш намуд.Асосгузори ин нуқтаи назар, чӣ тавре ки мо дар боло гуфтем, И.Шумпетер буд ва маҳз ин олим ва пайравони мактаби неоклассикӣ фаъолияти соҳибкориро омили муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ номиданд.

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан зарур аст, ки дар ташаккулёбии назарияи соҳибкорӣ саҳми намояндагони мактаби иқтисодии неоавстралӣ, ки намояндагонашон Ф. Хайек ва Л.Мизес буданд, бузург аст. Мувофиқи ақидаҳои намояндагони мактаби мазкур соҳибкорӣ ҳамчун танзимкунандаи низоми иқтисодӣ баррасӣ мегардад. Л.Мизес муайян кард, ки монеаи асосии рушди иқтисодӣ ва тараққиёт мавҷуд намудани номуайянӣ мебошад. Ин нуқтаи назарро баъдан олими амрикоии мактаби неоавстралӣ И. Кирнтсер ташаккул дод. Вай таъкид кард, ки соҳибкор омили низоми иқтисодӣ мебошад, ки иқтисодиётро дар шароити ҳолати ноустуворӣ ба мувозинат меорад.Инчунин бар хилофи ақидаи И.Шумпетер, ки соҳибкорро субъекти фаъоли ҷараёни инноватсионӣ эълон кард, И.Кирнтсер соҳибкорро ҳамчун катализатори фаъолияти инноватсионӣ маънидод мекунад [4, с.13].

Дар умум қайд карда мешавад, ки баҳсу мунозира дар масъалаи мақсади фаъолияти соҳибкорӣ давом дорад. Олим А.В.Бусигин бар он ақида мебошад, ки мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ - пешниҳод ва истеҳсоли ҳамон молест, ки талабот ба он зиёд буда, натиҷаи фурӯши он фоида меорад [5, с.51].

Чунин фарзия дар корҳои дигар олимони иқтисоддон рад карда мешавад. Ба ақидаи А.А.Галагана мақсади фаъолияти соҳибкорӣ – ба даст овардани натиҷа ба ҳисоб рафта ба ҷараёни бетанаффуси такрористеҳсол алоқа дорад ва аз ҳисоби истифодаи инноватсия барои қонеъ гардонидани талаботи зиёдшаванда арзёбӣ мегардад. Ба даст овардани фоида шарти зарур барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор рафта, ҳамчун мақсади асосӣ муайян намешавад.

Дар тадқиқоти муосир соҳибкорӣ ба ҳайси омили алоҳидаи истеҳсолот ва ё функсия дар модели иқтисодӣ-математикӣ баррасӣ мегардад. Мулоҳиза оид ба он, ки соҳибкорӣ омили истеҳсолот буда, нарх надорад, аз тарафи Т.Шултс дар зери танқид қарор гирифта, вай соҳибкориро омили махсуси истеҳсолот номид. Дар фарқият аз ақидаҳои И.Киртснер, нуқтаи назари Шултс хусусияти манфии бозорро ба даст овард. Вай мавҷудияти талаботро, ки нобаробарии ҳолати иқтисодӣ ва пешниҳод, ки маҷмӯи хусусиятҳои хоси инсон мебошанд, ҳисоб мекард [7, с.24].

Агар дар солҳои қаблӣ зери мафҳуми соҳибкорӣ ва соҳибкор мафҳумҳои маҳдуд истифода мешуд, дар замони муосир бошад, соҳибкорӣ хусусияти васеъ пайдо карда ,дар низоми иқтисодиёти кишвар нақши муҳимро иҷро мекунад. Ба ақидаи лауреати ҷоизаи Нобел оид ба иқтисодиёт олими машҳур Ф.Хайек соҳибкориро на намуди фаъолият ва

тавсифи рафтор, балки омӯхтани имкониятҳои нави иқтисодӣ меномид. Дар кори худ «Назарияи иқтисодӣ ва дониши он» менависад, ки соҳибкорӣ пеш аз ҳама ба озодӣ ва мустақилият алоқамандӣ дорад ва ин озодии шахсӣ барои инсон имкони истифодаи дониш ва даромади хешро медиҳад.

Муаллифони китоби «Экономикс» К.Р. Макконелл ва С.Л. Брю соҳибкориро ҳамчун захираи инсонӣ арзёбӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо, соҳибкор - шахсе мебошад, ки дар навбати аввал ташаббус ва хавфро ба ӯҳда гирифта, инчунин қарорҳои асосиро барои ҳалли бизнеси худ қабул мекунад [9, с.37].

Иқтисодчиёни амрикоӣ, чӣ тавре ки тадқиқот нишон медиҳад, соҳибкориро ҳамчун намуди фаъолият доир ба иҷрои лоиҳаҳои мухталиф маънидод мекунанд. Р.Хизрич бар он ақида мебошад, ки соҳибкорӣ ин як ҷараёни таъсиси чизи нав ба ҳисоб меравад ва дар баробари ин чизи нав бояд арзиш дошта бошад. Р.Хизрич, инчунин соҳибкорро ҳамчун шахсе, ки барои бизнеси худ вақт ва неруи худро сарф мекунад ва маҳз ҳамаи хавфҳоро ба ӯҳда гирифта, фоида ва даромадро ба даст меорад, тавсиф кардааст.

Дар ин ҷо сухан дар бораи бизнес рафт ва қайд кардан зарур аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ дар бисёр вақтҳо мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнес ҳамчун ҳаммаъно истифода мешаванд. Дарк кардан муҳим аст, ки категорияҳои мазкур, гарчанде мутақобилаи дутарафа дошта бошанд ҳам, нозукиҳои илмӣ дошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Тафовути асосии соҳибкор аз бизнесмен дар он ифода меёбад, ки соҳибкор лаёқати ихтироъ кардани фаъолияти навро дошта, онро метавонад дар сохтори нави соҳибкорӣ ташкил намояд. Дар баробари ин соҳибкорӣ ва бизнес қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти бозаргонӣ ба шумор меравaнд. Соҳибкорӣ аз рӯи лаёқати худруштёфта фарқ карда, таъсири он ба рушди иқтисодиёт зарурияти тадқиқоти илмии минбаъда ва ташаккулёбии симои мусбат дар тафаккури ҷомеа шарт мебошад. Рушди соҳибкорӣ метавонад тағйироти мухталифро дар ҳаёти хоҷагидорӣ тезонад. Маҳз соҳибкориро барои пешгирии ҳолати бӯҳрони иқтисодӣ ва сарчашмаи нави даромад даъват мекунанд [2, с.58].

Истилоҳи бизнес аз калимаи англисӣ буда, маънояш кор, фаъолият ё машғулият мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми мазкур ҳар хел маънидод шуда, шарҳи ягона надорад. Аз ин лиҳоз, зери мафҳуми бизнес ва соҳибкорӣ як намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки мақсади ба даст овардани фоида дорад, фаҳмида мешавад. Профессори англис А. Хоскинг дар тадқиқоти худ бизнесро ҳамчун фаъолият, ки аз тарафи шахсони инфиродӣ ва ташкилотҳо бо мақсади ба даст овардани неъматҳои табиии истеҳсолот ҳангоми мубодилаи мол ва хизматрасонӣ сурат мегирад, маънидод мекунад [13, с.58].

Умуман, фарқияти соҳибкорӣ аз бизнес дар сатҳи афкор мавҷуд мебошад. Соҳибкор шахсест, ки қобилияти соҳибкорӣ, ғоя, эҷодкорӣ, ташкилотчигӣ ва фантазияи бой дошта, дар фаъолияти худ онҳоро татбиқ карда метавонад.

Дар марҳилаи мазкури тадқиқот қайд кардан мумкин аст, ки соҳибкорӣ дар шароити муосир хусусияти нав пайдо карда, асоси онро навоварӣ, эҷодкорӣ ва инчунин малакаи баланди истифодаи имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда ташкил менамояд. Соҳибкорӣ фаъолияти бисёрҷабҳаи иқтисодӣ, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагидорӣ, бахусус ба соҳаи иқтисодӣ тааллуқ дошта, тиҷорат ва мубодилаи молро низ дар бар мегирад. Чӣ тавре ки аз корҳои илмӣ бармеояд, соҳибкорӣ ва бизнес дар

воқеъ як чизро ифода мекунанд ва хусусиятҳои зиёди умумиро доро мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳам соҳибкорӣ ва ҳам бизнес барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлат мусоидат мекунанд. Бизнес ин фаъолияти озоди хоҷагидорӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият мебошад. Бизнес бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони мушаххас ба молу маҳсулот ва инчунин, ба пешниҳоди хизматрасонӣ равона мегардад ва дар ин замина фоидаро ба даст оварда, онро барои пеш бурдани фаъолият истифода мебарад. Аз ин лиҳоз, бизнесро ҳамчун соҳибкорӣ эътироф кардан аз он нуқтаи назар мумкин мебошад, ки ҳардуи онҳо ҷузъи муносибатҳои бозаргонӣ ба шумор рафта, мақсади асосиашон ба даст овардани фоида мебошад.

Назария ва таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон доданд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ, соҳибкорӣ дар шаклҳои гуногун амалӣ гардида, аз рӯи нишондиҳандаҳои мухталиф ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад. Чӣ тавре, ки мо дар марҳилаи тадқиқот шоҳид гаштем, соҳибкорӣ шаклҳо ва намудҳои зиёдеро дар шароити муосир пайдо кардааст, ки онҳо омилҳои муҳими рушди фаъолияти хоҷагидории муосирро ташкил менамоянд. Умуман, аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан ба маврид аст, ки ба се қисм ҷудо кардани соҳибкорӣ ва ё бизнес барои фаъолияти хоҷагидорӣ ва муайян намудани сатҳ ва рушди фаъолият муҳим мебошад. Соҳибкории хурду миёна ва инчунин соҳибкории калон махсусияти хос ва параметри хешро доро мебошад, ки аз рӯи онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соҳибкории хурду миёна барои рушди вазъи иқтисодиёту иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кишвар саҳми назаррасро доранд.

Ҳамин тариқ, соҳибкорӣ рушди босуръати иқтисодиёти миллиро муайян намуда, барои ташаккулёбии ММД ва дигар нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна дар кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ба шумор рафта ,оид ба васеъ гардонидани имкониятҳои он имрӯз тамоми заминаҳои лозима муҳайё шуда истодааст. Маҳз дар шароити кунунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ метавонад барои ташаккулёбии муҳити мусоиди фаъолияти хоҷагидорӣ заминаи устувор гузорад.

**Адабиёт:**


1. Абриянов Г. В. Предпринимательство: от теории к практике/ Г. В. Абриянов. - М., 2009 – 118 с.
2. Блудов А. М. Направления развития государственной политики регулирования предпринимательской деятельности в современных экономических условиях. /А.М.Блудов // Социально-экономические явления и процессы.- 2010. - №3. – С.23-34
3. Болатов Г. Генезис и развитие теории предпринимательства./ Г.Болотов, Ж.Дерин, Е.Семченко// Вестник Черниговского государственного технологического университета. Серия: Экономические науки. - 2011.- № 4 (54).- С.41-49.
4. Быкова Н.В. Оценка эффективности государственной поддержки малого предпринимательства: диссер. на соис. уч.ст. к.э.н. 08.00.05./Н.В. Быкова. - Санкт-Петербург, 2018. – 230 с.
5. Бусыгин А. В. Введение в предпринимательство. Книга для тех, кто задумывается о создании собственного дела/ М. А. В. Бусыгин.- 2014. – 51 с.
6. Заздравных Е.А.Развитие предпринимательства в условиях экономической дифференциации регионов России: диссер.к.э.н. 08.00.05. /Е.А.Заздравных.- Санкт-Петербург, 2018. - 192 с.
7. Комилов С.Д. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования. // С.Д.Комилов., Н.Х.Забиров - Душанбе: РИА Статус, 2004. - 119 с.

8. Макконнелл К.Р. Экономикс: в 2 т. /К.Р.Макконнелл., Р.Кэмпбелл., С.Л.Брю. - М.: Республика, 1992.- Т. 1. - 983 с.
9. Макс Вебер. Избранные произведения: Пер. с нем.; сост., общ. ред. и послесл. Ю.Н. Давыдова; предис. П.П. Гайденко; коммент. А.Ф. Филиппова. – М.: Прогресс, 1990. - 158 с.
10. Низамова Т.Д. Некоторые теоретические аспекты реструктуризации предприятий переходного периода./Т.Д. Низомова. // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «СИНО», 2014. - Т. 2. - № 2/10 (152). – С.10-17.
11. Обатуров А.А. Совершенствование системы государственного регулирования и поддержки малого и среднего предпринимательства в Санкт-Петербурге: диссер.к.э.н. 08.00.05. /А.А. Обатуров. - Санкт-Петербург, 2015.- 148 с.
12. Радаев В.Д. Малый бизнес и проблемы деловой этики: надежды и реальность. /В.Д. Радаев // Вопросы экономики. - 1996. - № 7.- 150-159 с.
13. Сей Ж.Б. Трактат о политической экономии. /Ж.Б. Сей. - М.: Экономика, 1986.- 149 с.
14. Содиков М.С. Эффективность развития конкурентоспособных форм малого и среднего предпринимательства в Таджикистане (на материалах сельскохозяйственных предприятий Горно-Бадахшанской автономной области): диссер к.э.н. 08.00.05. /М.С. Содиков М.С.- Душанбе, 2010.- 150 с.
15. Хисамутдинов И.А. Основы экономики и теории рынка/И.А. Хисамутдинов М.: - 2010.- 118 с.

**УДК: 33: 379.85**

## ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғафорова Маҳбуба Сатторовна*** *- ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 906445258.*

*Дар мақола таърихи ташаккулёбӣ ва рушди туризм, нақши туризм ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воридшавии он ба гардиши илм дида баромада шудааст. Туризм яке аз соҳаи босуръат рушдкунанда дар ҷаҳон маҳсуб меёбад ва бештари ҷойҳои кориро таъмин менамояд. Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба инкишоф саноати туристӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ба шумор меравад. Инчунин, масъалаҳои рушди туризм дар Тоҷикистон имкониятҳои рушди он, таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта дар соҳаи туризм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, тавсифоти хизматрасониҳо ва мушаххасоти бо ин алоқаманди идоракунии ташкилотҳои саноати туризм, рушди соҳаи нақлиёт ва саҳми он дар инкишофи туризм дида баромада шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** туризм, *минтақаи туристӣ, фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи туризм, бӯҳрони молиявӣ, рушди туризм, иқтисодиёт, ширкатҳои туристӣ, меҳмонхонаҳо, тадқиқот.*

## *СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*

***Гафорова Махбуба Сатторовна*** *– ассистент кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067 Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 906445258.*

*В статье исследуется история становления и развития туризма, роль туризма в экономическом развитии Республики Таджикистан и его вхождение в научное сообщество. Туризм - одна из самых быстрорастущих отраслей в мире, обеспечивающая наибольшее количество рабочих мест. Во многих развивающихся странах индустрия туризма - одна из самых прибыльных. Также обсуждались вопросы развития туризма в Таджикистане, возможности его развития, передовой опыт развитых стран в сфере туризма. Также рассмотрены характеристики услуг и связанные с ними особенности управления организациями туристической отрасли, развитие транспортного сектора и его вклад в развитие туризма.*

***Ключевые слова:*** *туризм, туристический регион, инновационная деятельность в сфере туризма, финансовый кризис, развитие туризма, экономика, туристические компании, гостиницы, исследование.*

## *SOCIO-ECONOMIC FACTORS OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Gaforova M.S. -*** *researcher of the Department of Management of the Tajik State Financial and Economic University. Address: st. Nakhimova 64/14, 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Tel: (+992) 906445258.*

*The article examines the history of the formation and development of tourism, the role of tourism in the economic development of the Republic of Tajikistan and its entry into the scientific community. Tourism is one of the fastest growing industries in the world, providing the largest number of jobs. In many developing countries, the tourism industry is one of the most profitable. Also discussed were the development of tourism in Tajikistan, the possibilities of its development, advanced experience of developed countries in the field of tourism. The characteristics of services and related features of management of organizations in the tourism industry, the development of the transport sector and its contribution to the development of tourism are also considered.*

***Key words.*** *Tourism, tourist region, innovative activity in the field of tourism, financial crisis, tourism development, economics, travel companies, hostel, study.*

Туризм шуғлест, ки усулҳои ташкили истироҳатро тавассути солимгардонӣ, шиносоӣ, динӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар ҳадафҳои воситаҳои саёҳат ва иқомати муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимиро дар бар мегирад.

Турист - шаҳрванд истифодабарандаи хизматрасонии туристӣ, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба кишвари дигари муваққатӣ ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истисноӣ ҳаҷ), тиҷорат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба саёҳат сафар мекунад [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва захираҳои нотакрори табиию фароғатӣ мебошад, ки барои эҳё ва рушди минбаъдаи туризм ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар айни замон туризмро яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат баррасӣ намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида, ба рушди туризм дар ташкил намудани дастрасии бештари сайёҳони хориҷӣ, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷудаи туристӣ ва санаторию курортӣ шароити дурусти ҷалби сайёҳон заминаи мусоид фароҳам сохтааст.

Дар шароити имрӯза дар соҳаи туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ширкатҳое фаъолият менамоянд, ки сатҳи баланди хизматрасониҳоро дороянд, аз ҷумла: ҶДММ «Расулсохтмон», «Ором Саёҳат», «Горные путешествия Памира», «Суғдиён-Помир Тур», «М.Тур», «Совет по туризму и экскурсиям», «Эл-Тур», «Дидори Шарқ» ва «Олами Саёҳат».

Соҳаи туризм дар замони муосир яке аз рукнҳои ҷараёни ҳамгироии ҷаҳонӣ маҳсуб гардида, ба ҳайси яке аз бахшҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имкон дорад равобити судманди байни кишварҳоро таъмин намояд. Маъмулан, туризм ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ; табодули мол, ҳамлу нақл, хизматрасонии марбут ба сармоягузорӣ, равобити илмиву технологӣ ва иттилоотӣ мусоидат мекунад. Ба дипломатияи мардумӣ тақвият мебахшад, ки дар натиҷа ба наздикшавии маънавӣ ва фарҳангии миллатҳо замина мегузорад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар соҳаи туризм тадқиқоти маркетингиро пурзӯр намоем, чунки тамоми сайёҳои ҷаҳон, ки ба кишвари

мо ташриф меоранд, аз ин ё он маҳсулот баҳри хотира мондан аз макони саёҳаткардаашон харидорӣ менамояд.

Мувофиқи маълумоти ташкилоти туризми байналхалқӣ, суръати афзоиши туризми байналхалқӣ дар 1 сол 4,5-5%-ро ташкил медиҳад.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷаҳони муосир туризм ба ҳисоб меравад ва гуфтан мумкин аст, ки соҳаи туризм дар системаи иқтисодии мамлакат яке аз нақшҳои асосиро ишғол менамояд.

Давоми даҳсолаи охир соҳаи туризм дар иқтисодиёти кишварҳои дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон мавқеи муҳими иқтисодиро ишғол кардааст, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон низ манфиати соҳаи туризмро дарк намудааст ва ба ин соҳаи даромаднок аҳамияти муҳим медиҳад. Даромаднокии соҳаи туризмро аз ин ҷо фаҳмидан мумкин аст, ки дар баъзе манбаъҳои иттилоотӣ даромади соҳаи туризм ва меҳмоннавозиро дар соли 2000 тақрибан 461 миллиард доллар донистаанд ва тахмин кардаанд, ки он дар солҳои 2015-2020 ба 2 триллион доллар мерасад.

Доир ба масъалаҳои меҳмоннавозӣ дар мақолаи худ Ё.С. Қурбонов қайд менамояд, ки дар соҳаи сайёҳии муосир мақоми махсусро саноати меҳмоннавозӣ ишғол менамояд [6, с. 230].

Барои аксар кишварҳои ҷаҳон сайёҳӣ ҳамчун манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки бозори хизматрасонии меҳмонхонавӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ояндаи хуб дорад. Ташкил кардани воситаҳои нави ҷойгиркунии одамон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои мушаххас мусоидат мекунад.

Айни замон микдори нокифояи корхонаҳои меҳмонхонавӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат, сохтори номукаммали онҳо, мувофиқат накардан ба талаботи истеъмолкунандагон, баландшавии сатҳи қонеъгардонии талаботҳо ба хизматҳои меҳмонхона ба рушди соҳа монеа мешаванд. Вобаста ба ин, зарурати қонеъгардонии талаботҳои истифодабарандагони хизматҳои меҳмонхона маҳз бо корхонаҳои навъи меҳмонхонавӣ ба миён меояд, ки таъсиси онҳо дар минтақаи мушаххас мувофиқи мақсад аст.

Дар чунин шароит соҳибмулкони меҳмонхонаҳо ва сармоягузоронро зарур аст, ки воситаҳо ва механизмҳои идоракунии самараноки рақобатпазирии меҳмонхонаҳоро бо мақсади рушди устувори онҳо ҷустуҷӯ намоянд. Зарурати таҳия кардани механизми ташкилию иқтисодии амалкунӣ ва идоракунии стратегияи маҷмааи меҳмонхонаҳо, бунёд кардани воситаҳои босамари татбиқи амалии онҳо бо назардошти таҷрибаи таърихии ташаккул ва инкишофи меҳмонхонаҳо, такмили назария ва амалияи муосири идоракунӣ ба миён меояд.

Масалан: дар Испания қариб 70%-и даромад маҳз ба соҳаи туризм рост меояд ва бештари он даромадҳо ба меҳмонхонаҳои сатҳҳои гуногуни кишвар бадастоварда мебошанд.

Аз ин рӯ, туризми байналхалқӣ барои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд, инчунин васеъ намудани навъҳои гуногуни хизматрасониҳо ва инкишофи истеҳсоли мол ва хизматрасонии миллӣ низ бо таъсири ин соҳа ба вуҷуд меояд [5, с. 124].

М.Н. Ашуров дар мақолаи худ қайд менамояд, ки баҳри баландбардории рушди маркетинги сайёҳӣ мобояд технологияи иттилоотӣ ва шабакаи глобалии интернетро дуруст ба роҳ монем [4, с. 75].

А. Примкулов бошад, дар асари худ қайд менамояд, ки дар натиҷаи хароҷоте, ки туристони хориҷӣ мекунанд, ба давлат даромадҳои зиёде морад ба монанди:

- даромади фирмаҳои туристӣ меафзояд;
- таъминкунандагони мол ва хизмат меафзоянд, ки дар навбати худ талабот ба мол ва хизматрасонӣ афзоиш ёфта, даромади ҳамаи соҳаҳо низ зиёд мегардад;
- даромади худи аҳолии мамлакат меафзояд, ки ин ҳолат ба бизнеси туристӣ вобаста мебошад [7].

Туризми байналхалқӣ соҳаи васеъ ва зудтараққикардаистодаи хоҷагии ҷаҳони муосир ба шумор меравад ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни ин соҳа барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад, зеро ҷумҳурии мо қариб ҳамаи заминаҳоро бароиривоҷу равнақ додани соҳаи туристӣ доро мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки туризм ба афзоиши шуғли аҳолии мамлакат мусоидат менамояд ва ба инкишофёбии давлатҳои алоҳидаи хоҷагии ҷаҳон таъсир мерасонад. Бо имкониятҳои васеъшавии савдои байналхалқӣ ва намудҳои дигари муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, инчунин, соҳаҳои хизматрасонии туристӣ ҳам инкишоф мeёбанд.

Барои инкишофи соҳаи туризм дар ҶТ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ “Дар бораи туризм” 3 сентябри соли 1999, Консепсияи рушди туризм барои солҳои 2009-2019.

Инчунин, барои равнақ ёфтани соҳаи туризм дар ҷумҳурӣ як қатор минтақаҳо ҳамчун минтақаи туристӣ эълон гардиданд, ки инҳо ба шумор меравaнд: минтақаи туристии Ромит, минтақаи туристии Варзоб, минтақаи туристии Қаратоғ, минтақаи туристии Помир (Гармчашма), инчунин хотиррасон кардан ба маврид аст, ки мавзеъҳои Сари Хосор, Ховалинг низ дар оянда барои қабул кардани сайёҳон мавзеи хуби сайёҳӣ эълон шудаанд. Вале қабули ин гуна қарорҳо кишварамон худ ба худ обод намешавад ва ё касе омада, соҳаи туризмро дар ин ҷо рушд намедиҳад. Барои ин мо танҳо худамон бо ёрию дастгирии Ҳукумат ва соҳибкорону кормандони муассисаҳои туристӣ, ширкатҳои туристӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳу табобатгоҳҳо ин масъалаҳоро ҳал кунем.

Дар Душанбешаҳр вобаста ба соҳаи туризм ва меҳмонпазирӣ дар тӯли солҳои истиқлолият дигаргуниҳои ҷиддие ба амал омад. Аз ҷумла, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳукумати шаҳр ва фарзандони меҳнатдӯсту заҳматкаш бунёди маҷмааи Исмоили Сомонӣ, Қасри миллат, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Парчами миллӣ, Нишони миллӣ, Боғи устод Рӯдакӣ, боғи Ирам, боғҳои истироҳатию фароғатӣ, меҳмонхонаю тарабхонаҳои муосиру ҳозиразамон пойтахтамонро ба яке аз маконҳои зебое табдил додааст, ки диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамоянд.

Соҳаи туризм имрӯз дар ҷараёни инкишоф буда, фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад, ки дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон ба соҳаи ташаккулёфтаистодаи соҳибкории калон мубаддал гаштааст.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои асосии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки ба кишвар ворид шудаанд (ҳазор нафар) | 119000 | 294000 | 308000 | 344000 | 320000 | 246000 | 463000 | 420000 | 490000 | 908000 |
| Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ҳамчун сайёҳ ба кишвар ворид шудаанд, ҳазор нафар | 130000 | 160000 | 183000 | 245000 | 207911 | 213265 | 413834 | 344903 | 430922 | 803000 |
| Шумораи сайёҳони ватанӣ, ки кишварро тарк кардаанд, мардум | 14503 | 11519 | 16464 | 17199 | 15443 | 29589 | 16363 | 19549 | 14420 | 20259 |
| Даромад аз хизматрасонии сайёҳӣ (бе андоз аз арзиши иловашуда), ҳазор сомонӣ | 3219,2 | 5346,7 | 6184,1 | 7136,5 | 6225,1 | 10989,6 | 9582,8 | 8422,1 | 9076,3 | 17765,6 |

*Сарчашма: Тоҷикистон дар рақамҳо // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе: -2016-2019. - 177 с.*

Ҳиссаи соҳибкории туристӣ тақрибан 6%-и маҷмӯи маҳсулоти миллии ҷаҳонӣ, 7%-и маблағгузории асосии умумӣ , 11%-и хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ ва инчунин 5% ҳамаи даромадҳои андозиро ташкил медиҳад. Ҳиссаи туризм дар муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ 7%-и содироти ҷаҳониро ташкил медиҳад.

Бахши сайёҳӣ ҳамчун падидаи нав ва яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёт дар ҷаҳони муосир арзёбӣ мегардад. Солҳои охир, даромаднокии ин бахш аз даромаднокии саноати нафту газ, автомобилсозӣ ва кимиё баландтар баҳогузорӣ гардида, ба ин соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, ҷиҳати рушди бахши сайёҳӣ корҳои мушаххас анҷом дода шуда, то имрӯз дастгириҳои беназире дар рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба чашм мерасад. Аз ҷумла, якчанд минтақаҳои байналмилалии сайёҳӣ ташкил карда шуда,

меҳмонхонаҳо ва марказҳои тиҷоратии ба талаботи муосир ҷавобгӯ сохта ба истифодаи умум пешниҳод карда шуданд, ки таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллӣ зиёд аст.

Сайёҳӣ дар тӯли даҳсолаҳо дар ҷаҳон новобаста ба бухронҳои иқтисодию молиявӣ, таҳаввулоти сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бо суръати устувор рушд намуда истодааст, ки ба он омори ҷаҳонии сайёҳӣ шаҳодат медиҳад.

Хуб мешуд, ки дар кишвар барои рушди соҳаи туризм муаммоҳои зерин ҳал шаванд:

1. Дар боби тайёр кардани кадрҳои соҳаи туризм: имрӯз вақти он расидааст, ки мутахассисони касбиро дар соҳаи туризм тайёр намоем;

2. Ба муассисаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорон қарзҳои имтиёзнок дода шавад, то ин ки соҳаи туризм рушду равнақ ёбад;

3. Имконияти аз байн бурдани раводидро ба роҳ монем, масалан чанд соли охир кишвари Туркия аз раводид даст кашидааст, ки бо ин кор саҳми назарраси даромади буҷаи давлат аз ҳисоби туризм ба назар мерасад;

4. Хуб мешуд, ки тариқи шабакаҳои телевизионӣ хатҳои сайру сайёҳие, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дошт, ба мисли «Шоми Душанбе», «Душанбе-Қалъаи Ҳисор» ва дигар хатҳои сайру сайёҳии маърифатӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ғайра эҳё ва ҷоннок карда шавад ва раванди хизматрасонии экскурсионӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар шаҳр намоиш дода шаванд;

5. Барои таъмини ҷиҳати экологӣ тозаю покиза нигоҳ доштани минтақаҳои ҷудогонаи туристӣ тамоми аъзои ҷомеа ҷалб карда шаванд;

6. Барои дастгирӣ намудани ширкатҳои туризм, ки сатҳи хуби хизматрасониро ба роҳ мондаанд, дар ҷумҳурӣ мукофотҳои давлатӣ таъин карда шавад;

7. Таъмини сатҳи мувофиқи менеҷменти давлатӣ ва хусусӣ, ҳамчунин ҳамоҳангии дақиқи амалиёти ҳокимияти марказӣ ва минтақавӣ;

8. Амнияти туристон ва нигоҳ доштани моликияти туристон;

9. Пешниҳод намудани хизматрасонии олӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ;

Баландбардории соҳаи туризм имконият фароҳам меорад, ки ҷойҳои нави корӣ зиёд карда шаванд ва даромаднокии меҳмонхонаҳои ҶТ зиёд гардад [6, с. 231].

Дар ҷадвали навбати маълумот доир ба фаъолияти субъектҳои хизматҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои хизматҳои туристӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 с.**

| Нишондиҳандаҳо | ВМКБ | Суғд | Хатлон | Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо | 33 | 52 | 36 | 35 | 14 |
| Ҳостелҳо | 6 | 2 | 2 | - | 2 |
| Осоишгоҳҳо | 6 | 18 | 6 | - | 14 |
| Марказҳои муолиҷавӣ ва хонаҳои истироҳатӣ | | 5 | 1 | - | 2 |

*Сарчашма: Аз тарафи муаллиф бо истифода аз маълумоти Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.*

Қайд кардан бамаврид аст, ки беҳтар кардани субъектҳои хизматҳои туристӣ дар кишвар имконияти баландбардории сатҳи зиндагонии мардумро ба миён меорад.

Бинобар ин, мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи туризм дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои таъсиси маҳсулоти сифатноки таблиғотию иттилоотӣ оид ба туризм, аз ҷумла нашри маҷаллаҳои туристӣ, харитаҳои туристӣ, сабти видеофилмҳо, таҳияи сайти интернетии инъикоскунандаи иқтидор ва шароитҳои хизматрасонии туристӣ мунтазам тадбирҳо андешанд.

Баҳри хубтар гардонидани шароит барои туристон моро зарур аст, ки доир ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани шароит дар маконҳои туристӣ ва меҳмонхонаҳои ҶТ тадқиқотҳо гузаронида, камбудиҳои ҷойдоштаро ҳарчи зудтар бартараф намоем.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018. [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 21.04.2020с.)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», 1999. - №9.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.- 177с.
4. Ашуров М.Н. Роль информационных технологий в развитии маркетинга / М.Н.Ашуров // Кишоварз, 2019. - №1.- С.75-81..
5. Балабанов И.Т. Экономика туризма: учеб.пособие / И.Т. Балабанов, А. И. Балабанов. - М., 2003.- 124с.
6. Курбонов Ё.С. Разработка комплексной стратегии по управлению на предприятиях гостиничного комплекса / Ё.С. Курбонов //Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: Сино, 2015. - №2/8 (181). - С.231-235.
7. Примкулов А. Туризм в Таджикистане: достижения и барьеры / А. Примкулов, Д. Христолюбова. [Электронный ресурс]. URL https://asiaplus.tj/ru (дата обращения: 12.10.2020г.)
8. Соколова М.В. История туризма / М.В. Соколова. - Москва: Издательский центр «Академия», 2010. – С.70-75.
9. Папирян Г.А. Экономика туризма /Г. А. Папирян//. - М.: Финансы и статистика, 2000. - 208 с.
10. Темный Ю. В. Экономика туризма: Учебник. / Ю. В. Темный, Л. Р. М. Темная, 2003. – 230с.
11. Шакиров К. Туризм и устойчивое развитие в Таджикистане:/ К. Шакиров.- Исследовательский обзор, 2014. - №3.- С.6-7.

## МУНДАРИҶА


| ИҚТИСОДӢ | |
|---|---|
| *Хайрзода Ш.Қ.* ДИГАРГУНШАВИИ СОХТОРИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ НОУСТУВОРИИ МОЛИЯВӢ | 7 |
| *Раҳимзода Ш., Хоҷаев Б.Б.* ҚАРЗДИҲИИ ХУРД ДАР ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШД | 19 |
| *Сафолзода М.К.* ТОҶИКИСТОН ВА АФҒОНИСТОН: ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ | 26 |
| *Сафаров Б.Г., Давлатов Ф.Х.* РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ҲАМГИРОИИ МЕЗОИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН | 35 |
| *Рахимов А.М., Джураев Ф.М. Темиров К.О.* ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶОЙГИРКУНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ АГРАРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА | 43 |
| *Убайдуллоев Ф.К.* ТАҲЛИЛИ РЕТРОСПЕКТИВИИ ТАФСИРИ АДОЛАТИ ТАҚСИМОТӢ ҲАМЧУН МАҚУЛАИ ИҚТИСОДӢ | 54 |
| *Муслихова Т.Т.* ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ ВАСЕЪ ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ: ИНТЕНСИФИКАТСИЯ ВА САМАРАНОКИИ ОН | 63 |
| *Турсунов Т.Х.* ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН (с.2008-2020) | 68 |
| *Муртазоев Н., Азизқулов Б.Ҷ.* АСОСҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ЗЕРСОХТОРИ БОЗОРИ САРМОЯИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 77 |
| *Ашуров М.Н., Бобоев Ҷ.К.* МУАММОҲОИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ САВДОИ НАЗДИСАРҲАДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 85 |
| *Алиев О. М.* ТАҲАВВУЛОТИ КОНСЕПСИЯҲОИ АСОСИИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ | 91 |
| *Садриддинов М. И., Амонзода А.* МОДЕРНИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА ДАР АСОСИ ИСТИФОБАРИИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ТАБИӢ-ЗАХИРАВӢ | 98 |
| *Камолов К. З., Ҳусайнов М. С.* ТАКМИЛИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА ВА ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ | 106 |
| *Сафаров И. Н., Юнусзода Х. Қ.* САМАРАНОКИИ ТАЪМИНОТИ СУБВЕНСИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КУҲИСТОНИ БАДАХШОН | 114 |
| *Аллашукуров Б.Э., Фатҳиддинзода Қ.Қ.* ШАРТ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ | 120 |
| *Тураев Н. А., Одинаев Ш. Т., Шамсуддинов А. Х.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ РАВАНДИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 127 |
| *Бадалов Ш. Қ.* БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИНТИХОБИ ТАРҲИ ПАРДОХТИ МЕҲНАТ ВА ПОДОШ ДАР КОРХОНАҲОИ МУОСИР | 134 |
| *Маликова Р. Э.* БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРМАНДОН | 140 |
| *Сайфуллозода С.* ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ РУШДИ АМАЛИЁТИ АСЪОРӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ | 146 |
| *Абдуллоев С. И.* ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР СОХТОРИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ | 154 |
| *Эшбеков Т. Ҳ.* ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА РУШДИ СОҲАИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 162 |
| *Сафаров Х.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ КАСРИ БУҶЕТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 170 |
| *Кошонов П. С.* ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 176 |
| *Ёқубова Г. Д.* БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР | 186 |
| *Ғафорова М. С.* ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 193 |

## СОДЕРЖАНИЕ


| ЭКОНОМИЧЕСКИЕ | |
|---|---|
| *Хайрзода Ш.К.* ТРАНСФОРМАЦИЯ СТРУКТУРЫ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОЙ НЕСТАБИЛЬНОСТИ | 7 |
| *Рахимзода Ш., Ходжаев Б. Б.* МИКРОКРЕДИТОВАНИЕ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ | 19 |
| *Сафолзода М. К.* ТАДЖИКИСТАН И АФГАНИСТАН: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО И НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА | 26 |
| *Сафаров Б. Г., Давлатов Ф.* Х. РАЗВИТИЕ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН КАК ФОРМА МЕЗОЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН МИРА | 35 |
| *Рахимов А. М., Джураев Ф. М., Темиров К. О.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗМЕЩЕНИЯ АГРАРНОГО ПРОИЗВОДСТВА В ЭКОНОМИКЕ РЕГИОНА | 43 |
| *Убайдуллоев Ф. К.* РЕТРОСПЕКТИВНЫЙ АНАЛИЗ ИНТЕРПРЕТАЦИИ ДИСТРИБУТИВНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ КАК ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КАТЕГОРИИ | 54 |
| *Муслихова Т. Т.* РАСШИРЕННОЕ ВОСПРОИЗВОДСТВО В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ: ИНТЕНСИФИКАЦИЯ И ЕЕ ЭФФЕКТИВНОСТЬ | 63 |
| *Турсунов Т.Х.* ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ (2008-2020 гг.) | 68 |
| *Муртазоев Н., Азизкулов Б. Дж.* ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЫНКА ФИНАНСОВОГО КАПИТАЛА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 77 |
| *Ашуров М. Н., Бобоев Дж. К.* ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРИГРАНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 85 |
| *Алиев О. М.* ЭВОЛЮЦИЯ ОСНОВНЫХ КОНЦЕПЦИЙ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ | 91 |
| *Садриддинов М. И., Амонзода А.* МОДЕРНИЗАЦИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ НА ОСНОВЕ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРИРОДНО-РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА | 98 |
| *Камолов К. З., Хусайнов М. С.* УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ РОСТА СТРАХОВОГО РЫНКА И ЕГО ШИРОКАЯ ВОЗМОЖНОСТЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ | 106 |
| *Сафаров И. Н., Юнусзода Х. К.* ЭФФЕКТИВНОСТЬ СУБВЕНЦИОННОЙ ПОДДЕРЖКИ ГОРНО-БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ | 114 |
| *Аллашукуров Б.Э., Фатҳиддинзода К.К.* УСЛОВИЯ И ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТНОСПОСОБНОСТИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА | 120 |
| *Тураев Н. А., Одинаев Ш. Т., Шамсуддинов А. Х.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРОЦЕССА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 127 |
| *Бадалов Ш. К.* НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ВЫБОРА МОДЕЛИ ОПЛАТЫ ТРУДА И ВОЗНАГРАЖДЕНИЯ НА СОВРЕМЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ | 134 |
| *Маликова Р. Э.* НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ ФОРМИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ РАБОТНИКОВ | 140 |
| *Сайфуллозода С.* СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЙ БАЗЫ РАЗВИТИЯ ВАЛЮТНЫХ ОПЕРАЦИЙ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ | 146 |
| *Абдуллоев С. И.* ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СТРУКТУРЕ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА | 154 |
| *Эшбеков Т.Х.* АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ И РАЗВИТИЯ СФЕРЫ СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 162 |
| *Сафаров Х.* ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ БЮДЖЕТНЫМ ДЕФИЦИТОМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ | 170 |
| *Кошонов П.С.* ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ИННОВАЦИОННОЕ | 176 |

| | |
|---|---|
| РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | |
| *Ёкубова Г. Д.* НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ РЫНКА | 186 |
| *Гафорова М.С.* СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 193 |
| | |


**THE CONTENTS**


| ECONOMY | |
|---|---|
| *Khairzoda Sh.K.* TRANSFORMATION OF THE BANKING SYSTEM STRUCTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN UNDER THE CONDITIONS OF FINANCIAL INSTABILITY | 7 |
| *Rakhimzoda Sh., Khojaev B. B.* MICROCREDIT IN RURAL AREAS REPUBLIC OF TAJIKISTAN: MODERN CONDITION AND DEVELOPMENT PROSPECTS | 19 |
| *Safolzoda M. K.* TAJIKISTAN AND AFGHANISTAN: STATE AND PROSPECTS OF COMMERCIAL AND ECONOMICAL, SCIENTIFIC AND TECHNICAL COOPERATION | 26 |
| *Safarov B. G., Davlatov F. H.* DEVELOPMENT OF FREE ECONOMIC ZONES AS A FORM OF MESOECONOMIC INTEGRATION OF THE COUNTRY OF THE WORLD | 35 |
| *Rakhimov A.M., Juraev F. M., Temirov K.O.* THEORETICAL ASPECTS OF PLACING AGRICULTURAL PRODUCTION IN THE ECONOMY OF THE REGION | 43 |
| *Ubaidulloev F. K.* RETROSPECTIVE ANALYSIS OF THE INTERPRETATION OF DISTRIBUTIONAL JUSTICE AS AN ECONOMIC CATEGORY | 54 |
| *Muslikhova T. T.* ADVANCED REPRODUCTION IN AGRICULTURE: INTENSIFICATION AND ITS EFFICIENCY | 63 |
| *Tursunov T. Kh.* ECONOMIC COOPERATION OF TAJIKISTAN AND INDIA (2008-2020) | 68 |
| *Murtazoev N., Azizkulov B. Dzh.* INSTITUTIONAL FRAMEWORK FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL CAPITAL MARKET INFRASTRUCTURE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 77 |
| *Ashurov M. N.,Boboev J. K.* PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF BORDER TRADE INFRASTRUCTURE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 85 |
| *Aliev O.M.* FOOD SECURITY CONCEPTUAL BASES EVOLUTION | 91 |
| *Sadriddinov M. I., Amonzoda A.* MODERNIZATION OF THE REGIONAL ECONOMY BASED ON EFFECTIVE USE OF NATURAL RESOURCE POTENTIAL | 98 |
| *Kamolov K. Z., Khusainov M. S.* IMPROVING THE GROWTH OF THE INSURANCE MARKET AND ITS EXPANDED OPPORTUNITIES IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY | 106 |
| *Safarov I. N.,Yunuszoda H. K.* EFFICIENCY OF SUBVENTIONAL SUPPORT GORNO-BADAKHSHAN AUTONOMOUS REGION | 114 |
| *Allashukurov B.E., Fatkhiddinzoda K.K.* CONDITIONS AND FACTORS OF DEVELOPMENT COMPETITIVENESS AGRICULTURE | 120 |
| *Turaev N. A., Odinaev Sh. T., Shamsuddinov A. Kh.* THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION OF AN INNOVATIVE PROCESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 127 |
| *Badalov Sh. K.* SOME ISSUES CHOICE OF THE MODEL OF PAYMENT AND EMPLOYEE BENEFITS IN MODERN ENTERPRISES | 134 |
| *Malikova R. E.* ISSUES OF ASSESSING THE FORMATION OF COMPETITIVENESS OF EMPLOYEES | 140 |
| *Saifullozoda S.* IMPROVING THE REGULATORY FRAMEWORK FOR THE DEVELOPMENT OF FOREIGN EXCHANGE TRANSACTIONS IN COMMERCIAL BANKS | 146 |
| *Abdulloev S. I.* GOVERNMENT CONTROL OF SMALL AND MIDDLE | 154 |

| | |
|---|---|
| ENTERPRISE IS IN STRUCTURE OF AGROINDUSTRIAL COMPLEX | |
| *Eshbekov T. H.* THE ANALYZE OF CONDITION DEVELOPMENT OUTLOOK IN THE INSURANCE ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 162 |
| *Safarov Kh.* THEORETICAL AND METHODICAL ASPECTS OF BUDGET DEFICIENCY MANAGING IN MODERN CONDITIONS | 170 |
| *Koshonov P.* S. INNOVATION DEVELOPMENT IMPACTING FACTORS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 176 |
| *Yokubova G. D.* SOME THEORETICAL QUESTIONS OF DEVELOPMENT OF ENTERPRISE IN THE CONDITIONS OF MARKET | 186 |
| *Gaforova M.S.* SOCIO-ECONOMIC FACTORS OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 193 |
| | |
| | |

Муҳаррири масъул: Носиров С.Ш.
Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Ҳакимова Р.Н., Ҷобиров Н.М.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Сайти ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Носиров С.Ш.
Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Хакимова Р.Н., Джобиров Н.М
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

Responsible editor: Nosirov S. Sh.
Editors: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh., Hakimova R.N., Jobirov N.M.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

**Layout and design F. Ubaidulloev**
Signed to print on 18/09/2020
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 12,5 conv. b.p. Circulation 100 copies.
Printed in the printing house of TSUFE

**Верстка и дизайн Ф. Убайдуллоев**

Подписано в печать 18/09/2020
Формат 60x84 1/16. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 12,5 усл. печ.л. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ